# Ҷозиба ва дофиаи Алӣ

*Муртазо Мутаҳҳарӣ*

**Баргардон ва таҳия аз:**

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

# Фехрист


Пешгуфтор ..... 3
Муқаддима ..... 7
Қонуни ҷазбу дафъ ..... 7
Ҷозиба ва дофиа дар ҷаҳони инсон ..... 8
Ихтилофи инсонҳо дар ҷазбу дафъ ..... 9
Алӣ шахсияти дунерӯӣ ..... 15
**Бахши аввал ..... 17**
Ҷозибаҳои нерӯманд ..... 17
Ташайюъ, мактаби муҳаббат ва ишқ ..... 19
Иксири муҳаббат ..... 21
Ҳисоршиканӣ ..... 24
Ишқ, созанда ё харобкунанда? ..... 25
Муҳаббат ва иродат ба авлиё ..... 29
Нерӯи муҳаббат дар иҷтимоъ ..... 32
Беҳтарин василаи таҳзиби нафс ..... 33
Намунаҳое аз таърихи ислом ..... 38
Ҳубби Алӣ дар Қуръон ва суннат ..... 44
Рамзи ҷозибаи Алӣ ..... 47
**Бахши дуввум ..... 50**
Нерӯи дофиаи Алӣ (а) ..... 50
Душмансозии Алӣ ..... 50
Нокисин, қоситин ва мориқин ..... 52
Пайдоиши Хавориҷ ..... 53
Усули ақоиди Хавориҷ ..... 58
Ақидаи Хавориҷ дар боби хилофат ..... 59
Ақидаи Хавориҷ дар бораи хулафо ..... 60
Инқирози Хавориҷ ..... 60
Шиор ё руҳ? ..... 60
Демукросии Алӣ ..... 65
Қиём ва туғёни Хавориҷ ..... 66
Мумайизоти Хавориҷ ..... 67
Сиёсати Қуръон бар найза кардан ..... 82
Лузуми пайкор бо нифоқ ..... 85
Алӣ, имом ва пешвои ростин ..... 87

بِسْمِ اللّٰهِ الرَّحْمٰنِ الرَّحِيمِ

# Пешгуфтор

Шахсияти азим ва густардаи амирулмӯъминин Алӣ (а) васеътар ва мутанаввеътар аз ин аст, ки як фард битавонад дар ҳамаи ҷонибҳо ва ноҳияҳои он ворид шавад ва тавсани (аспи саркаши) андешаро ба ҷавлон оварад. Барои як фард ҳадди аксаре, ки муяссар аст ин аст, ки як ё чанд ноҳияи муайян ва маҳдудро барои мутолеа ва баррасӣ интихоб кунад ва ба ҳамон қаноат варзад. Яке аз ҷонибҳо ва ноҳияҳои вуҷуди ин шахсияти азим, ноҳияи таъсири ӯ бар рӯйи инсонҳо ба шакли мусбат ё манфӣ аст ва ба иборати дигар "ҷозиба ва дофиа"-и нерӯманди ӯст, ки ҳанӯз ҳам нақши фаъоли худро ифо менамояд ва дар ин китоб дар бораш гуфтугӯ шудааст.

Шахсияти афрод аз назари аксуламалсозӣ дар руҳҳо ва ҷонҳо яксон нест. Ба ҳар нисбат, ки шахсият ҳақиртар аст, камтар хотирҳоро ба худ машғул медорад ва дар дилҳо ҳаяҷон ва мавҷ эҷод мекунад ва ҳар чи азимтар ва пурнерӯтар аст, хотираангезтар ва аксуламалсозтар аст, хоҳ аксуламали мувофиқ ё мухолиф.

Шахсиятҳои хотираангез ва аксуламалсоз зиёд бар сари забонҳо меафтанд, мавзӯъи мушоҷараҳо ва муҷодалаҳо қарор мегиранд, мавзӯъи шеъру наққошӣ ва ҳунарҳои дигар воқеъ мешаванд, қаҳрамони достонҳо ва навиштаҳо мегарданд. Инҳо ҳама чизҳое аст, ки дар мавриди Алӣ (а) ба ҳадди аъло вуҷуд дорад ва ӯ дар ин ҷиҳат берақиб ва ё бисёр камрақиб аст. Гӯянд, Муҳаммад ибни Шаҳрошӯби Мозандаронӣ, ки аз акобири уламои имомия дар қарни ҳафтум аст, ҳангоме, ки китоби маъруфи "Маноқиб"-ро таълиф мекард, ҳазор китоб ба номи маноқиб, ки ҳама дар бораи Алӣ (а) навишта шуда буд, дар китобхонаи хеш дошт.

Ин як намуна мерасонад, ки шахсияти волои мавло дар тӯли таърих чӣ қадр хотирҳоро машғул медоштааст. Имтиёзи асосии Алӣ (а) ва соири мардоне, ки аз партави Ҳақ равшан будаанд ин аст, ки илова бар машғул доштани хотирҳо ва саргарм кардани андешаҳо, ба дилҳо ва руҳҳо нур ва ҳарорат ва ишқ ва нишот ва имон ва истеҳком мебахшанд.

Файласуфоне монанди Суқрот ва Афлотун ва Арасту ва Бӯалӣ ва Декарт низ қаҳрамони тасхири андешаҳо ва саргарм кардани хотирҳо ҳастанд. Раҳбарони инқилобҳои иҷтимоӣ, махсусан дар ду қарни ахир, илова бар ин, навъе таассуб дар пайравони худ ба вуҷуд оварданд. Машойихи ирфон пайравони хешро аҳёнан ончунон вориди марҳилаи "таслим" мекунанд, ки агар пири муғон ишорат кунад, саҷҷода ба май рангин менамоянд. Аммо дар ҳеч кадом аз онҳо гармӣ ва ҳарорат тавъам бо нармӣ ва латофат ва сафо ва риққате, ки дар пайравони Алӣ таърих нишон медиҳад, намебинем.

Агар Сафавия аз даровеш лашкаре ҷаррор ва муҷоҳидоне коромад сохтанд, бо номи Алӣ карданд, на бо номи худашон. Ҳусн ва зебоии маънавӣ, ки муҳаббат ва хулус эҷод мекунад, аз як мақула аст ва сиёдат ва манфиат ва маслиҳати зиндагӣ, ки колои раҳбарони иҷтимоӣ ва ё ақл ва фалсафа, ки колои файласуф аст ва ё исботи султа ва иқтидор, ки колои ориф аст, аз мақулаҳои дигар.

Маъруф аст, ки яке аз шогирдони Бӯалӣ Сино ба устод мегуфт, агар ту бо ин фаҳму ҳуши хориқулъода муддаъии нубувват шавӣ, мардум ба ту мегараванд ва Бӯалӣ сукут кард. То дар сафаре дар фасли зимистон, ки бо ҳам буданд, саҳаргоҳ Бӯалӣ аз хоб бедор шуд ва шогирдро бедор кард ва гуфт, ташнаам, қадре об биёвар. Шогирд таъаллул кард ва шурӯъ кард ба узр тарошидан. Ҳар чи Бӯалӣ исрор кард, шогирд ҳозир нашуд дар он зимистони сард бистари гармро тарк кунад.

Дар ҳамин вақт, фарёди муаззин аз болои маъзана баланд шуд, ки "Аллоҳу Акбар, Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ, Ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ." Бӯалӣ фурсатро муносиб дид, ки ҷавоби шогирдро бидиҳад. Гуфт, ту, ки муддаъӣ будӣ, агар ман иддаъои пайғамбарӣ кунам, мардум имон хоҳанд овард, акнун бибин фармони ҳузурии ман ба ту, ки солҳо шогирди ман будай ва аз дарси ман баҳра бурдай, он қадр нуфуз надорад, ки лаҳзае бистари гармро тарк кунӣ ва обе ба ман бидиҳӣ. Аммо ин марди муаззин пас аз чаҳорсад сол фармони Пайғамбарро итоат карда аз бистари гарм хориҷ шуда ва рафта бар рӯйи ин баландӣ ва ба ваҳдонияти Худо ва рисолати ӯ гувоҳӣ медиҳад. Бибин, тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо!

Оре, файласуфон шогирд месозанд, на пайрав, раҳбарони иҷтимоӣ пайравони мутаассиб месозанд, на инсонҳои муҳаззаб, ақтоб ва машойихи ирфон арбоби таслим месозанд, на мӯъмини муҷоҳиди фаъол.

Дар Алӣ ҳам хоссияти файласуф аст ва ҳам хоссияти раҳбари инқилобӣ ва ҳам хоссияти пири тариқат ва ҳам хоссияте аз навъи хоссияти паёмбарон. Мактаби ӯ ҳам мактаби ақл ва андеша аст ва ҳам мактаби савра ва инқилоб ва ҳам мактаби таслим ва инзибот ва ҳам мактаби ҳусн ва зебоӣ ва ҷазаба ва ҳаракат.

Алӣ (а) пеш аз он ки имоми одил барои дигарон бошад ва дар бораи дигарон ба адл рафтор кунад, худ шахсан мавҷуде мутаъодил ва мутавозин буд. Камолоти инсониятро бо ҳам ҷамъ карда буд. Ҳам андешае амиқ ва дуррас дошт ва ҳам авотифе рақиқ ва саршор. Камоли ҷисм ва камоли руҳро тавъам дошт. Шаб, ҳангоми ибодат, аз мосиво (ғайри Худо) мебуррид ва рӯз, дар матни иҷтимоъ фаъолият мекард. Рӯзҳо чашми инсонҳо мувосот ва аз худ гузаштагиҳои ӯро медид ва гӯшҳояшон панду андарзҳо ва гуфторҳои ҳакимонаашро мешунид ва шаб чашми ситорагон ашкҳои обидонаашро медид ва гӯши осмон муноҷотҳои ошиқонаашро мешунид. Ҳам муфтӣ буд ва ҳам ҳаким. Ҳам ориф буд ва ҳам раҳбари иҷтимоӣ. Ҳам зоҳид буд ва ҳам сарбоз. Ҳам қозӣ буд ва ҳам коргар. Ҳам хатиб буд ва ҳам нависанда. Билохира ба тамоми маънӣ як инсони комил буд бо ҳамаи зебоиҳояш.

Китоби ҳозир маҷмӯае аст аз чаҳор суханронӣ, ки дар рӯзҳои 18 то 21 моҳи мубораки Рамазони соли 1388 ҳиҷрии қамарӣ (1968 мелодӣ) дар Ҳусайнияи Иршод эрод шудааст. Ин китоб муштамил аст бар як муқаддима ва ду бахш. Дар муқаддима, куллиёте дар бораи ҷазбу дафъ ба таври умум ва ҷозиба ва дофиаи инсонҳо ба таври хусус баҳс шудааст. Дар бахши аввал, ҷозибаи Алӣ (а), ки ҳамвора дилҳоеро ба сӯйи худ кашида ва мекашад ва фалсафаи он ва фоида ва асари он, мавзӯъи баҳс қарор гирифтааст. Дар бахши дуввум, дофиаи нерӯманди он ҳазрат, ки чӣ гуна аносиреро ба сахтӣ тард мекард ва дур меандохт тавзеҳу ташреҳ шудааст.

Собит шуда, ки Алӣ (а) дунерӯӣ будааст ва ҳар кас, ки бихоҳад дар мактаби ӯ парвариш ёбад, бояд дунерӯӣ бошад. Назар ба ин ки дунерӯӣ будан ба танҳои кофӣ нест, ки муаррифи мактаби Алӣ бошад, дар ин китоб кӯшиш шуда, то ҳадди имкон нишон дода шавад, ки ҷозибаи Алӣ афроде аз чӣ тирозро ҷазб мекард ва дофиаи ӯ чӣ синх афродеро тард менамуд? Эй басо бархе аз мо, ки муддаъии пайравии мактаби ӯ ҳастем, ононро, ки Али ҷазб мекунад, дафъ кунем ва ононро, ки ӯ дафъ мекард, ҷазб кунем.

Дар қисмати дофиаи Алӣ ба баҳс дар бораи Хавориҷ иктифо шудааст ва ҳол он ки табақоти дигаре низ ҳастанд, ки машмули дофиаи Алӣ мебошанд. Шояд дар вақти дигар ва лоақал чопи дигари ин китоб, ин нақс монанди соири навоқиси китоб ҷуброн шавад. Заҳамоти ислоҳ ва такмили суханрониҳоро фозили баландқадр ҷаноби оқои Фатҳуллоҳи Умедӣ мутаҳаммил шудаанд. Ниме аз китоб ба қалами эшон аст, ки пас аз истихроҷ аз наворҳои забти савт, аз нав ба қалами худ навишта ва аҳёнан ислоҳ ва ё такмил кардаанд. Ними дигари он тақрири лафзии худи инҷониб аст ва ё аҳёнан баъд аз ислоҳи эшон, ба қалами худ чизҳое изофа кардаам.

Умедворам, маҷмӯъан асари муфид ва омӯзандае бошад. Аз Худованди Мутаъол масъалат дорем, ки моро аз мутобеъони воқеии Алӣ (а) қарор диҳад.

***Теҳрон, 11 исфанди 1349 шамсӣ (1970) мутобиқ бо 4-уми муҳаррамулҳароми 1391 қамарӣ***

***Муртазо Мутаҳҳарӣ***

# Муқаддима

— *Қонуни ҷазбу дафъ*

— *Ҷозиба ва дофиа дар ҷаҳони инсон*

— *Ихтилофоти инсонҳо дар ҷазбу дафъ*

— *Алӣ, шахсияти дунерӯӣ*

# Қонуни ҷазбу дафъ

Қонуни “ ҷазбу дафъ“ як қонуни умумӣ аст, ки бар сар то сари низоми офариниш ҳукумат мекунад. Аз назари ҷавомеъи илмии имрӯзи башар, мусаллам аст, ки ҳеч заррае аз зарроти ҷаҳони ҳастӣ, аз доираи ҳукумати ҷозибаи умумӣ хориҷ набуда ва ҳама маҳкуми онанд. Аз бузургтарин аҷсому аҷроми олам то кӯчактарин зарроти он дорои ин нерӯи мармуз ба номи нерӯи ҷозиба ҳастанд ва ҳам ба наҳве таҳти таъсир он мебошанд. Башари давронҳои бостон ба ҷозибаи умумии ҷаҳон пай набурда буд ва лекин ба вуҷуди ҷозиба дар бархе аҷсом пай бурда буд ва баъзе аз ашёро сумбули он медонист, чун магнет ва каҳрабо. Тоза, иртиботи ҷозибии онҳоро нисбат ба ҳама чиз намедонист, балки ба як иртиботи хоссе расида буд, иртиботи магнет ва оҳан, каҳрабо ва коҳ.

*Зарра-зарра, к-андар ин арзу самост,*

*Ҷинси худро ҳамчу коҳу қаҳрабост.*

*(Мавлоно)*

Аз инҳо, ки бигузарем, нерӯи ҷозибаро дар мавриди соири ҷамодот намегуфтанд ва фақат дар бораи замин, ки чаро дар васати афлок вуқуф кардааст, сухане доштанд. Мӯътақид буданд, ки замин дар васати осмон муъаллақ аст ва ҷозиба аз ҳар тараф онро мекашад. Ва чун ин кашиш аз ҳамаи ҷонибҳост, қаҳран дар васат истода ва ба ҳеч тараф мутамойил намегардад. Баъзе мӯътақид буданд, ки осмон заминро ҷазб намекунад, балки онро дафъ мекунад ва чун нерӯи ворид бар замин аз ҳамаи ҷонибҳо баробар аст, дар натиҷа замин дар нуқтаи хоссе қарор гирифта ва тағйири макон намедиҳад.

Дар наботот ва ҳайвонот низ ҳама қоил ба қувваи ҷозиба ва дофиа будаанд, ба ин маънӣ, ки онҳоро дорои се қувваи аслӣ: ғозия (тағзиякунанда), номия (нумӯкунанда) ва муваллида (тавлидкунанда) медонистанд ва барои қувваи ғозия чанд қувваи фаръӣ қоил буданд: ҷозиба, дофиа, ҳозима ва мосика. Ва мегуфтанд, дар меъда нерӯи ҷазбӣ аст, ки ғизоро ба сӯйи худ мекашад ва аҳёнан ҳам он ҷо, ки ғизоро муносиб наёбад дафъ

мекунад[1] ва ҳамчунин мегуфтанд, дар кабид (ҷигар) нерӯи ҷазбӣ аст, ки обро ба сӯйи худ ҷазб мекунад.

*Меъда нонро мекашад то мустақар,*

*Мекашад мар обро таффи ҷигар.*

*(Мавлоно)*

## Ҷозиба ва дофиа дар ҷаҳони инсон

Дар ин ҷо ғараз аз ҷазбу дафъ, ҷазбу дафъҳои ҷинсӣ нест, агарчӣ он низ худ навъи хоссе аз ҷазбу дафъ аст, аммо бо баҳси мо иртибот надорад ва худ мавзӯе мустақил аст. Балки мурод, он ҷазбу дафъҳое аст, ки дар миёни афроди инсон дар саҳнаи ҳаёти иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Дар ҷомеаи инсонӣ низ бархи ҳамкориҳо аст, ки бар асоси иштироки манофеъ аст. Албатта инҳо низ аз баҳси мо хориҷ аст.

Қисмати умдае аз дӯстиҳо ва рафоқатҳо ва ё душманиҳо ва кинатӯзиҳо, ҳама мазоҳире аз ҷазбу дафъи инсонӣ аст. Ин ҷазбу дафъҳо бар асоси синхият ва мушобеҳат ва ё зиддият ва мунофират пайрезӣ шудааст.[2] Ва дар ҳақиқат иллати асосии ҷазбу дафъро бояд дар синхият ва тазодд ҷустуҷӯ кард, ҳамчунон ки аз назари баҳсҳои фалсафӣ мусаллам аст, ки:

**السنخية علّة الانضمام**

Гоҳе ду нафар инсон якдигарро ҷазб мекунанд ва дилашон мехоҳад бо якдигар дӯсту рафиқ бошанд. Ин рамзе дорад ва рамзаш ҷуз синхият нест. Ин ду нафар то дар байнашон мушобеҳате набошад, ҳамдигарро ҷазб намекунанд ва мутамойил ба дӯстӣ бо якдигар нахоҳанд шуд. Ва ба таври куллӣ, наздикии ҳар ду мавҷуд, далел бар як наҳв мушобеҳат ва синхияте аст дар байни онҳо.

Дар Маснавӣ, дафтари дуввум достони ширинеро овардааст: ҳакиме зоғеро дид, ки бо лаклаке тарҳи дӯстӣ рехта бо ҳам менишинанд ва бо ҳам парвоз мекунанд. Ду мурғ аз ду навъ. Зоғ на қиёфааш ва на рангаш бо лаклак шабоҳате надорад. Таъаҷҷуб кард, ки зоғ бо лаклак чаро?! Наздики онҳо рафт ва диққат кард, дид, ҳар дуто ланганд.

*Он ҳакиме гуфт: дидам дар таке*

---

[1] *Аммо имрӯз сохтмони баданро мошине медонанд ва амали дафъро назири тулумба талаққӣ мекунанд.*

[2] *Бар хилофи он чи дар ҷараёни барқ гуфта мешавад, ки ду қутби ҳамном якдигарро дафъ мекунанд ва ду қутби ноҳамном якдигарро ҷазб мекунанд.*

*Медавидӣ зоғ бо як лаклаке.*

*Дар аҷаб мондам, биҷустам ҳолашон,*

*То чӣ қадри муштарак ёбам нишон.*

*Чун шудам наздик ман ҳайрону данг,*

*Худ бидидам, ҳардувон буданд ланг.*

Ин якпоя будан, ду навъ ҳайвони бегонаро бо ҳам унс дод. Инсонҳо низ ҳеч гоҳ бидуни ҷиҳат бо якдигар рафиқ ва дӯст намешаванд ҳамон тавре, ки ҳеч вақт бидуни ҷиҳат бо якдигар душман намешаванд. Ба ақидаи баъзе, решаи аслии ин ҷазбу дафъҳо ниёз ва рафъи ниёз аст. Инсон мавҷуде ниёзманд аст ва зотан мӯҳтоҷ офарида шуда, бо фаъолиятҳои пайгири хеш мекӯшад, то халаъҳои худро пур кунад ва ниёзҳояшро бароварад. Ва ин низ имконпазир нест ба ҷуз ин ки ба дастае бипайвандад ва аз ҷамъияте риштаи пайвандро бигсалад, то бад-ин васила аз дастае баҳра гирад ва аз зиёни дастаи дигар худро бираҳонад ва мо ҳеч гароиш ва ё инзиҷореро дар вай намебинем, магар ин ки аз шуъури истихдомии ӯ нузҷ гирифтааст.

Ва рӯйи ин ҳисоб, масолеҳи ҳаётӣ ва сохтмони фитрӣ, инсонро ҷозиб ва дофеъ парвардааст, то бо он чи дар он хайре эҳсос мекунад, биҷӯшад ва он чиро бо аҳдофи хеш мунофир мебинад, аз худ дур кунад ва дар муқобили он чи ғайр аз инҳост, ки на маншаъи баҳрае ҳастанд ва на зиёнборанд, беэҳсос бошад…

## Ихтилофи инсонҳо дар ҷазбу дафъ

Афрод аз лиҳози ҷозиба ва дофиа нисбат ба афроди дигари инсон, яксон нестанд, балки ба табақоти мухталифе тақсим мешаванд:

1) Афроде, ки на ҷозиба доранд ва на дофиа; на касе онҳоро дӯст ва на касе душман дорад; на ишқу алоқа ва иродатро бармеангезанд ва на адоват ва ҳасодат ва кина ва нафрати касеро, бетафовут дар байни мардум роҳ мераванд мисл ин аст, ки як санг дар миёни мардум роҳ биравад.

Ин, як мавҷуди соқит ва беасар аст. Одаме, ки ҳеч гуна нуқтаи мусбате дар ӯ вуҷуд надорад (мақсуд аз мусбат, танҳо ҷиҳати фазилат нест, балки шақоватҳо низ дар ин ҷо мақсуд аст), на аз назари фазилат ва на аз назари разилат, ҳайвоне аст ғизое мехӯрад ва хобе меравад ва дар миёни мардум мегардад, ҳамчун гӯсфанде, ки на дӯсти касе аст ва на душмани касе ва агар ҳам ба ӯ расидагӣ кунанд ва обу алафаш диҳанд, барои ин аст, ки дар мавқеъ аз гӯшташ истифода кунанд. Ӯ на мавҷи мувофиқ эҷод мекунад ва на мавҷи мухолиф. Инҳо як даста ҳастанд: мавҷудоти беарзиш ва инсонҳои пучу тиҳӣ, зеро

инсон ниёз дорад, ки дӯст бидорад ва ӯро дӯст бидоранд ва ҳам метавонем бигӯем, ниёз дорад, ки душман бидорад ва ӯро душман бидоранд.

2) Мардуме, ки ҷозиба доранд, аммо дофиа надоранд, бо ҳама меҷӯшанд ва гарм мегиранд ва ҳамаи мардум аз ҳамаи табақотро муриди худ мекунанд, дар зиндагӣ ҳама кас онҳоро дӯст дорад ва касе мункири онон нест, вақте ҳам, ки бимиранд, мусалмон бо Замзамашон мешӯяд ва ҳинду бадани онҳоро месӯзонад.

*Чунон бо неку бад хӯ кун, ки баъди мурданат Урфӣ,*

*Мусалмонат ба Замзам шӯяду ҳинду бисӯзонад.*

(*Урфӣ*)

Бино ба дастури ин шоир, дар ҷомеае, ки ниме аз он мусалмон аст ва ба ҷанозаи мурда эҳтиром мекунад ва онро ғусл медиҳад ва гоҳе барои эҳтироми бештар бо оби муқаддаси Замзам ғусл медиҳанд ва ниме ҳинду, ки мурдаро месӯзонанд ва хокистарашро бар бод медиҳанд, дар чунин ҷомеае, ончунон зиндагӣ кун, ки мусалмон туро аз худ бидонад ва бихоҳад туро пас аз марг бо оби Замзам ва ҳинду низ туро аз хеш бидонад ва бихоҳад пас аз марг туро бисӯзонад.

Ғолибан хаёл мекунанд, ки ҳусни хулқ ва лутфи муошират ва ба истилоҳи имрӯз “иҷтимоӣ будан“ ҳамин аст, ки инсон ҳамаро бо худ дӯст кунад. Аммо ин барои инсони ҳадафдор ва маслакӣ, ки фикр ва идеяеро дар иҷтимоъ таъқиб мекунад ва дар бораи манфиати худаш намеандешад, муяссар нест. Чунин инсоне хоҳ нохоҳ якрӯ ва қотеъ ва сареҳ аст, магар он ки мунофиқ ва дӯру бошад. Зеро ҳамаи мардум як ҷур фикр намекунанд ва як ҷур эҳсос надоранд ва писандҳои ҳама якнавохт нест. Дар байни мардум додгар ҳаст, ситамгар ҳам ҳаст, хуб ҳаст, бад ҳам ҳаст. Иҷтимоъ мунсиф дорад, мутаъадӣ дорад, одил дорад, фосиқ дорад ва онҳо ҳама наметавонанд як нафар одамро, ки ҳадаферо ба таври ҷиддӣ таъқиб мекунад ва хоҳ нохоҳ бо манофеъи баъзе аз онҳо тасодум пайдо мекунад, дӯст дошта бошанд. Танҳо касе муваффақ мешавад дӯстии табақоти мухталиф ва соҳибони идеяҳои мухталифро ҷалб кунад, ки мутазоҳир ва дурӯғгӯ бошад ва бо ҳар касе мутобиқи майлаш бигӯяд ва бинамоёнад. Аммо агар инсон якрӯ бошад ва маслакӣ, қаҳран як иддае бо ӯ дӯст мешаванд ва як иддае низ душман. Иддае, ки бо ӯ дар як роҳанд, ба сӯйи ӯ кашида мешаванд ва гурӯҳе, ки дар роҳе мухолифи он роҳ мераванд, ӯро тард мекунанд ва бо ӯ меситезанд.

Баъзе аз масеҳиён, ки худро ва кеши худро мубашшири муҳаббат муаррифӣ мекунанд, иддаъои онҳо ин аст, ки инсони комил фақат муҳаббат дораду бас, пас фақат ҷозиба дораду бас ва шояд бархе ҳиндуҳо низ инчунин иддаъоеро дошта бошанд.

Дар фалсафаи ҳиндӣ ва масеҳӣ аз ҷумлаи матолибе, ки бисёр ба чашм мехӯрад, муҳаббат аст. Онҳо мегӯянд, бояд ба ҳама чиз алоқа варзид ва ибрози муҳаббат кард ва вақте, ки мо ҳамаро дӯст доштем, чӣ монеъе дорад, ки ҳама низ моро дӯст бидоранд, бадҳо ҳам моро дӯст бидоранд, чун аз мо муҳаббат дидаанд.

Аммо ин оқоён бояд бидонанд, танҳо аҳли муҳаббат будан кофӣ нест, аҳли маслак ҳам бояд буд ва ба қавли Гондӣ дар “Ин аст мазҳаби ман“, муҳаббат бояд бо ҳақиқат тавъам бошад ва агар бо ҳақиқат тавъам буд, бояд маслакӣ буд ва маслакӣ будан хоҳ нохоҳ душмансоз аст ва дар ҳақиқат дофиае аст, ки иддаеро ба мубориза бармеангезпд ва иддаеро тард мекунад.

Ислом низ қонуни муҳаббат аст. Қуръон, Пайғамбари Акрамро –

**رحمة للعالمين**

— муаррифӣ мекунад:

**وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا رَحْمَةً لِلْعَالَمِينَ**

“*Нафиристодем туро магар ки меҳру раҳмате бошӣ барои ҷаҳониён*.” *(Анбиё/107*)

Яъне нисбат ба хатарноктарин душманонат низ раҳмат бошӣ ва ба онон муҳаббат кунӣ.[3] Аммо муҳаббате, ки Қуръон дастур медиҳад он нест, ки бо ҳар касе мутобиқи майл ва хушоянди ӯ амал кунем, бо ӯ тавре рафтор кунем, ки ӯ хушаш биёяд ва лузуман ба сӯйи мо кашида шавад. Муҳаббат ин нест, ки ҳар касеро дар тамоюлоташ озод бигузорем ва ё тамоюлоти ӯро имзо кунем. Ин муҳаббат нест, балки нифоқ ва дурӯӣ аст.

Муҳаббат он аст, ки бо ҳақиқат тавъам бошад. Муҳаббат, хайр расондан аст ва аҳёнан хайр расонданҳо ба шакле аст, ки алоқа ва муҳаббати тарафро ҷалб намекунад. Чи басо

---

[3] *Балки ӯ нисбат ба ҳама чиз меҳр меварзид, ҳатто ҳайвонот ва ҷамодот. Ва аз ин рӯ дар сираи ӯ мебинем, ки тамоми олоту абзори зиндагияш исме хосс дошт, асбҳо ва шамшерҳо ва аммомаҳояш ҳама исме хосс доштанд. Ва ин нест ҷуз ин ки мавҷудот, ҳамагон мавриди ибрози муҳаббат ва ишқи ӯ буданд ва гӯӣ барои ҳама чиз шахсияте қоил буд. Таърих ин равишро дар мавриди инсоне ғайри ӯ суроғ надорад. Ва дар ҳақиқат ин равиш ҳикоят мекунад, ки ӯ сумбули ишқу муҳаббати инсонӣ будааст. Вақте аз канори кӯҳи Уҳуд мегузашт, бо чашмони пурфурӯғ ва нигоҳи аз муҳаббат лабрезаш Уҳудро мавриди иноятӣ хеш қарор дод ва гуфт:*

**جبل يحبنا ونحبه**

*“Кӯҳе аст, ки моро дӯст дорад ва мо низ онро дӯст дорем.” Инсоне, ки кӯҳу санг низ аз меҳри ӯ баҳраманд аст.*

афроде, ки инсон аз ин раҳгузар ба онҳо алоқа меварзад ва онҳо чун ин муҳаббатҳоро бо тамоюлоти хеш мухолиф мебинанд, ба ҷойи қадрдонӣ, душманӣ мекунанд. Ба илова, муҳаббати мантиқӣ ва оқилона он аст, ки хайр ва маслиҳати ҷомеаи башарият дар он бошад, на хайри як фард ва ё як дастаи бахусус. Басо хайр расонданҳо ва муҳаббат карданҳо ба афрод, ки айни шарр расондан ва душманӣ кардан бо иҷтимоъ аст.

Дар таърихи муслеҳини бузург, бисёр мебинем, ки барои ислоҳи шуъуни иҷтимоии мардум мекӯшиданд ва ранҷҳоро ба худ ҳамвор месохтанд, аммо дар иваз ҷуз кина ва озор аз мардум ҷавобе намедиданд. Пас инчунин нест, ки дар ҳама ҷо муҳаббат, ҷозиба бошад, балки гоҳе муҳаббат ба сурати дофиае бузург ҷилва мекунад, ки ҷамъиятҳоеро алайҳи инсон муташаккил месозад.

Абдурраҳмон ибни Мулҷими Муродӣ аз сахттарин душманони Алӣ буд. Алӣ хуб медонист, ки ин мард барои ӯ душмане бисёр хатарнок аст. Дигарон ҳам гоҳе мегуфтанд, ки одами хатарноке аст, калакашро бикан. Аммо Алӣ мегуфт, қисоси қабл аз ҷиноят бикунам? Агар ӯ қотили ман аст, ман қотили худамро наметавонам бикушам. Ӯ қотили ман аст, на ман қотили ӯ ва дар бораи ӯ буд, ки Алӣ гуфт:

**أريد حياته ويريد قتلي**

(*“Биҳорул-анвор”, 42/193-194*) Ман мехоҳам ӯ зинда бимонад ва саодати ӯро дӯст дорам, аммо ӯ мехоҳад маро бикушад. Ман ба ӯ муҳаббат ва алоқа дорам, аммо ӯ бо ман душман аст ва кина меварзад.

Ва солисан, муҳаббат танҳо доруи илоҷи башарият нест. Дар мазоқҳо ва мизоҷҳое хушунат низ зарурат дорад ва мубориза ва дафъу тард лозим аст. Ислом, ҳам дини ҷазбу муҳаббат аст ва ҳам дини дафъу ниқмат.[4]

---

[4] *Мумкин аст бигӯем, ниқматҳо низ мазоҳире аз авотиф ва муҳаббатҳост. Дар дуо мехонем:*

**يا من سبقت رحمته غضبه**

*Эй касе, ки раҳмату меҳрат бар хашмат пешӣ гирифт ва чун хостӣ раҳмат кунӣ, ғазаб кардӣ ва хашм гирифтӣ, вагарна агар он раҳмату меҳр набуд, ғазаб низ намебуд. Монанди падаре, ки бар фарзандаш хашм мегирад, чун ӯро дӯст дорад ва ба оянда ӯ алоқаманд аст. Агар хилоферо анҷом диҳад, нороҳат мешавад ва гоҳе кутакаш мезанад ва ҳол ин ки чи басо рафтори ноҳинҷортарро аз фарзандон ва баччаҳои дигарон бибинад, вале ҳеч гуна эҳсосеро дар муқобил надорад. Дар мавриди фарзандаш хашмгин шуд, зеро ки алоқа дошт, вале дар мавриди дигарон ба хашм наомад, чун алоқа набуд.*

3) Мардуме, ки дофиа доранд, аммо ҷозиба надоранд, душмансозанд, аммо дӯстсоз нестанд. Инҳо низ афроди ноқисе ҳастанд ва ин далел бар ин аст, ки фоқиди хасоили мусбати инсонӣ мебошанд, зеро агар аз хасоили инсонӣ баҳраманд буданд, гурӯҳе ҳарчанд иддаи қалиле тарафдор ва алоқаманд доштанд, зеро дар миёни мардум ҳамвора одами хуб вуҷуд дорад, ҳарчанд ададашон кам бошад.

Агар ҳамаи мардум ботил ва ситампеша буданд, ин душманиҳо далели ҳақиқат ва адолат буд, аммо ҳеч вақт ҳамаи мардум бад нестанд, ҳамчунон ки дар ҳеч замоне ҳамаи мардум хуб нестанд. Қаҳран касе, ки ҳама душмани ӯ ҳастанд, харобӣ аз ноҳияи худи ӯст, вагарна чӣ гуна мумкин аст дар руҳи инсон хубиҳо вуҷуд дошта бошад ва ҳеч дӯсте надошта бошад. Ин гуна ашхос дар вуҷудашон ҷиҳоти мусбат вуҷуд надорад, ҳатто дар ҷиҳоти шақоват. Вуҷуди инҳо сар то сар талх аст ва барои ҳама ҳам талх аст. Чизе, ки лоақал барои баъзеҳо ширин бошад, (дар инҳо) вуҷуд надорад.

---

*Ва аз тарафе, алоқаҳо гоҳе козиб аст, яъне эҳсосӣ аст, ки ақл бар он ҳукумат надорад ҳамон тавр ки дар Қуръон мефармояд:*

**وَلَا تَأْخُذْكُمْ بِهِمَا رَأْفَةٌ فِي دِينِ اللَّهِ**

*(Нур/2) Дар иҷрои қонуни илоҳӣ раъфат ва меҳратон ба муҷрим гул накунад, зеро ислом ҳамон гуна, ки нисбат ба афрод алоқа меварзад, ба иҷтимоъ низ алоқаманд аст.*

*Бузургтарин гуноҳ, гуноҳе аст, ки дар назари инсон кӯчак ояд ва беаҳаммият талаққӣ гардад. Амирулмӯъминин мефармояд:*

**أشدّ الذنوب ما استهان به صاحبه**

*(“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 340) Сахттарини гуноҳон гуноҳе аст, ки гуноҳкор онро осон ва ночиз пиндорад.*

*Шуюъи гуноҳ танҳо чизе аст, ки азамати гуноҳро аз дидаҳо мебарад ва онро дар назари фард ночиз ҷилва медиҳад. Ва аз ин рӯ ислом мегӯяд, ҳангоме, ки гуноҳе анҷом гирифт ва ин гуноҳ дар хафои комил набуд ва афроде бар он огоҳӣ ёфтанд, бояд гуноҳкор мавриди сиёсат қарор гирад ё ҳадд бихӯрад ва ё таъзир шавад. Дар фиққи исломи ба таври куллӣ гуфтаанд, тарки ҳар воҷиб ва анҷоми ҳар ҳароме агар ҳадд барои он таъйин нашуда, таъзир дорад. “Таъзир“ кайфари камтар аз миқдори “ҳадд“ аст, ки бар тибқи назарияи ҳоким таъйин мегардад. Дар асари гуноҳи як фард ва ишоъаи он, иҷтимоъ як қадам ба гуноҳ наздик шуд ва ин аз бузургтарин хатарот аст барои он. Пас бояд гуноҳкорро ба муқтазои аҳаммияти гуноҳаш кайфар дод, то боз иҷтимоъ ба роҳ баргардад ва азамати гуноҳ аз дидаҳо берун наравад. Бинобар ин худи кайфар ва ниқмат, меҳре аст, ки нисбат ба иҷтимоъ мабзул мегардад.*

Алӣ (а) мефармояд:

**أعجز الناس من عجز عن اكتساب الإخوان، وأعجز منه من ضيع من ظفر به منهم**

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 11*) “*Нотавонтарин мардум касе аст, ки аз дӯст ёфтан нотавон бошад ва аз он нотавонтар, он ки дӯстонро аз даст бидиҳад ва танҳо бимонад*.“

4) Мардуме, ки ҳам ҷозиба доранд ва ҳам дофиа. Инсонҳои бо маслак, ки дар роҳи ақида ва маслаки худ фаъолият мекунанд, гурӯҳҳоеро ба сӯйи худ мекашанд, дар дилҳое ба унвони маҳбуб ва мурод ҷой мегиранд ва гурӯҳҳоеро ҳам аз худ дафъ мекунанд ва меронанд, ҳам дӯстсозанд ва ҳам душмансоз, ҳам мувофиқпарвар ва ҳам мухолифпарвар.

Инҳо низ чанд гунаанд, зеро гоҳе ҷозиба ва дофиа ҳар ду қавӣ аст ва гоҳе ҳар ду заъиф ва гоҳе бо тафовут. Афроди бошахсият онҳое ҳастанд, ки ҷозиба ва дофиаашон ҳар ду қавӣ бошад ва ин бастагӣ дорад ба ин ки пойгоҳҳои мусбат ва пойгоҳҳои манфӣ дар руҳи онҳо чӣ андоза нерӯманд бошад. Албатта қувват низ маротиб дорад, то мерасад ба ҷойе, ки дӯстони маҷзуб, ҷонро фидо мекунанд ва дар роҳи ӯ аз худ мегузаранд ва душманон ҳам он қадр сарсахт мешаванд, ки ҷони худро дар ин роҳ аз каф медиҳанд ва то он ҷо қувват мегиранд, ки ҳатто баъд аз марг қарнҳо ҷазбу дафъшон дар руҳҳо коргар воқеъ мешавад ва сатҳи васеъеро ишғол мекунад. Ва ин ҷазбу дафъҳои себуъдӣ аз мухтассоти авлиё аст, ҳамчунон ки даъватҳои себуъди махсуси силсилаи паёмбарон аст.

Аз тарафе бояд дид, чӣ аносиреро ҷазб ва чӣ аносиреро дафъ мекунанд. Масалан гоҳе унсури доноро ҷазб ва унсури нодонро дафъ (мекунанд) ва гоҳе баръакс аст. Гоҳе аносири шариф ва наҷибро ҷазб ва аносири палид ва хабисро дафъ (мекунанд) ва гоҳе баръакс аст. Аз ин рӯ, дӯстон ва душманон, маҷзубин ва матрудини ҳар касе, далели қотеъе бар моҳияти ӯст.

Сирфи ҷозиба ва дофиа доштан ва ҳатто қавӣ будани ҷозиба ва дофиа барои ин ки шахсияти шахс қобили ситоиш бошад кофӣ нест, балки далел асли шахсият аст ва шахсияти ҳеч кас далели хубии ӯ нест. Тамоми раҳбарон ва лидерҳои ҷаҳон ҳатто ҷиноятқорони ҳирфаӣ аз қабили Чингиз ва Ҳаҷҷоҷ ва Муовия афроде будаанд, ки ҳам ҷозиба доштаанд ва ҳам дофиа. То дар руҳи касе нуқоти мусбат набошад, ҳеч гоҳ наметавонад ҳазорон нафар сипоҳиро мутеъи хеш созад ва мақҳури иродаи худ гардонад. То касе қудрати раҳбарӣ надошта бошад, наметавонад мардумеро инчунин ба даври хеш гирд оварад.

Нодиршоҳ яке аз ин афрод аст. Чӣ қадр сарҳо бурида ва чӣ қадр чашмҳоро аз ҳадақаҳо берун овардааст, аммо шахсияташ фавқулъода нерӯманд аст. Аз Эрони шикастхӯрда ва ғоратзадаи охирҳои аҳди Сафавӣ, лашкаре гарон ба вуҷуд овард ва ҳамчун магнет, ки оҳанро ҷазб мекунад, мардони ҷангиро ба гирди хеш ҷамъ кард, ки на танҳо Эронро аз бегонагон наҷот бахшид, балки то ақсо нуқоти Ҳиндустон биронд ва сарзаминҳои ҷадидеро дар султаи ҳукумати эронӣ даровард.

Бинобар ин ҳар шахсияте ҳамсинхи худро ҷазб мекунад ва ғайри ҳамсинхро аз худ дур месозад. Шахсияти адолат ва шараф, аносири хайрхоҳ ва адолатҷӯро ба сӯйи хеш ҷазб мекунад ва ҳавопарастҳо ва пулпарастҳо ва мунофиқҳоро аз хеш тард мекунад. Шахсияти ҷиноят, ҷониёнро ба даври хеш ҷамъ мекунад ва неконро аз худ дафъ мекунад. Ва ҳамчунон ки ишора кардем, тафовути дигар дар миқдори нерӯи ҷазб аст. Ҳамчунон ки дар бораи ҷозибаи Нютон мегӯянд, ба таносуби ҷирми ҷисм ва камтар будани фосила, мизони кашиш ва ҷазб бештар мешавад, дар инсонҳо қудрати ҷозиба ва фишори ворид аз ноҳияи шахси соҳиби ҷозиба мутафовит аст.

## Алӣ шахсияти дунерӯӣ

Алӣ аз мардоне аст, ки ҳам ҷозиба дорад ва ҳам дофиа. Ва ҷозиба ва дофиаи ӯ сахт нерӯманд аст. Шояд дар тамоми қуруну аъсор, ҷозиба ва дофиае ба нерӯмандии ҷозиба ва дофиаи Алӣ пайдо накунем. Дӯстоне дорад аҷиб, таърихӣ, фидокор, богузашт, аз ишқи ӯ ҳамчун шӯълаҳое аз хирмане оташ, сӯзону пурфурӯғанд, ҷон додан дар роҳи ӯро ормон ва ифтихор мешуморанд ва дар дӯстии ӯ ҳама чизро фаромӯш кардаанд.

Аз марги Алӣ солиён, балки қуруне гузашт, аммо ин ҷозиба ҳамчунон партав меафканад ва чашмҳоро ба сӯйи хеш хира месозад. Дар даврони зиндагиаш аносири шариф ва наҷиб, Худопарастоне фидокор ва бетамаъ, мардуме богузашт ва меҳрубон, одил ва хидматгузори халқ гирди меҳвари вуҷудаш чархиданд, ки ҳар кадом таърихчае омӯзанда доранд. Ва пас аз маргаш дар даврони хилофати Муовия ва умавиён, ҷамъиятҳои зиёде ба ҷурми дӯстии ӯ дар сахттарин шиканҷаҳо қарор гирифтанд, аммо қадамеро дар дӯстӣ ва ишқи Алӣ кӯтоҳ наомаданд ва то пойи ҷон истоданд.

Соири шахсиятҳои ҷаҳон, бо маргашон ҳама чизҳо мемирад ва бо ҷисмашон дар зери хокҳо пинҳон мегардад, аммо мардони ҳақиқат худ мемиранд, вале мактаб ва ишқҳо, ки бармеангезанд, бо гузашти қурун тобандатар мегардад. Мо дар таърих мехонем, ки солҳо, балки қарнҳо пас аз марги Алӣ афроде бо ҷон аз тири душманонаш истиқбол мекунанд. Аз ҷумлаи маҷзубин ва шефтагони Алӣ, Майсами Таммorро мебинем, ки бист

сол пас аз шаҳодати мавло бар сар чӯбаи дор аз Алӣ ва фазоил ва саҷоёи инсонии ӯ сухан мегӯяд. Дар он айёме, ки сар то сари мамлакати исломӣ дар хафақон фурӯ рафта, тамоми озодиҳо кушта шуда ва нафасҳо дар сина зиндонӣ шудааст ва сукуте маргбор ҳамчун ғубори марг бар чеҳраҳо нишастааст, ӯ аз болои дор фарёд бармеоварад, ки биёед аз Алӣ бароятон бигӯям. Мардум аз атроф барои шунидани суханони Майсам ҳуҷум оварданд. Ҳукумати зӯргӯи умавӣ, ки манофеъи худро дар хатар мебинад, дастур медиҳад, ки бар даҳонаш лаҷом заданд ва пас аз чанд рӯзе ҳам ба ҳаёташ хотима доданд.

Таърих аз ин қабил шефтагон барои Алӣ бисёр суроғ дорад. Ин ҷазабаҳо ихтисосе ба асре дуни асре надорад. Дар тамоми асрҳо ҷилваҳое аз он ҷазабаҳои нерӯманд мебинем, ки сахт коргар афтодааст.

Мардест ба номи Ибни Сиккит. Аз уламо ва бузургони адаби арабӣ аст ва ҳанӯз ҳам дар радифи соҳибназарони забони араб монанди Сибавайҳ ва дигарон номаш бурда мешавад. Ин мард дар даврони хилофати Мутаввакили Аббосӣ мезиста — дар ҳудуди дивист сол баъд аз шаҳодати Алӣ — дар дастгоҳи Мутаввакил муттаҳам буд, ки шиъа аст, аммо чун бисёр фозил ва барҷаста буд, Мутаввакил ӯро ба унвони муаллими фарзандонаш интихоб кард. Як рӯз, ки баччаҳои Мутаввакил ба ҳузураш омаданд ва Ибни Сиккит ҳам ҳозир буд ва зоҳиран дар он рӯз имтиҳоне ҳам аз онҳо ба амал омада буд ва хуб аз ӯҳда баромада буданд, Мутаввакил зимни изҳори ризоят аз Ибни Сиккит ва шояд (ба хотири) собиқаи зеҳнӣ, ки аз ӯ дошт, ки шунида буд тамоюл ба ташайюъ дорад, аз Ибни Сиккит пурсид: ин дуто (ду фарзандаш) пеши ту маҳбубтаранд ё Ҳасану Ҳусайн, фарзандон Алӣ?

Ибни Сиккит аз ин ҷумла ва аз ин муқоиса сахт барошуфт. Хунаш ба ҷӯш омад. Бо худ гуфт, кори ин марди мағрур ба ҷойе расидааст, ки фарзандони худро бо Ҳасан ва Ҳусайн муқоиса мекунад. Ин тақсири ман аст, ки таълими онҳоро бар ӯҳда гирифтаам. Дар ҷавоби Мутаввакил гуфт: “*Ба Худо қасам, Қанбар, ғуломи Алӣ ба маротиб аз ин дуто ва аз падарашон назди ман маҳбутар аст*.“ Мутаввакил филмаҷлис дастур дод, забони Ибни Сиккитро аз пушти гарданаш дароваранд.

Таърих афроди сар аз по нашинохтаи зиёдеро мешиносад, ки беихтиёр ҷони худро дар роҳи меҳри Алӣ фидо кардаанд. Ин ҷозибаро дар куҷо метавон ёфт? Гумон намеравад дар ҷаҳон назире дошта бошад.

Алӣ ба ҳамин шиддат душманони сарсахт дорад; душманоне, ки аз номи ӯ ба худ мепечиданд. Алӣ аз сурати як фард берун аст ва ба сурати як мактаб мавҷуд аст ва ба ҳамин ҷиҳат гурӯҳеро ба сӯйи худ мекашад ва гурӯҳеро аз худ тард менамояд.

Оре, Алӣ шахсияти дунерӯӣ аст.

# Бахши аввал

— *Нерӯи ҷозибаи Алӣ (а)*

— *Ҷозибаҳои нерӯманд*

— *Осори муҳаббат*

— *Ҳисоршиканӣ*

— *Муҳаббати авлиё*

— *Нерӯи муҳаббат дар иҷтимоъ*

— *Муҳаббати авлиё, беҳтарин василаи таҳзиби ахлоқ*

— *Намунаҳое аз таърихи ислом*

— *Нақши нерӯи муҳаббат дар пешрафти ислом*

— *Ҳубби Алӣ дар Қуръон ва суннат*

— *Рамзи дӯстии Алӣ*

## Ҷозибаҳои нерӯманд

Дар муқаддимаи ҷилди аввали “Хотами паёмбарон“ дар бораи “даъватҳо“ чунин мехонем: даъватҳое, ки дар миёни башар падид омада, ҳама яксон набуда ва шуоъи таъсири онҳо якнавохт нест. Баъзе аз даъватҳо ва системаҳои фикрӣ якбуъдӣ аст ва дар як сӯ пеш рафтааст. Дар замони пайдоишаш қишри васеъеро фаро гирифта, миллионҳо ҷамъият пайрав пайдо кардааст, аммо баъд аз замони хеш дигар басоти ҳастиаш барчида шуда ва ба дасти фаромӯшӣ супурда шудааст.

Ва баъзе дубуъдӣ аст. Шуоъашон дар ду сӯ пеш рафтааст. Ҳамчунон ки қишри васеъеро фаро гирифта, дар замонҳо низ пешравӣ карда. Бурди он танҳо дар буъди маконӣ набудааст, буъди замонро низ фаро гирифтааст.

Ва баъзе дигар дар абъоди гуногун пешравӣ кардаанд. Ҳам сатҳи васеъе аз ҷамъиятҳои башарро фаро гирифта ва таҳти нуфузи хеш қарор додаанд ва дар ҳар қоррае аз қорраҳо асари нуфузи онҳоро мебинем ва ҳам буъди замонро фаро гирифта, яъне махсуси як замон ва як аср набуда, қарнҳои мутамодӣ дар камоли иқтидор ҳукумат кардаанд ва ҳам то аъмоқи руҳи башар реша давонда ва замири афродро дар ихтиёр қарор дода ва бар умқи қалбҳо ҳукумат карда ва зимоми эҳсосҳоро дар даст гирифтаанд.

Ин гуна даъватҳои себуъдӣ махсуси силсилаи паёмбарон аст. Кадом мактаби фикрӣ ва фалсафиро метавон пайдо кард, ки монанди адёни бузурги ҷаҳон, бар садҳо миллион нафар, дар муддати 30 қарн ва 20 қарн ва ҳадди ақал 14 қарн ҳукумат кунад ва ба замоири афрод чанг биандозад?!

Ҷозибаҳо низ инчунинанд; гоҳе якбуъдӣ ва гоҳе дубуъдӣ ва гоҳе себуъдӣ ҳастанд. Ҷозибаи Алӣ аз қисми ахир аст. Ҳам сатҳи васеъе аз ҷамъиятро маҷзуби хеш сохта ва ҳам ба як қарну ду қарн пайваста нест, балки дар тӯли замон идома ёфта ва густариш пайдо кардааст. Ҳақиқате аст, ки бар гунаи қурун ва аъсор медурахшад ва то умқ ва жарфои дилҳо ва ботинҳо пеш рафтааст, ончнонки баъд аз қарнҳо, ки ба ёдаш меафтанд ва саҷоёи ахлоқиашро мешунаванд, ашки шавқ мерезанд ва ба ёди масоибаш мегирянд, то ҷойе, ки душманро низ таҳти нуфуз қарор додааст ва ашкашро ҷорӣ сохтааст. Ва ин қудратмандтарини ҷозибҳҳост.

Аз ин ҷо метавон дарёфт, ки пайванди инсон бо дин аз сабки пайвандҳои моддӣ нест, балки пайванди дигаре аст, ки ҳеч чизи дигар чунин пайванде бо руҳи башар надорад.

Алӣ агар ранги Худо намедошт ва марде илоҳӣ намебуд, фаромӯш шуда буд. Таърихи башар қаҳрамонҳои бисёр суроғ дорад: қаҳрамонҳои сухан, қаҳрамонҳои илму фалсафа, қаҳрамонҳои қудрату салтанат, қаҳрамони майдони ҷанг, вале ҳамаро башар аз ёд бурдааст ва ё аслан нашинохтааст. Аммо Алӣ на танҳо бо кушта шуданаш намурд, балки зиндатар шуд. Худ мегӯяд:

**هلک خزان الأموال وهم أحياء والعلماء باقون ما بقي الدهر، أعيانهم مفقودة وأمثالهم في القلوب موجودة**

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 139*) “*Гирдоварандагони дороиҳо дар ҳамон ҳол, ки зиндаанд мурдаанд ва донишмандон (уламои раббонӣ) пойдоранд, то рӯзгор пойдор аст. Ҷисмҳои онҳо гумшуда аст, аммо нақшҳои онҳо бар сафҳаи дилҳо мавҷуд аст*.“

Дар бораи шахси худаш мефрмояд:

**غدا ترون أيامي ويكشف لكم عن سرائري وتعرفونني بعد خلوّ مكاني وقيام غيري مقامي**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 149*) “*Фардо рӯзҳои маро мебинед ва хасоиси шинохтанашудаи ман бароятон ошкор мегардад ва пас аз тиҳӣ шудани ҷойи ман ва истодани дигаре ба ҷойи ман, маро хоҳед шинохт*.“

*Асри ман донандаи асрор нест,*

*Юсуфи ман баҳри ин бозор нест.*

*Ноумедастам зи ёрони қадим,*

*Тури ман сӯзад, ки меояд Калим.*

*Қулзуми ёрон чу шабнам бехурӯш,*

*Шабнами ман мисли ям тӯфонбадӯш.*

*Нағмаи ман аз ҷаҳони дигар аст,*

*Ин ҷарасро корвони дигар аст.*

*Эй басо шоир, ки баъд аз марг зод,*

*Чашми худ барбасту чашми мо гушод.*

*Рахт ноз аз нестӣ берун кашид,*

*Чун гул аз хоки мазори худ дамид…*

*Дарнамегунҷад ба ҷӯ Уммони ман,*

*Баҳрҳо бояд пайи тӯфони ман…*

*Барқҳо хобида дар ҷони ман аст,*

*Кӯҳу саҳро боби ҷавлони ман аст…*

*Чашмаи ҳайвон баротам кардаанд,*

*Маҳрами рози ҳаётам кардаанд…*

*Ҳеч кас розе, ки ман гӯям, нагуфт,*

*Ҳамчу фикри ман дар маънӣ насуфт…*

*Пири гардун бо ман ин асрор гуфт:*

*Аз надимон розҳо натвон нуҳуфт.*

*(Иқболи Лоҳурӣ, Куллиёти ашъори форсӣ)*

Ва дар ҳақиқат Алӣ ҳамчун қавонини фитрат аст, ки ҷовидона мемонанд. Ӯ манбаъи файёзе аст, ки тамом намегардад, балки рӯз ба рӯз зиёдтар мешавад ва ба қавли Ҷуброн Халил Ҷуброн, аз шахсиятҳое аст, ки дар асри пеш аз асри худ ба дунё омадаанд. Баъзе аз мардум фақат дар замони худашон раҳбаранд ва баъзе андаке баъд аз замони хеш низ раҳбаранд ва ба тадриҷ раҳбарашон рӯ ба фаромӯшӣ меравад. Аммо Алӣ ва маъдуде аз башар, ҳамеша ҳодӣ ва раҳбаранд.

## Ташайюъ, мактаби муҳаббат ва ишқ

Аз бузургтарин имтиёзоти шиъа бар соири мазоҳиб ин аст, ки поя ва зербинои аслии он муҳаббат аст. Аз замони шахси Набии Акрам, ки ин мазҳаб поягузорӣ шудааст, замзамаи муҳаббат ва дӯстӣ будааст. Он ҷо, ки дар сухани Расули Акрам ҷумлаи:

**علي وشيعته هم الفائزون**

([5]) — ро мешунавем, гурӯҳеро дар гирди Алӣ мебинем, ки шефтаи ӯ ва гарми ӯ ва маҷзуби ӯ мебошанд. Аз ин рӯ ташайюъ мазҳаби ишқ ва шефтагӣ аст. Таваллои он ҳазрат

[5] *Ҷалолуддини Суютӣ дар "Ад-дуррул-мансур" дар зайли ояти 7 сураи Байина аз Ибни Асокир аз Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ нақл мекунад, ки гуфт: дар маҳзари Пайғамбар будем, ки Алӣ низ ба маҳзараш меомад. Ҳазрат фармуданд:*

***والذي تفسي بيده إن هذا وشيعته هم الفائزون يوم القيامة***

мактаби ишқ ва муҳаббат аст. Унсури муҳаббат дар ташайюъ дахолати томм дорад. Таърихи ташайюъ бо номи як силсила аз шефтагон ва шайдоён ва ҷонбозони сар аз по нашинохта тавъам аст.

Алӣ ҳамон касе аст, ки дар айни ин ки бар афроде ҳадди илоҳӣ ҷорӣ месохт ва онҳоро тозиёна мезад ва аҳёнан тибқи муқаррароти шаръӣ дасти яке аз онҳоро мебуррид, боз ҳам аз ӯ рӯ барнаметофтанд ва аз муҳаббаташон чизе коста намешуд. Ӯ худ мефармояд:

**لَوْ ضَرَبْتُ خَيْشُومَ الْمُؤْمِنِ بِسَيْفِي هَذَا عَلَى أَنْ يُبْغِضَنِي مَا أَبْغَضَنِي، وَلَوْ صَبَبْتُ الدُّنْيَا بِجَمَّاتِهَا عَلَى الْمُنَافِقِ عَلَى أَنْ يُحِبَّنِي مَا أَحَبَّنِي؛ وَذَلِكَ أَنَّهُ قُضِيَ، فَانْقَضَى عَلَى لِسَانِ النَّبِيِّ الْأُمِّيِّ (صلى الله عليه وآله) أَنَّهُ قَالَ: يَا عَلِيُّ لَا يُبْغِضُكَ مُؤْمِنٌ وَ لَا يُحِبُّكَ مُنَافِقٌ**

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 42*) “*Агар бо ин шамшерам бинии мӯъминро бизанам, ки бо ман душман шавад, ҳаргиз душманӣ нахоҳад кард. Ва агар ҳамаи дунёро бар сари мунофиқ бирезам, ки маро дӯст бидорад, ҳаргиз маро дӯст нахоҳад дошт, зеро ки ин гузашта ва бар забони пайғамбари уммӣ ҷорӣ гашта, ки гуфт: ё Алӣ! Мӯъмин туро душман надорад ва мунофиқ туро дӯст намедорад*.“

Алӣ миқёс ва мизоне аст барои санҷиши фитратҳо ва сиришҳо. Он ки фитрати солим ва сиришти пок дорад, аз вай намеранҷад, ҳарчанд ки шамшераш бар ӯ фуруд ояд. Ва он ки фитрати олуда дорад, ба ӯ алоқаманд нагардад, ҳарчанд ки эҳсонаш кунад, чун Алӣ ҷуз таҷассуми ҳақиқат чизе нест.

Марде аст аз дӯстони амирулмӯъминин, бо фазилат ва бо имон. Мутаассифона аз вай лағзише анҷом гирифт ва боист ҳадд бар вай ҷорӣ гардад. Амирулмӯъминин панҷаи росташро буррид. Онро ба дасти чап гирифт. Қатароти хун мечакид ва ӯ мерафт. Ибни ал-Каввоъ, хориҷии ошӯбгар, хост аз ин ҷараён ба нафъи ҳизби худ ва алайҳи Алӣ истифода кунад, бо қиёфае тараҳҳумомез ҷилав рафт ва гуфт: дастатро кӣ буррид? Гуфт:

---

*Яъне савганд ба он касе, ки ҷонам дар дасти ӯст, ин мард ва шиъаёни ӯ дар рӯзи қиёмат растгоронанд.*

*Ва Мановӣ дар “Кунуз ал-ҳақоиқ” ба ду ривоят нақл мекунад ва Ҳайсамӣ дар “Маҷмаъ уз-завоид” ва Ибни Ҳаҷар дар “Ас—савоъиқ ул-муҳриқа” ҳамин мазмунро бо кайфияте дигар нақл мекунанд.*

قَطَعَ يَمِينِي سَيِّدُ الْوَصِيِّينَ وَقَائِدُ الْغُرِّ الْمُحَجَّلِينَ وَأَوْلَى النَّاسِ بِالْمُؤْمِنِينَ عَلِيُّ بْنُ أَبِي طَالِبٍ، إِمَامُ الْهُدَى... السَّابِقُ إِلَى جَنَّاتِ النَّعِيمِ مُصَادِمُ الْأَبْطَالِ الْمُنْتَقِمُ مِنَ الْجُهَّالِ مُعْطِي الزَّكَاةِ... الْهَادِي إِلَى الرَّشَادِ وَالنَّاطِقُ بِالسَّدَادِ شُجَاعٌ مَكِّيٌّ جَحْجَاحٌ وَ فِيٌّ

(*“Биҳолул-анвор”, ҷ.40, с.281-282*) “*Панҷаамро буррид сайиди ҷонишинони паёмбарон, пешвои сафедрӯёни қиёмат, зиҳақтарини мардум нисбат ба мӯъминон, Алӣ ибни Абутолиб, имоми ҳидоят… пештози биҳиштҳои неъмат, муборизи шуҷоъон, интиқомгиранда аз ҷаҳолатпешагон, бахшандаи закот… раҳбари роҳи рушду камол, гӯяндаи гуфтори ростин ва савоб, шуҷоъи маккӣ ва бузургвори бовафо…*“

Ибни ал-Каввоъ гуфт: вой бар ту! Дастатро мебуррад ва инчунин саноят мегӯӣ?! Гуфт: чаро саноят нагӯям ва ҳол ин ки дӯстиаш бо гӯшту хунам даромехтааст?! Ба Худо савганд, ки набуррид дастамро ҷуз ба ҳаққе, ки Худованд қарор додааст.

Ин ишқҳо ва алоқаҳо, ки мо инчунин дар таърихи Алӣ ва ёрони вай мебинем, моро ба масъалаи муҳаббат ва ишқ ва осори он мекашонад.

## Иксири муҳаббат

Шоирони форсизабон ишқро “иксир“ номидаанд. Кимиёгарон мӯътақид буданд, ки дар олам моддае вуҷуд дорад ба номи “иксир“[6] ё “кимиё“, ки метавонад моддаеро ба моддаи дигаре табдил кунад.

Қарнҳо ба дунболи он мегаштанд. Шуаро ин истилоҳро истихдом карданд ва гуфтанд, он иксири воқеӣ, ки нерӯи табдил дорад, ишқ ва муҳаббат аст, зеро ишқ аст, ки

[6] *Дар “Бурҳони қотеъ” дар бора иксир мегӯяд: “Ҷавҳаре аст гудозанда ва омезанда ва комилкунанда, яъне мисро тилло мекунад ва адвияи муфидаи фоидаманд ва назари муршиди комилро низ маҷозан иксир мегӯянд.“ Иттифоқан дар ишқ ҳам ҳар се хусусият ҳаст, ҳам гудозанда аст ва ҳам омезанда ва ҳам комилкунанда, лекин ваҷҳи шабаҳи маъруф ва машҳур ҳамин севвум аст, яъне тағйири такмилӣ. Ва аз ин рӯ шоирон гоҳе ишқро табиб ва даво ва Афлотун ва Ҷолинус хондаанд. Мавлавӣ дар дебочаи Маснавӣ мегӯяд:*

*Шод бош эй ишқи хушсавдои мо!*

*Эй табиби ҷумла иллатҳои мо!*

*Эй давои нахвату номуси мо!*

*Эй ту Афлотуну Ҷолинуси мо!*

метавонад қалби моҳият кунад. Ишқ мутлақан иксир аст ва хоссияти кимиё дорад, яъне филизеро ба филизи дигар табдил мекунад. Мардум ҳам филизоти мухталифе ҳастанд:

**الناس معادن كمعادن الذهب والفضة**

Ишқ аст, ки дилро дил мекунад ва агар ишқ набошад, дил нест, обу гил аст.

*Илоҳӣ, синае деҳ оташафрӯз,*

*Дар он сина диле в-он дил ҳама сӯз.*

*Ҳар он дилро, ки сӯзе нест, дил нест,*

*Дили афсурда ғайр аз обу гил нест.*

*(Ваҳшии Бофқӣ*)

Аз чумлаи осори ишқ, нерӯ ва қудрат аст. Муҳаббат нерӯофарин аст, ҷабонро шуҷоъ мекунад. Як мурғи хонагӣ то замоне, ки танҳост, болҳояшро рӯйи пушти худи ҷамъ мекунад, ором мехиромад, ҳей гардан мекашад кирмаке пайдо кунад, то аз он истифода намояд, аз мухтасар садое фирор мекунад, дар муқобили кӯдаке заъиф аз худ муқовамат нишон намедиҳад. Аммо ҳамин мурғ вақте ҷӯҷадор шуда, ишқу муҳаббат дар конуни ҳастиаш хона кард, вазъаш дигаргун мегардад, болҳои бар пушт ҷамъшударо ба аломати омодагӣ барои дифоъ пойин меандозад, ҳолати ҷангӣ ба худ мегирад, ҳатто оҳанги фарёдаш қавитар ва шуҷоъонатар мегардад. Қаблан ба эҳтимоли хатаре фирор мекард, аммо акнун ба эҳтимоли хатаре, ҳамла мекунад, далерона юриш мебарад.

Ин муҳаббат ва ишқ аст, ки мурғи тарсуро ба сурати ҳайвоне далер ҷилвагар месозад. Ишқу муҳаббат, сангин ва танбалро чолоку заранг мекунад ва ҳатто аз кавдан, тезҳуш месозад. Писар ва духтаре, ки ҳеч кадоми онҳо дар замони таҷаррудашон дар ҳеч чизе намеандешиданд магар дар он чи мустақиман ба шахси худашон иртибот дошт, ҳамин ки ба ҳам дил бастанд ва конуни хонаводагӣ ташкил доданд, барои аввалин бор худро ба сарнавишти мавҷуде дигар алоқаманд мебинанд, шуоъи хостаҳошон васеътар мешавад ва чун соҳиби фарзанд шуданд, ба куллӣ руҳашон иваз мешавад. Он писараки танбалу сангин акнун чолоку пуртаҳаррук шудааст ва он духтарке, ки ба зӯр ҳам аз рахти хоб барнамехост, акнун то садои кӯдаки гаҳворанишинашро мешунавад, ҳамчун барқ меҷаҳад.

Кадом нерӯст, ки лахтӣ ва рахватро бурд ва ҷавонро инчунин ҳассос сохт? Он, ҷуз ишқу муҳаббат нест. Ишқ аст, ки аз бахил, бахшанда ва аз камтоқат ва ношикебо, мутаҳаммил ва шикебо месозад. Асари ишқ аст, ки мурғи худхоҳро, ки фақат ба фикри худ буд донае ҷамъ кунад ва худро муҳофизат кунад, ба сурати мавҷуде сахӣ дармеовард, ки чун донае пайдо кард, ҷӯҷаҳоро овоз диҳад, ё як модарро, ки то дирӯз духтаре лусу бихӯру бихоб

ва зудранҷу камтоқат буд, бо қудрати шигарфе дар муқобили гуруснагӣ ва бехобӣ ва жӯлидагии андом, сабур ва мутаҳаммил месозад, тоби таҳаммули заҳамоти модарӣ ба ӯ медиҳад.

Тавлиди риққат ва рафъи ғилзату хушунат аз руҳ ва ба иборати дигар, талтифи авотиф ва ҳамчунин таваҳҳуд ва таъаҳҳуд ва тамаркуз ва аз байн бурдани ташаттут ва тафарруқи нерӯҳо ва дар натиҷа қудрати ҳосил аз таҷаммӯъ, ҳама аз осори ишқу муҳаббат аст.

Дар забони шеъру адаб, дар боби асари ишқ бештар ба як асар бармехӯрем ва он илҳомбахшӣ ва файёзияти ишқ аст.

*Булбул аз файзи гул омӯхт сухан, варна набуд*

*Ин ҳама қавлу ғазал таъбия дар минқораш.*

*(Ҳофиз*)

Файзи гул гарчӣ ба ҳасби зоҳири лафз, як амри хориҷ аз вуҷуди булбул аст, вале дар ҳақиқат чизе ҷуз нерӯи худи ишқ нест.

*Ту мапиндор, ки Маҷнун сари худ Маҷнун шуд,*

*Аз самак то ба самокаш кашиши Лайлӣ бурд.*

*(Аллома Таботабоӣ*)

Ишқ, қуввaҳои хуфтаро бедор ва нерӯҳои бастаро озод мекунад, назири шикофтани атомҳо ва озод шудани нерӯҳои атомӣ. Илҳомбахш аст ва қаҳрамонсоз. Чӣ бисёр шоирон ва файласуфон ва ҳунармандон, ки махлуқи як ишқу муҳаббати нерӯманданд.

Ишқ нафсро такмил ва истеъдодоти ҳайратангези ботиниро зоҳир месозад. Аз назари қуввaҳои идрокӣ илҳомбахш ва аз назари қуввaҳои эҳсосӣ, ирода ва ҳимматро тақвият мекунад ва он гоҳ, ки дар ҷиҳати боло мутасоъид шавад, каромат ва хориқи одат ба вуҷуд меоварад. Руҳро аз мазиҷҳо ва хилтҳо пок мекунад ва ба иборати дигар, ишқ тасфиягар аст. Сифоти разилаи ношӣ аз худхоҳӣ ва ё сардӣ ва беҳароратиро аз қабили бухл, имсок, ҷубн, танбалӣ, такаббур ва уҷб, аз миён мебарад. Ҳиқдҳо ва кинаҳоро зоил мекунад ва аз байн бармедорад, гӯ ин ки маҳрумият ва нокомӣ дар ишқ мумкин аст ба навбаи худ тавлиди уқда ва кинаҳо кунад.

*Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,*

*Аз муҳаббат миссҳо заррин шавад.*

*(Мавлоно*)

Асари ишқ аз лиҳози руҳӣ дар ҷиҳати умрон ва ободии руҳ аст ва аз лиҳози бадан дар ҷиҳати гудохтан ва харобӣ. Асари ишқ дар бадан дуруст акси руҳ аст. Ишқ дар бадан боиси вайронӣ ва мӯҷиби зардии чеҳра ва лоғарии андом ва суқм ва ихтилоли ҳозима ва аъсоб аст. Шояд тамоми осоре, ки дар бадан дорад, осори тахрибӣ бошад, вале нисбат

ба руҳ чунин нест, то мавзӯъи ишқ чӣ мавзӯе ва то наҳваи истифодаи шахс чӣ гуна бошад?

Бигузарем аз осори иҷтимоияш, аз назари руҳӣ ва фардӣ ғолибан такмилӣ аст, зеро тавлиди қувват ва риққат ва сафо ва таваҳҳуд ва ҳиммат мекунад, заъфу забунӣ ва кудурат ва тафарруқ ва кавданиро аз байн мебарад, хилтҳо, ки ба таъбир Қуръон, “дас“ номида мешавад, аз байн бурда ва ғишшҳоро зоил ва аёрро холис мекунад.

*Роҳи ҷон мар ҷисмро вайрон кунад,*
*Баъд аз он вайронӣ ободон кунад.*
*Кард вайрон хона баҳри ганҷи зар*
*В-аз ҳамон ганҷаш кунад маъмуртар.*
*Обро бибриду ҷӯро пок кард,*
*Баъд аз он дар ҷӯ равон кард оби х(в)ард.*
*Пӯстро бишкофт, пайконро кашид,*
*Пӯст тоза баъд аз онаш бардамид…*
*На чунон ҳайрон, ки пушташ сӯйи Ӯст,*
*Бал чунон ҳайрону ғарқу масти Дӯст.*
*(Мавлоно)*

## Ҳисоршиканӣ

Ишқу муҳаббат, қатъи назар аз ин ки аз чӣ навъе бошад — ҳайвонии ҷинсӣ бошад ё ҳайвонии наслӣ ва ё инсонӣ — ва қатъи назар аз ин ки маҳбуб дорои чӣ сифот ва мазоёе бошад, далер ва диловар бошад, ҳунарманд бошад ё олим ва ё дорои ахлоқу одобу сифоти махсус бошад, инсонро аз худӣ ва худпарастӣ берун мебарад. Худпарастӣ маҳдудият ва ҳисор аст. Ишқ ба ғайр мутлақан ин ҳисорро мешиканд. То инсон аз худ берун нарафтааст, заъиф аст ва тарсу ва бахил ва ҳасуд ва бадхоҳ ва камсабр ва худписанд ва мутакаббир, руҳаш барқ ва ламаъоне надорад, нишоту ҳаяҷон надорад, ҳамеша сард аст ва хомӯш, аммо ҳамин ки аз “худ“ по берун ниҳод ва ҳисори худиро шикаст, ин хасоил ва сифоти зишт низ нобуд мегардад.

*Ҳар киро ҷома зи ишқе чок шуд,*
*Ӯ зи ҳирсу айб куллӣ пок шуд.*

Худпарастӣ ба мафҳуме, ки бояд аз байн биравад, як амри вуҷудӣ нест, яъне на ин аст, ки инсон бояд алоқаи вуҷудӣ нисбат ба худро аз байн бибарад, то аз худпарастӣ бираҳад. Маънӣ надорад, ки одамӣ бикӯшад, то худро дӯст надошта бошад. Алоқа ба худ, ки аз

он ба “ҳубби зот“ таъбир мешавад, ба ғалат дар инсон гузошта нашудааст, то лозим гардад аз миён бардошта шавад. Ислоҳ ва такмили инсон бад-ин нест, ки фарз шавад як силсила умури зоид дар вуҷудаш таъбия шудааст ва бояд он зоидҳо ва музиррҳо маъдум гарданд. Ба иборати дигар, ислоҳи инсон дар костӣ додан ба ӯ нест, дар такмил ва изофа кардан ба ӯст. Вазифае, ки хилқат бар ӯҳдаи инсон қарор додааст, дар ҷиҳати масири хилқат аст, яъне дар такомул ва афзоиш аст, на дар костӣ ва коҳиш.

Мубориза бо худпарастӣ, мубориза бо “маҳдудияти худ“ аст. Ин худ бояд тавсиъа ёбад. Ин ҳисор, ки ба даври худ кашида шудааст, ки ҳама чизи дигар ғайр аз он чи ба ӯ ба унвони як шахс ва як фард марбут гардад-ро бегона ва нохуд ва хориҷ аз худ мебинад, бояд шикаста шавад. Шахсият бояд тавсиъа ёбад, ки ҳамаи инсонҳои дигарро, балки ҳамаи ҷаҳони хилқатро дарбар гирад.

Пас мубориза бо худпарастӣ яъне мубориза бо маҳдудияти худ. Бинобар ин худпарастӣ ҷуз маҳдудияти афкор ва тамоюлот, чизе нест. Ишқ, алоқа ва тамоюли инсонро ба хориҷ аз вуҷудаш мутаваҷҷеҳ мекунад. Вуҷудашро тавсиъа дода ва конуни ҳастияшро иваз мекунад ва ба ҳамин ҷиҳат, ишқу муҳаббат як омили бузурги ахлоқӣ ва тарбиятӣ аст, машрут ба ин ки хуб ҳидоят шавад ва ба таври саҳеҳ мавриди истифода воқеъ гардад.

## Ишқ, созанда ё харобкунанда?

Алоқа ба шахс ё шайъ вақте, ки ба авҷи шиддат бирасад, ба тавре, ки вуҷуди инсонро мусаххар кунад ва ҳокими мутлақи вуҷуди ӯ гардад, ишқ номида мешавад. Ишқ, авҷи алоқа ва эҳсосот аст. Вале набояд пиндошт, ки он чи ба ин ном хонда мешавад, як навъ аст. Ду навъи комилан мухталиф аст. Он чи аз осори нек гуфта шуд, марбут ба як навъи он аст ва аммо навъи дигари он комилан осори мухарриб ва мухолиф дорад.

Эҳсосоти инсон анвоъ ва маротиб дорад. Бархе аз онҳо аз мақулаи шаҳват ва махсусан шаҳвати ҷинсӣ аст ва аз вуҷуҳи муштараки инсон ва соири ҳайвонот аст. Бо ин тафовут, ки дар инсон ба иллати хоссе, ки маҷол ва тавзеҳаш нест, авҷ ва ғалаёни зоидулвасфе мегирад ва бад-ин ҷиҳат номи ишқ ба он медиҳанд ва дар ҳайвон ҳаргиз ба ин сурат дарнамеояд, вале ба ҳар ҳол аз лиҳози ҳақиқат ва моҳият, ҷуз туғён ва фаварон ва тӯфони шаҳват чизе нест. Аз мабодии ҷинсӣ сарчашма мегирад ва ба ҳамон ҷо хотима меёбад. Афзоиш ва коҳишаш бастагии зиёде дорад ба фаъолиятҳои физиулужикии дастгоҳи таносулӣ ва қаҳран ба синини ҷавонӣ. Бо по гузоштан ба синн аз як тараф ва ишбоъ ва ифроз аз тарафи дигар, коҳиш меёбад ва мунтафӣ мегардад.

Ҷавоне, ки аз дидани рӯйе зебо ва мӯйе муҷаъад ба худ меларзад ва аз ламси дасте зариф ба худ мепечад, бояд бидонад, ҷуз ҷараёни моддии ҳайвонӣ дар кор нест. Ин гуна ишқҳо ба суръат меояд ва ба суръат меравад, қобили эътимод ва тавсия нест, хатарнок аст, фазилаткуш аст. Танҳо бо кӯмаки ифоф ва тақво ва таслим нашудан дар баробари он аст, ки одамӣ суд мебарад. Яъне худи ин нерӯ инсонро ба сӯйи ҳеч фазилате савқ намедиҳад, аммо агар дар вуҷуди одамӣ рахна кард ва дар баробари нерӯи ифоф ва тақво қарор гирифт ва руҳ, фишори онро таҳаммул кард, вале таслим нашуд, ба руҳ қувват ва камол мебахшад.

Инсон навъе дигар эҳсосот дорад, ки аз лиҳози ҳақиқат ва моҳият, бо шаҳват муғойир аст. Беҳтар аст номи онро отифа ва ё ба таъбири Қуръон “маваддат“ ва “раҳмат“ бигузорем. Инсон он гоҳ ки таҳти таъсири шаҳавоти хеш аст, аз худ берун нарафтааст, шахс ё шайъи мавриди алоқаро барои худаш мехоҳад ва ба шиддат мехоҳад. Агар дар бораи маъшуқ ва маҳбуб меандешад, бад-ин сурат аст, ки чӣ гуна аз висоли ӯ баҳраманд шавад ва ҳадди аксари тамматтуъро бибарад. Бадеҳӣ аст, ки чунин ҳолате наметавонад мукаммил ва мураббии руҳи инсон бошад ва руҳи ӯро таҳзиб намояд.

Аммо инсон гоҳе таҳти таъсири авотифи олии инсонии хеш қарор мегирад, маҳбуб ва маъшуқ дар назараш эҳтиром ва азамат пайдо мекунад, саодати ӯро мехоҳад, омода аст худро фидои хостаҳои ӯ бикунад. Ин гуна авотиф, сафо ва самимият ва лутф ва риққат ва аз худ гузаштагӣ ба вуҷуд меоварад, бар хилофи навъи аввал, ки аз он хушунат ва сабуъият ва ҷиноят бармехезад. Меҳр ва алоқаи модар ба фарзанд, аз ин мақула аст. Иродат ва муҳаббат ба покон ва мардони Худо ва ҳамчунин ватандӯстиҳо ва маслакдӯстиҳо, аз ин мақула аст.

Ин навъ аз эҳсосот аст, ки агар ба авҷ ва камол бирасад, ҳамаи осори неке, ки қаблан шарҳ додем, бар он мутараттиб аст ва ҳам ин навъ аст, ки ба руҳ шукӯҳ ва шахсият ва азамат медиҳад, бар хилофи навъи аввал, ки забункунанда аст. Ва ҳам ин навъ аз ишқ аст, ки пойдор аст ва бо висол тезтар ва тундтар мешавад, бар хилофи навъи аввал, ки нопойдор аст ва висол мадфани он ба шумор меояд.

Дар Қуръони Карим робита миёни завҷайнро бо калима “маваддат“ ва “раҳмат“ таъбир мекунад –

وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُمْ مِنْ أَنْفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً

(*Рум/21*) ва ин нуктаи бисёр олӣ аст. Ишора ба ҷанбаи инсонӣ ва фавқи ҳайвонии зиндагии заношӯӣ аст. Ишора ба ин аст, ки омили шаҳват, танҳо робитаи табиии зиндагии заношӯӣ нест. Робити аслӣ сафо ва самимият ва иттиҳоди ду руҳ аст ва ба

иборати дигар, он чи завҷайнро ба якдигар пайванди ягонагӣ медиҳад, меҳр ва маваддат ва сафо ва самимият аст, на шаҳват, ки дар ҳайвонот ҳам ҳаст. Мавлавӣ бо баёни латифи хеш, миёни шаҳват ва маваддат тафкик мекунад, онро ҳайвонӣ ва инро инсонӣ мехонад. Мегӯяд:

*Меҳру риққат васфи инсонӣ бувад,*

*Хашму шаҳват васфи ҳайвонӣ бувад.*

* * *

*Инчунин хосийяте дар одамист,*

*Меҳр ҳайвонро кам аст, он аз камист.*

Файласуфони моддӣ низ натавонистаанд ин ҳолати маънавиро, ки аз ҷиҳоте ҷанбаи ғайри моддӣ дорад ва бо моддӣ будани инсон ва мофавқи инсон созгор нест, дар башар инкор кунанд. Бертран Рассел дар китоби “Заношӯӣ ва ахлоқ” мегӯяд:

“*Коре, ки манзур аз он фақат даромад бошад, натоиҷи муфиде ба бор нахоҳад овард. Барои чунин натиҷае бояд коре пеша кард, ки дар он имон ба як фард, ба як маром ё як ғоят нуҳуфта бошад. Ишқ низ агар манзур аз он висоли маҳбуб бошад, камоле дар шахсияти мо ба вуҷуд нахоҳад овард ва комилан шабеҳи коре аст, ки барои пул анҷом медиҳем. Барои вусул ба ин камол бояд вуҷуди маҳбубро чун вуҷуди худ бидонем ва эҳсосот ва ниёти ӯро аз они худ бишуморем*.“

Нуктаи дигаре, ки бояд тазаккур дода шавад ва мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад ин аст, ки гуфтем, ҳатто ишқҳои шаҳавонӣ мумкин аст судманд воқеъ гардад ва он ҳангоме аст, ки бо тақво ва ифоф тавъам гардад. Яъне дар заминаи фироқ ва дастнорасӣ аз як тараф ва покӣ ва ифоф аз тарафи дигар, сӯзу гудозҳо ва фишору сахтиҳое, ки бар руҳ ворид мешавад, осори нек ва судманде ба бор меоварад. Урафо дар ҳамин замина аст, ки мегӯянд, ишқи маҷозӣ табдил ба ишқи ҳақиқӣ яъне ишқ ба зоти аҳадият мегардад ва дар ҳамин замина аст, ки ривоят мекунанд:

**من عشق وكتم وعف ومات مات شهيدا**

“*Он ки ошиқ гардад ва кетмон кунад ва ифоф биварзад ва дар ҳамон ҳол бимирад, шаҳид мурдааст*.“

Аммо ин нуктаро набояд фаромӯш кард, ки ин навъ ишқ бо ҳамаи фавоиде, ки дар шароити хосс аҳёнан ба вуҷуд меоварад, қобили тавсия нест, водие аст бас хатарнок. Аз ин назар монанди мусибат аст, ки агар бар касе ворид шавад ва ӯ бо нерӯи сабру ризо бо он муқобила кунад, мукаммил ва поккунандаи нафс аст, хомро пухта ва мукаддарро мусаффо менамояд, аммо мусибат қобили тавсия нест. Касе наметавонад ба хотири

истифода аз ин омили тарбиятӣ, мусибат барои худ халқ кунад ва ё барои дигаре ба ин баҳона мусибат эҷод намояд. Рассел дар ин ҷо низ сухане боарзиш дорад. Мегӯяд:

“*Ранҷ барои ашхоси воҷиди энержӣ чун вазнаи гаронбаҳое аст. Касе, ки худро комилан саодатманд мебинад, ҷаҳде барои саодати бештар намекунад. Аммо гумон намекунам ин амр битавонад баҳонае бошад, ки дигаронро ранҷ бидиҳем, то ба роҳи муфиде қадам ниҳанд, зеро ғолибан натиҷаи маъкус бахшад ва инсонро дарҳам мешиканд. Дар ин маврид беҳтар аст худро таслими тасодуфот кунем, ки дар сари роҳи мо пеш меояд.” (Заношӯӣ ва ахлоқ, с.134*)

Чунонки медонем, дар таълимоти исломӣ ба осор ва фавоиди масоиб ва балоё зиёд ишора шуда ва нишонае аз лутфи Худо муаррифӣ шудааст, аммо ба ҳеч ваҷҳ ба касе иҷоза дода нашудааст, ки ба ин баҳона мусибате барои худ ва ё барои дигарон ба вуҷуд оварад.

Ба илова, тафовуте миён ишқ ва мусибат ҳаст ва он ин ки ишқ беш аз ҳар омили дигаре “зидди ақл“ аст, ҳар ҷо по гузошт, ақлро аз маснади ҳукуматаш маъзул мекунад. Ин аст, ки ақл ва ишқ дар адабиёти ирфонӣ ба унвони ду рақиб муаррифӣ мегарданд. Рақобати файласуфон бо урафо, ки онон ба нерӯи ақл ва инон ба нерӯи ишқ иттико ва эътимод доранд, аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад. Дар адабиёти ирфонӣ ҳамвора дар ин майдони рақобат, ақл маҳкум ва мағлуб шинохта шудааст. Саъдӣ мегӯяд:

*Некхоҳонам насиҳат мекунанд,*
*Хиишт бар дарё задан беҳосил аст…*
*Шавқро бар сабр қувват ғолиб аст,*
*Ақлро бо ишқ даъвӣ ботил аст.*

Дигаре мегӯяд:

*Қиёс кардаму тадбири ақл дар раҳи ишқ.*
*Чу шабнамест, ки бар баҳр мекашад рақаме.*
*(Ҳофиз*)

Нерӯе, ки то ин ҳадд қудратманд аст ва зимоми ихтиёрро аз каф мегирад ва ба қавли Мавлавӣ: “*Одамиро ҳамчун пари коҳе дар кафи тундбоде ба ин сӯву он сӯ мекашад*” ва ба қавли Рассел: “*Чизе аст, ки тамоюл ба оноршӣ дорад*“ чӣ гуна метавонад қобили тавсия бошад?

Ба ҳар ҳол, аҳёнан осори муфид доштани як матлаб аст ва қобили таҷвиз ва тавсия будан матлаби дигар аст.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки эрод ва эътирози бархе муташарриъин бар бархе аз ҳукамои исломӣ,[7] ки ин баҳсро дар илоҳиёт матраҳ кардаанд ва осор ва фавоиди онро баён кардаанд новорид аст, зеро табақа хаёл кардаанд, ки ақидаи он даста аз ҳукамо ин аст, ки ин матлаб қобили таҷвиз ва тавсия ҳам ҳаст ва ҳол он ки назари онҳо танҳо ба осори муфиде аст, ки дар шароити тақво ва ифоф ба бор меоварад, бидуни ин ки онро қобили таҷвиз ва тавсия бидонанд, дуруст монанди масоиб ва балоё.

## Муҳаббат ва иродат ба авлиё

Гуфтем, ки ишқу муҳаббат танҳо мунҳасир ба ишқи ҳайвонии ҷинсӣ ва ҳайвонии наслӣ нест, балки навъи дигаре аз ишқ ва ҷозиба ҳаст, ки дар ҷавве болотар қарор дорад ва асосан аз маҳдудаи модда ва моддиёт берун аст ва аз ғаризаи моварои бақои насл сарчашма мегирад ва дар ҳақиқат фасли мумайизи ҷаҳони инсон ва ҷаҳони ҳайвон аст ва он ишқи маънавӣ ва инсонӣ аст, ишқ варзидан ба фазоил ва хубиҳо ва шефтагии саҷоёи инсонӣ ва ҷамоли ҳақиқат.

*Ишққое, к-аз пайи ранге бувад,*
*Ишқ набвад, оқибат нанге бувад…*
*З-он ки ишқи мурдагон поянда нест,*
*З-он ки мурда сӯйи мо оянда нест.*
*Ишқи зинда дар равону дар басар*
*Ҳар даме бошад зи ғунча тозатар.*
*Ишқи он зинда гузин, к-ӯ боқӣ аст,*
*К-аз шароби ҷонфизоят соқӣ аст.*
*Ишқи он бигзин, ки ҷумлай анбиё*
*Ёфтанд аз ишқи ӯ кору киё.*
*(Мавлоно)*

Ва ин ишқ аст, ки дар оёти бисёре аз Қуръон бо вожаи “муҳаббат“ ва аҳёнан “вудд“ ё “маваддат“ аз он ёд шудааст. Ин оёт дар чанд қисмат қарор гирифтаанд:

1 — оёте, ки дар васфи мӯъминон аст ва аз дӯстӣ ва муҳаббати амиқи онон нисбат ба ҳазрати Ҳақ ё нисбат ба мӯъминон сухан гуфтааст:

وَالَّذِينَ آمَنُوا أَشَدُّ حُبًّا لِلَّهِ

(*Бақара/165*) “*Онон, ки имон овардаанд, дар дӯстим Худо сахттаранд*.“

[7] *Бӯалӣ, Рисолаи ишқ ва Садрулмуталлиҳин, сафари севвуми Асфор.*

وَالَّذِينَ تَبَوَّءُوا الدَّارَ وَالْإِيمَانَ مِنْ قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِي صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِمَّا أُوتُوا وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰ أَنْفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ

(*Ҳашр/9*) "*Ва онон, ки пеш аз муҳоҷирон дар хона (дорулҳиҷра, хонаи мусалмонон) ва дар имон (хонаи руҳӣ ва маънавии мусалмонон) ҷойгузин шуда, муҳоҷиронеро, ки ба сӯйи эшон меоянд дӯст доранд ва дар дили худашон аз он чи ба онҳо дода шудааст эҳсос нороҳатӣ намекунанд ва онҳоро бар хеш муқаддам медоранд ҳарчанд худ ниёзманд буда бошанд*."

2 — оёте, ки аз дӯстии ҳазрати Ҳақ нисбат ба мӯъминон сухан мегӯяд:

إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ التَّوَّابِينَ وَيُحِبُّ الْمُتَطَهِّرِينَ

(*Бақара/222*) "*Худо дӯст дорад тавбакунандагон ва покизагонро.*"

وَاللَّهُ يُحِبُّ الْمُحْسِنِينَ

(*Оли Имрон/148*) "*Худо дӯст дорад некӯкоронро.*"

إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُتَّقِينَ

(*Тавба/4) "Худо дӯст дорад худнигаҳдоронро*."

وَاللَّهُ يُحِبُّ الْمُطَّهِّرِينَ

(*Тавба/108*) "*Худо дӯст дорад покизагонро.*"

إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُقْسِطِينَ

(*Ҳуҷурот/9*) "*Худо дӯст дорад адолаткунандагонро.*"

3 — оёте, ки мутазаммини дӯстиҳои дутарафӣ ва муҳаббатҳои мутабодал аст: дӯстии ҳазрати Ҳақ нисбат ба мӯъминин ва дӯстии мӯъминон нисбат ба ҳазрати Ҳақ ва дӯстии мӯъминин якдигарро:

قُلْ إِنْ كُنْتُمْ تُحِبُّونَ اللَّهَ فَاتَّبِعُونِي يُحْبِبْكُمُ اللَّهُ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ

(*Оли Имрон/31*) "*Бигӯ: агар дӯст доред Худоро, аз ман пайравӣ кунед, то Худо дӯстатон бидорад ва гуноҳонатонро бароятон бибахшояд*."

فَسَوْفَ يَأْتِي اللَّهُ بِقَوْمٍ يُحِبُّهُمْ وَيُحِبُّونَهُ

(*Моида/54*) "*Худо биёварад қавмеро, ки дӯсташон дорад ва онҳо ӯро дӯст доранд*."

Муҳаббати мӯъминон нисбат ба якдигар:

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ سَيَجْعَلُ لَهُمُ الرَّحْمَٰنُ وُدًّا

(*Марям/96*) "*Онон, ки имон овардаанд ва шоистаҳо анҷом додаанд, Худованди бахшоишгар барояшон дӯстӣ қарор медиҳад.*"

وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً

(*Рум/21*) “*Дар миёни шумо бо ҳамсаронатон дӯстӣ қарор дод ва меҳр афканд*.“

Ва ҳамин алоқа ва муҳаббат аст, ки Иброҳим барои зуррияаш хост (*Иброҳим/37*) ва Пайғамбари Хотам низ ба дастури Худованд барои хешонаш талаб кард.

Ва ончунон ки аз ривоёт бармеояд, руҳ ва ҷавҳари дин ғайр аз муҳаббат чизе нест. Бурайд Иҷлӣ мегӯяд:

“Дар маҳзари Имом Боқир (а) будам, мусофире аз Хуросон, ки он роҳи дурро пиёда тай карда буд, ба ҳузури имом шарафёб шуд. Поҳояшро, ки аз кафаш даровард, шикофта шуда ва тарак бардошта буд. Гуфт: ба Худо савганд манро наёвард аз он ҷо, ки омадам, магар дӯстии шумо аҳли байт. Имом фармуд: ба Худо, қасам агар санге моро дӯст бидорад, Худованд онро бо мо маҳшур кунад ва қарин гардонад.

وهل الدين إلا الحبّ

Оё дин чизе ғайр аз дӯстӣ аст?“ (*Сафинатул-биҳор, ҷ.1, с.201*)

Марде ба Имом Содиқ (а) гуфт: мо фарзандонамонро ба номи шумо ва падаронатон исм мегузорем, оё ин кор моро суде дорад? Ҳазрат фармуданд: оре ба Худо қасам:

وهل الدين إلا الحب

Магар дин чизе ғайр аз дӯстӣ аст? Сипас ба ояти шарифаи:

قُلْ إِنْ كُنْتُمْ تُحِبُّونَ اللَّهَ فَاتَّبِعُونِي يُحْبِبْكُمُ اللَّهُ

(*Оли Имрон/31*) истишҳод фармуд. (*Ҳамон манбаъ, с.662*)

Асосан алоқа ва муҳаббат аст, ки итоатовар аст. Ошиқро он ёро набошад, ки аз хости маъшуқ сарбипечад. Мо инро худ бо чашм мебинем, ки ҷавонаки ошиқ дар муқобили маъшуқа ва дилбохтааш аз ҳама чиз мегузарад ва ҳама чизро фидои ӯ месозад.

Итоат ва парастиши ҳазрат Ҳақ ба нисбати муҳаббат ва ишқе аст, ки инсон ба ҳазрати Ҳақ дорад ҳамчунон ки Имом Содиқ (а) фармуд:

تعصي الإله وأنت تظهر حبه

هذا لعمري في الفعال بديع

لو كان حبک صادقا أطعته

إن المحب لمن يحب مطيع

Худоро нофармонӣ кунӣ ва изҳори дӯстии ӯ кунӣ?! Ба ҷони худам ин рафтори шигифт аст! Агар дӯстият ростин буд, итоаташ мекардӣ, зеро ки дӯстдор мутеъи касе аст, ки ӯро дӯст дорад.

# Нерӯи муҳаббат дар иҷтимоъ

Нерӯи муҳаббат аз назари иҷтимоӣ, нерӯи азим ва муассире аст. Беҳтарин иҷтимоъҳо он аст, ки бо нерӯи муҳаббат идора шавад: муҳаббати заъим ва зимомдор ба мардум ва муҳаббат ва иродати мардум ба заъим ва зимомдор. Алоқа ва муҳаббати зимомдор омили бузурге аст барои субот ва идомаи ҳаёти ҳукумат. Ва то омили муҳаббат набошад, раҳбар наметавонад ва ё бисёр душвор аст, ки иҷтимоъеро раҳбарӣ кунад ва мардумро афроде мунзабит ва қонунӣ тарбият кунад ҳарчанд ки адолат ва мусовотро дар он иҷтимоъ барқарор кунад. Мардум он гоҳ қонунӣ хоҳанд буд, ки аз зимомдорашон алоқа бибинанд ва он алоқаҳост, ки мардумро ба пайравӣ ва итоат мекашад. Қуръон хитоб ба Пайғамбар мекунад, ки эй Пайғамбар! Нерӯи бузургеро барои нуфуз дар мардум ва идораи иҷтимоъ дар даст дорӣ:

فَبِمَا رَحْمَةٍ مِنَ اللَّهِ لِنْتَ لَهُمْ ۖ وَلَوْ كُنْتَ فَظًّا غَلِيظَ الْقَلْبِ لَانْفَضُّوا مِنْ حَوْلِكَ ۖ فَاعْفُ عَنْهُمْ وَاسْتَغْفِرْ لَهُمْ وَشَاوِرْهُمْ فِي الْأَمْرِ

(*Оли Имрон/159*) “*Ба мӯҷиби лутф ва раҳмати илоҳӣ, ту барояшон нармдил шудӣ, ки агар тундхӯйи сахтдил будӣ, аз перомунат пароканда мегаштанд. Пас, аз онон даргузар ва барояшон омурзиш бихоҳ ва дар кор бо онон машварат кун*.“

Дар ин ҷо иллати гароиши мардум ба Пайғамбари Акрамро алоқа ва меҳре дониста, ки Набии Акрам нисбат ба онон мабзул медошт. Боз дастур медиҳад, ки бибахшашон ва барояшон истиғфор кун ва бо онон машварат намо. Инҳо ҳама аз осори муҳаббат ва дӯстӣ аст, ҳамчунон ки рифқ ва ҳилм ва таҳаммул, ҳама аз шуъуни муҳаббат ва эҳсонанд.

*Ӯ ба теғи ҳилм чандин ҳалқро*

*Вохарид аз теғ чандин ҳалқро.*

*Теғи ҳилм аз теғи оҳан тезтар,*

*Бал зи сад лашкар зафарангезтар.*

*(Мавлоно)*

Ва боз Қуръон мефармояд:

وَلَا تَسْتَوِي الْحَسَنَةُ وَلَا السَّيِّئَةُ ۚ ادْفَعْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ فَإِذَا الَّذِي بَيْنَكَ وَبَيْنَهُ عَدَاوَةٌ كَأَنَّهُ وَلِيٌّ حَمِيمٌ

(*Фуссиллат/34*) “*Неку бад яксон нест, бо ахлоқи накӯтар дафъи шарр кун, ки он гоҳ он ки байни ту ва ӯ душманӣ аст гӯё дӯсти хешованд аст*.“

Саъдӣ дар Бӯстон гӯяд:

*Бибахш эй писар, к-одамизода сайд*

*Ба эҳсон тавон карду ваҳшӣ ба қайд.*

*Адӯро ба алтоф гардан бибанд,*

*Ки натвон буридан ба теғ ин каманд.*

Амирулмӯъминин низ дар фармони хеш ба Молики Аштар он гоҳ, ки ӯро ба зимомдории Миср мансуб мекунад, дар бораи рафтор бо мардум чунин тавсия мекунад:

**وأشعر قلبک الرحمة للرعية والمحبة لهم واللطف بهم... فأعطهم من عفوک وصفحک مثل الذي تحب أن يعطيک الله من عفوه وصفحه**

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 53*) “*Эҳсоси меҳру муҳаббат ба мардумро ва мулотафат бо онҳоро дар дилат бедор кун… Аз афв ва гузашт ба онон баҳрае бидеҳ ҳамчунон ки дӯст дорӣ Худованд аз афв ва гузашташ туро баҳраманд гардонад*.“

Қалби зимомдор боисте конуни меҳру муҳаббат бошад нисбат ба миллат. Қудрат ва зӯр кофӣ нест. Бо қудрат ва зӯр метавон мардумро гӯсфандвор ронд, вале наметавон нерӯҳои нуҳуфтаи онҳоро бедор кард ва ба кор андохт. На танҳо қудрат ва зӯр кофӣ нест, адолат ҳам агар хушк иҷро шавад, кофӣ нест, балки зимомдор ҳамчун падари меҳрубон бояд қалбан мардумро дӯст бидорад ва нисбат ба онон меҳр биварзад ва ҳам бояд дорои шахсияти ҷозибадор ва иродатофарин бошад, то битавонад иродаи онон ва ҳиммати онон ва нерӯҳои азими инсонии ононро дар пешбурди ҳадафи муқаддаси худ ба хидмат бигирад.

## Беҳтарин василаи таҳзиби нафс

Баҳсҳои гузашта дар боби ишқ ва муҳаббат муқаддима буд ва акнун мехоҳем кам-кам ба натиҷа бирасем. Муҳимтарин баҳси мо — ки дар ҳақиқат баҳси аслии мост — ин аст, ки оё ишқ ва алоқа ба авлиё ва дӯстии некон, худ ҳадаф аст ё василае аст барои таҳзиби нафс ва ислоҳи ахлоқ ва касби фазоил ва саҷоёи инсонӣ?

Дар ишқҳои ҳайвонӣ, тамоми иноят ва эҳтимоми ошиқ, ба сурати маъшуқ ва таносуби аъзо ва рангу зебоии пӯсти ӯст ва он ғароиз аст, ки инсонро мекашад ва маҷзуб месозад, аммо пас аз ишбоъи ғароиз, дигар он оташҳо фурӯғ надорад ва ба сардӣ мегарояд ва хомӯш мегардад. Аммо ишқи инсонӣ ҳамчунон ки гуфтем, ҳаёт аст ва зиндагӣ, итоатовар аст ва пайравсоз. Ва ин ишқ аст, ки ошиқро мушокил бо маъшуқ қарор медиҳад ва вай мекӯшад, то ҷилвае аз маъшуқ бошад ва купие аз равишҳои ӯ, ҳамчунон ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар шарҳи “Ишорот”-и Бӯалӣ мегӯяд:

**والنفساني هو الذي يكون مبدؤه — مشاكلة نفس العاشق لنفس المعشوق في الجوهر– ويكون أكثر إعجابه بشمائل المعشوق —لأنها آثار صادرة عن نفسه... وهو يجعل النفس لينة شفيقة ذات وجد ورقة — منقطعة عن الشواغل الدنيوية**

(*Шарҳи Ишорот, ч.3, с.383*) "*Ишқи нафсонӣ он аст, ки мабдаъаш ҳамрангии зотии ошиқ ва маъшуқ аст, бештар эҳтимоми ошиқ ба равишҳои маъшуқ ва осоре аст, ки аз нафси вай содир мегардад. Ин ишқ аст, ки нафсро нарм ва пуршавқу ваҷд қарор медиҳад, риққате эҷод мекунад, ки ошиқро аз олудгиҳои дунёӣ безор мегардонад*."

Муҳаббат ба сӯйи мушобеҳат ва мушокилат меронад ва қудрати он сабаб мешавад, ки муҳибб ба шакли маҳбуб дарояд. Муҳаббат монанди сими барқе аст, ки аз вуҷуди маҳбуб ба муҳибб васл гардад ва сифоти маҳбубро ба вай мунтақил созад. Ва ин ҷост, ки интихоби маҳбуб аҳаммияти асосӣ дорад. Аз ин рӯ ислом дар мавзӯъи дӯстёбӣ ва иттихози садиқ бисёр эҳтимом варзида ва дар ин замина оёт ва ривоёти бисёре ворид шудааст, зеро дӯстӣ ҳамрангсоз аст ва зебосоз ва ғафлатовар, он ҷо, ки партав афканад, айбро ҳунар мебинад ва хорро гул ва ёсуман.[8]

---

[8] *Аз барои ишқ маъойибе низ ҳаст. Аз ҷумлаи маъойиби он ин, ки ошиқ дар асари истиғроқ дар ҳусни маъшуқ, аз айби ӯ ғафлат мекунад, ки:*

**حبّ الشيء يعمي ويصمّ**

*"Дӯстии ҳар чиз кӯру кар мекунад."*

**ومن عشق شيأ أعمى بصره وأمرض قلبه**

*"Ҳар кас ки чизеро дӯст дорад, чашмашро маъюб ва дилашро мариз мекунад." ("Наҳҷул-балоға", хутбаи 107) Саъдӣ дар "Гулистон" мегӯяд: "Ҳама касро ақли худ ба камол намояд ва фарзанди худ ба ҷамол." Ин асари суъ бо он чи дар матн хондем, ки асари ишқ ҳассосияти ҳуш ва идрок аст, мунофот надорад. Ҳассосияти ҳуш аз ин назар аст, ки инсонро аз кӯдакӣ хориҷ карда ва қувваро ба феълият мерасонад ва аммо асари суъи ишқ ин нест, ки одамиро кавдан мекунад, балки одамиро ғофил мекунад. Масъала кавданӣ ғайр аз масъалаи ғафлат аст. Бисёре аз авқот ашхоси камҳуш дар асари ҳифзи таъодули эҳсосот, камтар дар ғафлат мебошанд. Ишқ фаҳмро тезтар мекунад, аммо таваҷҷӯҳро як ҷиҳат ва мутаваҳҳид месозад. Ва аз ин рӯ дар матн гуфта шуд, ки хоссияти ишқ таваҳҳуд аст ва дар асари ҳамин таваҳҳуд ва тамаркуз аст, ки айб пайдо мешавад ва аз таваҷҷӯҳ ба умури дигар мекоҳад. Болотар аз он, на танҳо ишқ айбро мепӯшонад, балки айбро ҳусн ҷилва медиҳад, зеро яке аз осори ишқ ин аст, ки ҳар ҷо*

Дар қисмате аз оёт ва ривоёт аз ҳамнишинӣ ва дӯстии мардуми нопок ва олуда сахт барҳазар доштааст ва дар қисмате аз онҳо ба дӯстии покдилон даъват кардааст.

Ибни Аббос мегуфт: дар маҳзари Пайғамбар будем, пурсиданд: беҳтарини ҳамнишинон кист? Ҳазрат фармуд:

**من ذَكَّرَكُم بِاللهِ رؤيتُهُ، وَزادَكُم في عِلمكُم مَنطِقُهُ وَذَكَّرَكُم بالآخِرَةِ عَمَلُهُ**

(*“Биҳолул-анвор”, ҷ.15, с.51*) “*Он кас ки диданаш шуморо ба ёди Худо биандозад ва гуфтораш бар донишатон биафзояд ва рафтораш шуморо ба ёди охират ва қиёмат биандозад*.“

Башар ба иксири муҳаббати некон ва покон сахт ниёзманд аст, ки муҳаббат биварзад ва муҳаббати покон ӯро бо онҳо ҳамрангу ҳамшакл қарор диҳад.

Барои ислоҳи ахлоқ ва таҳзиби нафс роҳҳои мухталифе пешниҳод шуда ва машрабҳои гуногуне падид омадааст. Аз ҷумла машраби суқротӣ аст. Тибқи ин машраб, инсон бояд худро аз роҳи ақл ва тадбир ислоҳ кунад. Одамӣ аввал бояд ба фавоиди тазкия ва мазарроти ошуфтагии ахлоқ имони комил пайдо кунад ва сипас бо абзори ақл як-як сифоти мазмумро пайдо кунад — мисли касе, ки мехоҳад мӯҳоро так-так аз дохили бинӣ бачинад, ё мисли кишоварзе, ки аз лобалои зироат бо дасти худ як-як алафҳои ҳарзаро биканад, ё мисли касе, ки мехоҳад гандумро бо дасти худ аз регу кулӯх пок кунад — ва он гоҳ онҳоро аз хирмани ҳастияш пок кунад.

---

*партав афканад, он ҷоро зебо мекунад, як зарра ҳуснро хуршед, балки сиёҳиро сафедӣ ва зулматро нур ҷилва медиҳад ва ба қавли Ваҳшӣ:*

*Агар дар косаи чашмам нишинӣ,*

*Ба ҷуз аз хубии Лайлӣ набинӣ.*

*Ва зоҳиран ба ин иллат аст, ки ишқ мисли илм нест, ки сад дар сад тобеъи маълум бошад. Ишқ ҷанбаи дохилӣ ва нафсонияш беш аз ҷанбаи хориҷӣ ва айнӣ мебошад, яъне мизони ишқ тобеъи мизони ҳусн нест, балки бештар тобеъи мизони истеъдод ва мояи ошиқ аст. Дар ҳақиқат ошиқ дорои моя ва модда ва оташи зери хокистаре аст, ки дунболи баҳона ва мавзӯъ мегардад. Ҳамин ки ба мавзӯе аҳёнан бархӯрд кард ва тавофуқе даст дод — ки ҳанӯз рамзи ин тавофуқ ба даст наомада ва аз ин рӯ гуфта мешавад, ишқ бедалел аст — он қувваи дохилӣ таҷаллӣ мекунад ва ба андозаи тавоноии худаш ҳусн месозад ва на ба он андоза, ки дар маҳбуб вуҷуд дорад. Ин аст, ки дар матн мехонем ошиқ айби маъшуқро ҳунар мебинад ва хорашро гулу ёсуман*.

Тибқи ин равиш, бояд бо сабру ҳавсала ва диққат ва ҳисоб ва андеша, тадриҷан мафосиди ахлоқиро зоил кард ва ғишшҳоро аз тиллои вуҷуд пок кард ва шояд битавон гуфт, ки барои ақл имконпазир нест, ки аз ӯҳда барояд.

Файласуфон, ислоҳи ахлоқро аз фикру ҳисоб мехоҳанд, масалан мегӯянд: иффат ва қаноат боиси иззат ва шахсияти инсон аст дар назари мардум ва тамаъу оз мӯҷиби зиллат ва пастӣ аст. Ё мегӯянд: илм мӯҷиби қудрат ва тавоноӣ аст, илм чунин асту илм чунон, "хотами мулки Сулаймон аст илм", илм чароғе аст фаророҳи инсон, ки роҳро аз чоҳ равшан мекунад. Ва ё мегӯянд: ҳасад ва бадхоҳӣ бемории руҳӣ аст, аз назари иҷтимоӣ авоқиби суъеро дунбол хоҳад дошт ва аз ин қабил суханон.

Шак нест, ки ин роҳ, роҳи саҳеҳе аст ва ин васила, василаи хубе аст, аммо сухан дар мизони арзиши ин василаи хубе аст бо муқоиса бо як василаи дигар. Ҳамчунон, ки автомобил масалан василаи хубе аст, аммо дар мақоми муқоиса бо ҳавопаймо масалан бояд дид арзиши ин васила дар чӣ ҳадд аст. Мо дар бораи арзиши роҳ ақл аз назари роҳнамоӣ, яъне аз ин назар, ки чӣ андоза истидлолоти ба истилоҳ ақлӣ дар масоили ахлоқӣ воқеънамо аст ва саҳеҳ аст ва мутобиқ аст ва хато ва иштибоҳ нест, баҳсе надорем. Ҳамин қадр мегӯем, ки макотиби фалсафии ахлоқӣ ва тарбиятӣ "ло туъадду ва ло туҳсо" (бешумор) аст ва ҳанӯз ин масоил аз назари истидлолӣ аз ҳудуди баҳс таҷовуз накардааст ва боз медонем, ки аҳли ирфон ба таври куллӣ мегӯянд:

*Пойи истидлолиён чӯбин бувад,*

*Пойи чӯбин сахт бетамкин бувад.*

Баҳси мо феълан дар ин ҷиҳат нест, балки дар ин аст, ки мизони бурди ин васоил чӣ қадр аст? Аҳли ирфон ва сайру сулук ба ҷойи пӯйиши роҳи ақл ва истидлол, роҳи муҳаббат ва иродатро пешниҳод мекунанд. Мегӯянд: комилеро пайдо кун ва риштаи муҳаббат ва иродати ӯро ба гардани дил биёвез, ки аз роҳи ақлу истидлол, ҳам бехатартар аст ва ҳам сареътар. Дар мақоми муқоиса, ин ду васила монанди васоили дастии қадим ва васоили мошинӣ мебошанд. Таъсири нерӯи муҳаббат ва иродат дар зоил кардани разоили ахлоқӣ аз дил, аз қабили таъсири маводди шимиёӣ бар рӯйи филизот аст. Масалан як калишасоз бо тезоб атрофи ҳуруфро аз байн мебарад, на бо нохун ва ё сари чоқу ва ё чизе аз ин қабил. Аммо таъсири нерӯи ақл дар ислоҳи мафосиди ахлоқӣ монанди кори касе аст, ки бихоҳад зарроти оҳанро аз хок бо даст ҷудо кунад. Чӣ қадр ранҷу заҳмат дорад? Агар як оҳанрубои қавӣ дар даст дошта бошад, мумкин аст бо як гардиш ҳамаи онҳоро ҷудо кунад. Нерӯи иродат ва муҳаббат монанди оҳанрубо сифоти разиларо ҷамъ мекунад ва дур мерезд.

Ба ақидаи аҳли ирфон, муҳаббат ва иродати покон ва куммалин ҳамчун дастгоҳи худкорӣ, худ ба худ разоилро ҷамъ мекунад ва берун мерезад. Ҳолат маҷзубият агар бачо биафтад, аз беҳтарин ҳолот аст ва ин аст, ки тасфиягар ва нубуғбахш аст.

Оре, онон ки ин роҳро рафтаанд, ислоҳи ахлоқро аз нерӯи муҳаббат мехоҳанд ва ба қудрати ишқ ва иродат такя мекунанд. Таҷриба нишон додааст, ки он андоза, ки мусоҳибати некон ва иродат ва муҳаббати онон дар руҳ муассир афтодааст, хондани садҳо ҷилд китоби ахлоқӣ муассир набудааст. Мавлавӣ паёми муҳаббатро ба нолаи най таъбир кардааст, мегӯяд:

*Ҳамчу най заҳреву тарёқе кӣ дид?*

*Ҳамчу най дамсозу муштоқе кӣ дид?..*

*Ҳар киро ҷома зи ишқе чок шуд,*

*Ӯ зи ҳирсу ҷумла айбе пок шуд.*

*Шод бош эй ишқи хушсавдои мо!*

*Эй табиби ҷумла иллатҳои мо!*

Гоҳе бузургонеро мебинем, ки иродатмандони онон ҳатто дар роҳ рафтан ва либос пӯшидан ва бархӯрдҳо ва жести сухан, аз онон тақлид мекунанд. Ин тақлид ихтиёрӣ нест, худ ба худ ва табиӣ аст. Нерӯи муҳаббат ва иродат аст, ки дар тамоми аркони ҳастии муҳаббат асар мегузорд ва дар ҳама ҳол ӯро ҳамранги маҳбуб месозад.

Ин аст, ки ҳар инсоне бояд барои ислоҳи хеш дунболи аҳли ҳақиқате бигардад ва ба ӯ ишқ биварзад, то ростӣ битавонад хешро ислоҳ кунад.

*Гар дар сарат ҳавои висол аст, Ҳофизо,*

*Бояд, ки хоки даргаҳи аҳли ҳунар шавӣ.*

Инсоне, ки қаблан ҳар чи тасмим мегирифт, ибодат ё амали хайре анҷом диҳад, боз сустӣ дар аркони ҳимматаш роҳ меёфт, вақте, ки муҳаббат ва иродат омад, дигар он сустӣ ва рахват меравад ва азмаш росих ва ҳимматаш нерӯманд мегардад.

*Меҳри хубон дилу дин аз ҳама бепарво бурд,*

*Рухи шатранҷ набурд он чи рухи зебо бурд.*

*Ту мапиндор, ки Маҷнун сари худ маҷнун гашт,*

*Аз самак то ба самокаш кашиши Лайло бурд.*

*Ман ба сарчашмаи хуршед на худ бурдам роҳ,*

*Заррае будаму ишқи ту маро боло бурд.*

*(Алломаи Табобаӣ)*

Таърих, бузургонеро суроғ дорад, ки ишқу иродат ба куммалин — лоақал дар пиндори иродатмандон — инқилобе дар руҳу равонашон ба вуҷуд овардааст. Муллои Румӣ яке

аз он афрод аст. Ӯ аз аввал инчунин сӯхта ва пурҳаяҷон набуд. Марде донишманд буд, аммо сарду хомӯш дар гӯшаи шаҳраш машғули тадрис буд. Аз рӯзе, ки бо Шамси Табрезӣ бархӯрд кард ва иродат ба ӯ дилу ҷонашро фаро гирифт, дигаргунаш сохт ва оташе дар дарунаш барафурӯхт ва ҳамчун ҷараққае буд, ки дар анбори борут афтодааст, шӯълаҳо афрӯхт. Ӯ худ зоҳиран марде аст ашъаримаслак, вале Маснавии ӯ бешак яке аз бузургтарин китобҳои ҷаҳон аст. Ашъори ин мард ҳамааш мавҷ аст ва ҳаракат. Девони Шамсро ба ёди мурод ва маҳбуби хеш сурудааст. Дар Маснавӣ низ зиёд аз ӯ ёд мекунад. Дар Маснавӣ, Муллои Румиро мебинем ба дунболи матлабе аст, аммо ҳамин ки ба ёди Шамс меафтад, тӯфоне сахт дар руҳаш падид меояд ва амвоҷи хурӯшонеро дар вай ба вуҷуд меоварад. Мегӯяд:

*Ин нафас, ҷон доманам бартофтаст,*
*Бӯйи пироҳони Юсуф ёфтаст,*
*К-аз барои ҳаққи сӯҳбат, солҳо*
*Бозгӯ ҳоле аз он хушҳолҳо,*
*То замину осмон хандон шавад,*
*Ақлу руҳу дида садчандон шавад…*
*Ман чӣ гӯям? Як рагам ҳушёр нест*
*Шарҳи он ёре, ки ӯро ёр нест.*
*Шарҳи ин ҳиҷрону ин хуни ҷигар*
*Ин замон бигзор то вақти дигар…*
*Фитнаву ошӯбу хунрезӣ маҷӯ,*
*Беш аз ин аз Шамси Табрезӣ магӯ.*

Ва ин мисдоқи ростини гуфта Ҳофиз аст:

*Булбул аз файзи гул омӯхт сухан, варна набуд*
*Ин ҳама қавлу ғазал таъбия дар минқораш.*

Аз ин ҷо метавонем истифода кунем, ки кӯшиш ва кашиш, ё фаъолият ва инҷизоб бояд ҳамроҳ бошанд. Аз кӯшиши бидуни ҷазаба коре сохта нест, камо ин ки кашиши бидуни кӯшиш ба ҷойе намерасад.

## Намунаҳое аз таърихи ислом

Дар таърихи ислом аз алоқаи шадид ва шайдоии муслимин нисбат ба шахси Расули Акрам намунаҳое барҷаста ва бесобиқа мебинем. Асосан як фарқ байни мактаби анбиё ва мактаб фалосифа ҳамин аст, ки шогирдони фалосифа фақат мутаъаллиманд ва

фалосифа нуфузе болотар аз нуфузи як муаллим надоранд, аммо анбиё нуфузашон аз қабили нуфуз як маҳбуб аст; маҳбубе, ки то аъмоқи руҳи муҳибб роҳ ёфта ва панҷа афканда аст ва тамоми риштаҳои ҳаётии ӯро дар даст гирифтааст.

Аз ҷумлаи афроди дилбохта ба Расули Акрам, Абӯзари Ғифорӣ аст. Пайғамбар барои ҳаракат ба Табук (дар сад фарсахии шимоли Мадина, муҷовири марзҳои Сурия) фармон дод. Иддае таъаллул варзиданд. Мунофиқин коршиканӣ мекарданд. Билохира лашкаре нерӯманд ҳаракат кард. Аз таҷҳизоти низомӣ бебаҳраанд ва аз назари озуқа низ дар тангӣ ва қаҳтӣ қарор гирифтаанд, ки гоҳе чанд нафар бо хурмое мегузаронанд, аммо ҳама бонишот ва сарзиндаанд. Ишқ, нерӯмандашон сохта ва ҷазабаи Расули Акрам қудраташон бахшидааст. Абӯзар низ дар ин лашкар ба сӯйи Табук ҳаракат кардааст. Дар байни роҳ се нафар яке пас аз дигаре ақиб кашиданд. Ҳар кадом, ки ақиб мекашиданд, ба Пайғамбари Пкрам иттилоъ дода мешуд ва ҳар навбат Пайғамбар мефармуд: "*Агар дар вай хайре аст, Худованд ӯро бармегардонад ва агар хайре нест, беҳтар, ки рафт*."

Шутури лоғар ва заъифи Абӯзар аз рафтан бозмонд. Диданд, Абӯзар низ ақиб кашид. Ё Расулаллоҳ! Абӯзар низ рафт. Ҳазрат боз ҷумларо такрор кард: "*Агар хайре дар ӯ ҳаст, Худованд ӯро ба мо бозмегардонад ва агар хайре дар ӯ нест, беҳтар, ки рафт*." Лашкар ҳамчунон ба сайри хеш идома медиҳад ва Абӯзар ақиб мондааст, аммо тахаллуф нест, ҳайвонаш аз рафтор монда. Ҳар чи кард, ҳаракат накард. Чандмилиро ақиб мондааст. Шутурро раҳо кард ва борашро ба дӯш гирифт ва дар ҳавои гарм бар рӯйи регҳои гудозанда ба роҳ афтод. Ташнагӣ дошт ҳалокаш мекард. Ба сахрае дар сояи кӯҳе бархӯрд кард. Дар миёнаш оби борон ҷамъ шуда буд. Чашид. Онро бисёр сард ва хушгувор ёфт. Гуфт, ҳаргиз намеошомам, то дӯстам Расулуллоҳ биёшомад. Машкашро пур кард. Онро низ ба дӯш гирифт ва ба сӯйи муслимин шитофт.

Аз дур шабаҳе диданд. Ё Расулаллоҳ! Шабаҳеро мебинем ба сӯйи мо меояд.

Фармуд: бояд Абӯзар бошад. Наздиктар омад, оре Абӯзар аст, аммо хастагӣ ва ташнагӣ сахт ӯро аз по даровардааст. То расид, афтод. Пайғамбар фармуд: зуд ба ӯ об бирасонед. Бо садое заъиф гуфт: "Об ҳамроҳ дорам." Пайғамбар гуфт: об доштӣ ва аз ташнагӣ наздик ба ҳалокатӣ?! Оре, ё Расулаллоҳ! Вақте, ки обро чашидам, дареғам омад, ки қабл аз дӯстам Расулуллоҳ аз он бинӯшам. (*"Биҳолул-анвор", ҷ.21, с.215-216*)

Ростӣ, дар кадом мактабе аз мактабҳои ҷаҳон, инчунин шефтагиҳо ва беқарориҳо ва аз худ гузаштгиҳо мебинем?!

Намунаи дигар: дигар аз ин дилбохтагони беқарор, Билоли Ҳабашӣ аст. Қурайш дар Макка дар зери шиканҷаҳои тоқатфарсо қарораш медоданд ва дар зери офтоби сӯзон бар рӯйи сангҳои гудохта меозурданаш ва аз ӯ мехостанд, ки номи бутҳоро бибарад ва

имонашро ба бутҳо эълом дорад ва аз Муҳаммад табарӣ ва безори ҷӯяд. Мавлавӣ дар ҷилди шашуми Маснавӣ достони таъзиби ӯро овардааст ва инсофан Мавлавӣ ҳам шоҳкор кардааст. Мегӯяд: Абӯбакр ӯро андарз медод, ки ақидаатро пинҳон кун, аммо ӯ тоби кетмон надошт, ки "ишқ аз аввал саркашу хунӣ бувад."

*Тан фидои хор мекард он Билол,*
*Хоҷааш мезад барои гӯшмол,*
*Ки чаро ту ёди Аҳмад мекунӣ?*
*Бандаи бад, мункири дини манӣ?*
*Мезад андар офтобаш ӯ ба хор,*
*Ӯ "Аҳад" мегуфт баҳри ифтихор,*
*То ки Сиддиқ он тараф бармегузашт,*
*Он "Аҳад" гуфтан ба гӯши ӯ бирафт…*
*Баъд аз он хилват бидидаш, панд дод,*
*К-аз ҷуҳудон хуфя медор эътиқод.*
*Олимус-сирр аст, пинҳон дор ком,*
*Гуфт: кардам тавба пешат, эй ҳумом!..*
*Тавба кардан з-ин намат бисёр шуд,*
*Оқибат аз тавба ӯ безор шуд.*
*Фош кард, испурд танро дар бало,*
*К-эй Муҳаммад, эй адувви тавбаҳо!*
*Эй тани ман в-эй раги ман пур зи ту,*
*Тавбаро гунҷо куҷо бошад дар ӯ?*
*Тавбаро з-ин пас зи дил берун кунам,*
*Аз ҳаёти хулд тавба чун кунам?*
*Ишқ қаҳҳор асту ман маққури ишқ,*
*Чун шакар ширин шудам аз шӯри ишқ.*
*Барги коҳам пеши ту, эй тундбод!*
*Ман чӣ донам, ки куҷо хоҳам фитод?*
*Гар Ҳилолам, гар Билолам, медавам,*
*Муқтадии офтобат мешавам.*
*Моҳро бо зафтию зорӣ чӣ кор?*
*Дар пайи хуршед пӯяд соявор…*
*Ошиқон дар сели тунд афтодаанд,*
*Бар қазои ишқ дил бинҳодаанд.*

*Ҳамчу санги осиё андар мадор,*

*Рӯзу шаб гардону нолон беқарор.*

Намунаи дигар: муаррихини исломӣ як ҳодисаи маъруфи таърихиро дар садри ислом “Ғазватур Раҷиъ“ ва рӯзи он ҳодисаро “Явмур Раҷиъ“ меноманд. Достоне шуниданӣ ва дилкаш дорад.

Иддае аз қабилаи Азал ва Қора, ки зоҳиран бо Қурайш ҳамреша будаанд ва дар наздикиҳои Макка сукно доштаанд, дар соли севвуми ҳичрат ба ҳузури Расули Акрам омада, изҳор доштанд: “*Бархе аз афроди қабилаи мо ислом ихтиёр кардаанд. Гурӯҳе аз мусалмононро ба миёни мо бифирист, ки маънии динро ба мо биёмӯзонанд, Қуръонро ба мо таълим диҳанд ва усул ва қавонини исломро ба мо ёд бидиҳанд*.“

Расули Акрам шаш нафар аз асҳоби хешро барои ин манзур ҳамроҳи онҳо фиристод ва риёсати гурӯҳро бар ӯҳдаи марде ба номи Марсад ибни Абимарсад ва ё марди дигаре ба номи Осим ибни Собит гузошт. Фиристодагони Расули Худо ҳамроҳ он ҳайат, ки ба Мадина омада буданд, равона шуданд, то дар нуқтае, ки маҳалли сукунати қабилаи Ҳузайл буд расиданд ва фуруд омаданд. Ёрони Расули Худо бехабар аз ҳама ҷо орамида буданд, ки ногоҳ гурӯҳе аз қабилаи Ҳузайл монанди соъиқаи оташбор бо шамшерҳои оҳехта бар сари онҳо ҳамла оварданд. Маълум шуд, ки ҳайате, ки ба Мадина омада буданд, аз аввал қасди худъа доштаанд ва ё ба ин нуқта, ки расидаанд, ба тамаъ афтода ва тағйири равиш додаанд. Ба ҳар ҳол, маълум аст ин афрод бо қабилаи Ҳузайл сохтаанд ва ҳадаф, дастгирии ин шаш нафар мусалмон аст. Ёрони Расули Худо ҳамин, ки аз мавзӯъ огоҳ шуданд, ба суръат ба тарафи аслиҳаи хеш рафтанд ва омодаи дифоъ аз хеш гаштанд. Вале ҳузайлиҳо савганд ёд карданд, ки ҳадафи мо куштани шумо нест, ҳадафи мо ин аст, ки шуморо таҳвили қурашиён дар Макка бидиҳем ва пуле аз онҳо бигирем. Мо ҳамакнун бо шумо паймон мебандем, ки шуморо накушем. Се нафар аз инҳо ва аз он ҷумла Осим ибни Собит гуфтанд: мо ҳаргиз нанги паймони мушрикро намепазирем, ҷангиданд, то кушта шуданд. Аммо се нафари дигар ба номи Зайд ибни Дасна ва Хабиб ибни Удай ва Абдуллоҳ ибни Ториқ нармиш нишон доданд ва таслим шуданд.

Ҳузайлиҳо ин се нафарро бо таноб муҳкам бастанд ва ба тарафи Макка равона шуданд. Абдуллоҳ ибни Ториқ наздики Макка дасти хешро аз банд берун овард ва даст ба шамшер бурд, аммо душман маҷол надод, бо зарби санг ӯро куштанд. Зайд ва Хабиб ба Макка бурда шуданд ва дар муқобили ду асир аз Ҳузайл, ки дар Макка доштанд, онҳоро фурӯхтанд ва рафтанд. Сафвон ибни Умайяи Қурашӣ Зайдро аз он кас, ки дар ихтиёраш буд харид, ки ба интиқоми хуни падараш, ки дар Уҳуд ё Бадр кушта шуда буд, бикушад. Ӯро барои куштан ба хориҷ аз Макка бурданд. Мардуми Қурайш ҷамъ шуданд, ки

нозири ҷараён бошанд. Зайдро ба қурбонгоҳ оварданд. Ӯ бо қадамҳои мардонааш ҷилав омад ва кучактарин тазалзуле ба худ роҳ надод. Абӯсуфён яке аз нозирони маърака буд. Фикр кард, аз шароити мавҷуд дар ин лаҳазоти охири ҳаёти Зайд истифода кунад, шояд битавонад як изҳори надомат ва пушаймонӣ ва ё изҳори танаффуре нисбат ба Расули Акрам аз ӯ берун кашад. Рафт ҷилав ва ба Зайд гуфт: туро ба Худо савганд медиҳам: "*Оё дӯст надорӣ, ки алъон Муҳаммад ба ҷойи ту буд ва мо гардани ӯро мезадем ва ту роҳат ба назди зану фарзандонат мерафтӣ?*" Зайд гуфт: "*Савганд ба Худо, ки ман дӯст надорам, ки дар пойи Муҳаммад хоре биравад ва ман дар хонаам назди зану фарзандам роҳат нишаста бошам*." Даҳони Абӯсуфён аз таъаҷҷуб бозмонд. Рӯ кард ба дигар қурашиён ва гуфт: "*Ба Худо қасам, ман ҳаргиз надидам ёрони касе ӯро он қадр дӯст бидоранд, ки ёрони Муҳаммад Муҳаммадро дӯст медоранд*."

Пас аз чанде навбат ба Хабиб ибни Удай расид. Ӯро низ барои дор задан ба хориҷи Макка бурданд. Дар он ҷо аз ҷамъият хоҳиш кард, иҷоза диҳанд ду ракъат намоз бихонад. Иҷоза доданд. Ду ракъат намоз дар камоли хузӯъу хушӯъу ҳол хонд. Он гоҳ хитоб ба ҷамъият кард ва гуфт: "*Ба Худо қасам, агар набуд, ки мавриди тӯҳмат қарор мегирам, ки хоҳед гуфт аз марг метарсад, зиёд намоз мехондам*."

Хабибро муҳкам ба чӯбаи дор бастанд. Дар ин вақт буд, ки оҳанги дилнавози Хабиб ибни Удай бо руҳонияте комил, ки ҳамаро таҳти таъсир қарор дод ва гурӯҳе аз тарс худро ба рӯйи хок афкананд, шунида шуд, ки бо Худои худ муноҷот мекард:

**اللهم إنا قد بلغنا رسالة رسولک فبلغه الغداة ما يصنع بنا. اللهم أحصهم عددا واقتلهم بددا ولا تغادر منهم أحدا**

([9])

Намунаи дигар: чунонки медонем, моҷарои Уҳуд ба сурати ғамангезе барои муслимин поён ёфт. Ҳафтод нафар аз муслимин ва аз он ҷумла ҷаноби Ҳамза, амуи Пайғамбар шаҳид шуданд. Муслимин дар ибтидо пирӯз шуданд ва баъд дар асари беинзиботии гурӯҳе, ки аз тарафи Расули Худо бар рӯйи як тал гумошта шуданд, мавриди шабехуни душман воқеъ шуданд. Гурӯҳе кушта ва гурӯҳе пароканда шуданд ва гурӯҳи каме даври Расули Акрам боқӣ монданд. Охири кор ҳамон гурӯҳи андак бори дигар нерӯҳоро ҷамъ

[9] *Сираи Ибни Ҳишом, ҷ.2, с.169-173. Яъне Худоё! Рисолати хешро аз ноҳияи расули ту анҷом додем, аз ту мехоҳем, ки ҳамин субҳгоҳон ҷараёни моро ба иттилоъи паёмабарат бирасонӣ. Худоё! Ин мардуми ситамгарро тамоман дар назар бигир ва онҳоро пора-пора кун ва ҳеч яке аз онҳоро боқӣ магузор!*

карданд ва монеъи пешравии бештари душман шуданд. Махсусан шойеъаи ин ки Расули Акрам кушта шуд, бештар сабаби пароканда шудани муслимин гашт, аммо ҳамин ки фаҳмиданд Расули Акрам зинда аст, нерӯи руҳии хешро бозёфтанд. Иддае мачрӯҳ рӯйи замин афтода буданд ва аз сарнавишти ниҳоӣ ба куллӣ бехабар буданд. Яке аз мачрӯҳин Саъд ибни Рабеъ буд. Дувоздаҳ захми корӣ бардошта буд. Дар ин байн яке аз мусалмонони фирорӣ ба Саъд — дар ҳоле, ки рӯйи замин афтода буд — расид ва ба ӯ гуфт: шунидаам Пайғамбар кушта шудааст. Саъд гуфт: "*Агар Муҳаммад кушта шуда бошад, Худои Муҳаммад, ки кушта нашудааст. Дини Муҳаммад ҳам боқӣ аст. Ту чаро муъаттолӣ ва аз дини худат дифоъ намекунӣ?!*"

Аз он тараф, Расули Акрам пас аз он ки асҳоби хешро ҷамъу ҷур кард, як-як асҳоби худро ёд кард, бибинад кӣ зиндааст ва кӣ мурда? Саъд ибни Рабеъро наёфт. Пурсид, кист биравад аз Саъд ибни Рабеъ иттилоъи саҳеҳе барои ман биёварад? Яке аз ансор гуфт: ман ҳозирам. Марди ансорӣ вақте расид, ки рамақи мухтасаре аз ҳаёти Саъд боқӣ буд. Гуфт: эй Саъд! Пайғамбар маро фиристода, ки барояш хабар бибарам, ки мурдаӣ ё зинда? Саъд гуфт: саломи маро ба Пайғамбар бирасон ва бигӯ, Саъд аз мурдагон аст, зеро чанд лаҳзаи дигар бештар аз умраш боқӣ намондааст. Бигӯ ба Пайғамбар, ки Саъд гуфт: "*Худованд ба ту беҳтарини подошҳо, ки сазовори як пайғамбар аст бидиҳад!*"

Он гоҳ хитоб кард ба марди ансорӣ ва гуфт: як паёме ҳам аз тарафи ман ба бародарони ансор ва соири ёрони Пайғамбар иблоғ кун. Бигӯ, Саъд мегӯяд: "*Узре назди Худо нахоҳед дошт агар ба пайғамбари шумо осебе бирасад ва шумо ҷон дар бадан дошта бошед*." (*Шарҳи Ибни Абилҳадид, ҷ.3, с.574 ва Сираи Ибни Ҳишом, ҷ.2, с.94*)

Сафаҳоти таърихи садри ислом пур аст аз ин шефтагиҳо ва дилдодагиҳо ва аз ин зебоиҳо. Дар ҳамаи таърихи башар натавон касеро ёфт, ки ба андозаи Расули Акрам маҳбуб ва муроди ёрон ва муошрон ва занону фарзандонаш будааст ва то ин ҳадд аз умқи вичдон ӯро дӯст медоштаанд.

Ибни Абилҳадид дар шарҳи "Наҳҷул-балоға" мегӯяд: касе сухани ӯ (Расули Акрам)-ро намешунид магар ин ки муҳаббати ӯ дар дилаш ҷой мегирифт ва мутамойил ба ӯ мешуд. Ба ҳамин хотир Қурайш мусалмононро дар даврони Макка "субо" (шефтагон ва дилбохтагон) меномиданд ва мегуфтанд:

**نخاف أن يصبو الوليد بن المغيرة الى دين محمد**

Яъне бими он аст, ки Валид ибни Муғира дил ба дини Муҳаммад бидиҳад.

ولئن صبا الوليد وهو ريحانة قريش لتصبون قريش بأجمعها

“*Ва агар Валид, ки гули сарсабади Қурайш аст, дил бидиҳад, тамоми Қурайш бад-ӯ дил хоҳанд супурд*.” Мегуфтанд: “*Суханонаш ҷоду аст, беш аз шароб масткунанда аст.*“ Фарзандони хешро аз нишастан бо ӯ наҳй мекарданд, ки мабодо бо суханон ва қиёфаи гирои худ онҳоро ҷазб намояд. Ҳар гоҳ Пайғамбар дар канори Каъба дар Ҳиҷри Исмоил менишаст ва бо овози баланд Қуръон мехонд ва ё Худоро ёд мекард, ангуштҳои хешро дар гӯшҳои хеш фурӯ мекарданд, ки нашнаванд, мабодо таҳти таъсири ҷодуи суханони ӯ қарор гиранд ва маҷзуби ӯ гарданд. Ҷомаҳои хеш бар сар мекашиданд ва чеҳраи хешро мепӯшонданд, ки симои ҷаззоби ӯ, онҳоро нагирад. Ба ҳамин хотир аксари мардум ба муҷарради шунидани суханаш ва дидани қиёфа ва манзарааш ва чашидани ҳаловати алфозаш, ба ислом имон оварданд. (*Шарҳи “Наҳҷул-балоға”, ҷ.2, с.220*)

Аз ҷумлаи ҳақоиқи таърихии ислом, ки мӯҷиби эъҷоби ҳар бинанда ва муҳаққиқи инсоншинос ва ҷомеашинос аст, инқилобе аст, ки ислом дар араби ҷоҳилӣ ба вуҷуд овард. Рӯйи ҳисоби оддӣ ва бо абзори омӯзишҳо ва парваришҳои маъмулӣ ислоҳи чунин ҷомеае эҳтиёҷ ба гузашти замоне бисёр дорад, то насли кӯҳна ва маънус бо разоил мунқариз гардад ва аз нав насле ҷадид пайрезӣ шавад, аммо аз асари ҷазабаҳо ва кашишҳо низ набояд ғофил буд, ки гуфтем, ҳамчун забонаҳои оташ решасӯзи мафосид аст. Ғолиби ёрони Расули Худо ба он ҳазрат сахт ишқ меварзиданд ва бо маркаби ишқ буд, ки ин ҳама роҳро дар замоне кӯтоҳ паймуданд ва дар андак муддате ҷомеаи хешро дигаргун сохтанд.

## Ҳубби Алӣ дар Қуръон ва суннат

Баҳсҳои гузашта арзиш ва асари муҳаббатро равшан сохт ва зимнан маълум гашт, ки ишқи покон василае аст барои ислоҳ ва таҳзиби нафс, на ин ки худ ҳадаф бошад. Акнун бояд бибинем, ислом ва Қуръон маҳбуберо барои мо интихоб кардаанд ё на? Қуръон сухани паёмбарони гузаштаро, ки нақл мекунад, мегӯяд, ҳамагон гуфтанд, мо аз мардум музде намехоҳем танҳо аҷри мо бар Худост. Аммо ба Пайғамбари Хотам хитоб мекунад:

قُلْ لَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا إِلَّا الْمَوَدَّةَ فِي الْقُرْبَىٰ

(*Шӯро/23*) “*Бигӯ: аз шумо муздеро дархост намекунам магар дӯстии хешовандони наздикам*.“

Ин ҷо ҷойи суол аст, ки чаро соири паёмбарон ҳеч аҷреро мутолаба накарданд ва Набии Акрам барои рисолаташ мутолабаи музд кард, дӯстии хешовандони наздикашро ба унвони подоши рисолат аз мардум хост?

Қуръон худ ба ин суол ҷавоб медиҳад:

قُلْ مَا سَأَلْتُكُمْ مِنْ أَجْرٍ فَهُوَ لَكُمْ ۖ إِنْ أَجْرِيَ إِلَّا عَلَى اللَّهِ

(*Сабаъ/47*) “*Бигӯ: муздеро, ки дархост кардам, чизе аст, ки судаш оиди худи шумост. Музди ман ҷуз бар Худо нест*.“ Яъне он чиро ман ба унвони музд хостам, оиди шумо мегардад, на оиди ман. Ин дӯстӣ каманде аст барои такомул ва ислоҳи худатон. Ин, исмаш музд аст, вагарна дар ҳақиқат хайри дигаре аст, ки ба шумо пешниҳод мекунам, аз ин назар, ки аҳлул байт ва хешони Пайғамбар мардуме ҳастанд, ки гарди олудагӣ нараванд ва домане поку покиза доранд:

جحور طابت وطهرت

Муҳаббат ва шефтагии онон ҷуз итоат аз ҳақ ва пайравӣ аз фазоил натиҷае набахшад ва дӯстии онон аст, ки ҳамчун иксир, қалби моҳият мекунад ва комилсоз аст.

Мурод аз “қурбо“ ҳар ки бошад, мусалламан аз барҷастатарин масодиқи он, Алӣ аст. Фахри Розӣ мегӯяд: Замахшарӣ дар “Кашшоф” ривоят карда: чун ин оят нозил гашт, гуфтанд: ё Расулаллоҳ! Хешовандоне, ки бар мо муҳаббаташон воҷиб аст киёнанд? Фармуд: “*Алӣ ва Фотима ва писарони онон*.“ Аз ин ривоят собит мегардад, ки ин чаҳор нафар “қурбо“-и Пайғамбаранд ва боист аз эҳтиром ва дӯстии мардум бархӯрдор бошанд. Ва бар ин матлаб аз чанд ҷиҳат метавон истидлол кард:

1) Ояти:

إِلَّا الْمَوَدَّةَ فِي الْقُرْبَىٰ

2) Бидуни шак, Пайғамбар Фотимаро бисёр дӯст медошт ва мефармуд: “*Фотима, пораи тани ман аст. Биёзорад маро ҳар чи ӯро биёзорад*.“ Ва низ Алӣ ва Ҳасанайнро дӯст медошт, ҳамчунон ки ривоёти бисёр ва мутавотир дар ин боб расидааст. Пас дӯстии онон бар ҳамаи уммат воҷиб аст,[10] зеро Қуръон мефармояд:

وَاتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ

(*Аъроф/158*) “*Аз Пайғамбар пайравӣ кунед, шояд роҳ ёбед ва ҳидоят шавед*.”

---

[10] *Муҳаббати Пайғамбар нисбат ба онон, ҷанбаи шахсӣ надорад, яъне танҳо бад-ин ҷиҳат нест, ки масалан фарзанд ё фарзандзодаи ӯ ҳастанд ва агар касе дигар ҳам ба ҷойи онҳо мебуд, Пайғамбар онҳоро дӯст медошт. Пайғамбар аз он ҷиҳат онҳоро дӯст медошт, ки онҳо фарди намуна буданд ва Худо онҳоро дӯст медошт, вагарна Пайғамбари Акрам фарзандони дигаре ҳам дошт, ки на ӯ бо онҳо ба ин шакл муҳаббат дошт ва на уммат чунин вазифае доштанд*.

Ва боз мефармояд:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ

(*Аҳзоб/21*) “*Аз барои шумост дар фиристодаи Худо сармашқе некӯ*.”

Ва инҳо далолат мекунад, ки дӯстии оли Муҳаммад — ки Алӣ ва Фотима ва Ҳасанайн ҳастанд — бар ҳамаи муслимин воҷиб аст. (*Тафсири кабири Фахри Розӣ, ҷ.27, с.166*)

Аз Пайғамбар низ роҷеъ ба муҳаббат ва дӯстии Алӣ ривоёти бисёре расидааст:

1) Ибни Асир нақл мекунад, ки Пайғамбар хитоб кард ба Алӣ ва фармуд: ё Алӣ! Худованд туро ба чизҳое зинат дод, ки пеши бандагони ӯ зинате аз онҳо маҳбубтар нест: канорагирӣ аз дунё, ончунон қарорат дод, ки на ту аз дунё чизе баҳраманд шавӣ ва на он аз ту. Ба ту бахшид дӯстии масокинро, онон ба имомати ту хушнуданд ва ту низ ба пайравии онон аз ту. Хушо ба ҳоли касе, ки туро дӯст бидорад ва дар дӯстият ростин бошад ва вой бар касе, ки бо ту душманӣ кунад ва алайҳи ту дурӯғ гӯяд! (*Усудул-ғоба, ҷ.4, с.23*)

2) Суютӣ ривоят мекунад, ки Пайғамбар фармуд: дӯстии Алӣ имон аст ва душмании вай нифоқ. (*Канзул-уммол. Ҷамъул-ҷавомеъ, ҷ.6, с.156*)

3) Абӯнаъим ривоят мекунад, ки Пайғамбар хитоб ба ансор кард ва фармуд: оё роҳнамоӣ кунам шуморо ба чизе, ки агар бад-он чанг бизанед, баъд аз ман ҳаргиз гумроҳ нашавед? Гуфтанд: оре ё Расулаллоҳ! Фармуд: ин Алӣ аст. Дӯсташ бидоред ба дӯстии ман ва эҳтиромаш кунед ба эҳтироми ман, ки Худованд ба василаи Ҷабраил фармонам дод, ки инро барои шумо бигӯям.[11]

Ва низ аҳли суннат ривоёте аз Пайғамбари Акрам нақл кардаанд, ки дар он ривоёт нигоҳ ба чеҳраи Алӣ ва сухани фазоили Алӣ ибодат шумурда шудааст:

1) Муҳибби Табарӣ аз Оиша ривоят мекунад, ки гуфт: падарамро дидам, ба сурати Алӣ бисёр нигоҳ мекард. Гуфтам: падарҷон! Туро мебинам, ки ба сурати Алӣ бисёр менигарӣ? Гуфт: духтарак! Аз пайғамбари Худо шунидам, ки гуфт: “*Нигоҳ ба чеҳраи Алӣ ибодат аст.” (Ар-риёз ан-назра, ҷ.2, с.219*)

[11] *Ҳилятул-авлиё, ҷ.1, с.63. Ривоёт дар ин боб бисёр зиёд аст ва мо дар кутуби мӯътабари аҳли суннат ба мутаҷовиз аз навад ривоят бархӯрдем, ки ҳама дар мавзӯъи дӯстӣ ва муҳаббати Амирулмӯъминин аст. Дар кутуби шиъа низ ривоёти бисёр зиёде ворид шудааст ва марҳуми Маҷлисӣ дар ҷ.39 “Биҳолул-анвор” бобе дар ҳуббу буғзи Амирулмӯъминин мунъақид кардааст ва дар он боб 123 ривоят нақл кардааст*.

2) Ибни Ҳаҷар аз Оиша ривоят мекунад, ки Пайғамбар гуфт: “*Беҳтарини бародарони ман Алӣ аст ва беҳтарини амуҳои ман Ҳамза аст ва ёди Алӣ ва сухан аз ӯ ибодат аст.” (Ассавоъиқ ал-муҳриқа, ҷ.2, с.74*)

Алӣ маҳбубтарини афрод буд дар пешгоҳи Худо ва Пайғамбар ва қаҳран беҳтарини маҳбубҳост. Анас ибни Молик мегӯяд: ҳар рӯз яке аз фарзандони ансор корҳои Пайғамбарро анҷом медод. Рӯзе навбати ман буд. Умми Айман мурғи бирёнеро дар маҳзари Пайғамбар оварда ва гуфт: ё Расулаллоҳ! Ин мурғро худ гирифтаам ва ба хотири шумо пухтаам. Ҳазрат гуфт: Худоё! Маҳбубтарини бандагонатро бирасон, ки бо ман дар хӯрдани ин мурғ ширкат кунад. Дар ҳамон ҳангом дар кӯбида шуд. Пайғамбар фармуд: Анас! Дарро боз кун. Гуфтам: Худо кунад марде аз ансор бошад. Аммо Алиро пушти дар дидам. Гуфтам: Пайғамбар машғули коре аст ва баргаштам сари ҷоям истодам. Бори дигар дар кӯбида шуд, Пайғамбар гуфт: дарро боз кун. Боз дуо мекардам, марде аз ансор бошад. Дарро боз кардам, боз Алӣ буд. Гуфтам: Пайғамбар машғули коре аст ва баргаштам бар сари ҷоям истодам. Боз дар кӯбида шуд. Пайғамбар фармуданд: Анас! Бирав дарро боз кун ва ӯро ба хона биёвар. Ту аввал касе нестӣ, ки қавматро дӯст дорӣ. Ӯ аз ансор нест. Ман рафтам ва Алиро ба хона овардам ва бо Пайғамбар мурғи бирёнро хӯрданд. (*Мустадрак ас-саҳеҳайн, ҷ.3, с.131*)

## Рамзи ҷозибаи Алӣ

Сабаби дӯстӣ ва муҳаббати Алӣ дар дилҳо чист? Рамзи муҳаббатро ҳанӯз касе кашф накардааст, яъне наметавон онро дар колаб рехт ва гуфт, агар чунин шуд, чунон мешавад ва агар чунон шуд, чунин, вале албатта рамзе дорад. Чизе дар маҳбуб ҳаст, ки барои муҳибб аз назари зебоӣ хиракунанда аст ва ӯро ба сӯйи худ мекашад.

Ҷозиба ва муҳаббат дар дараҷоти боло ишқ номида мешавад. Алӣ маҳбуби дилҳо ва маъшуқи инсонҳост. Чаро? Ва дар чӣ ҷиҳат? Фавқулъодагии Алӣ дар чист, ки ишқҳоро барангехта ва дилҳоро ба худ шефта сохта ва ранги ҳаёти ҷовидонӣ гирифтааст ва барои ҳамеша зинда аст?

Чаро дилҳо ҳама худро бо ӯ ошно мебинанд ва аслан ӯро мурда эҳсос намекунанд, балки зинда меёбанд?

Мусалламан милоки дӯстии ӯ ҷисми ӯ нест, зеро ҷисми ӯ акнун дар байни мо нест ва мо онро эҳсос накардаем.

Ва боз муҳаббати Алӣ аз навъи қаҳрамондӯстӣ, ки дар ҳамаи миллатҳо вуҷуд дорад нест.

Ҳам иштибоҳ аст, ки бигӯем, муҳаббати Алӣ аз роҳи муҳаббати фазилатҳои ахлоқӣ ва инсонӣ аст ва ҳубби Алӣ ҳубби инсоният аст. Дуруст аст Алӣ мазҳари инсони комил буд ва дуруст аст, ки инсон намунаҳои олии инсониятро дӯст медорад, аммо агар Алӣ ҳамаи ин фазоили инсониро, ки дошт медошт, он ҳикмат ва он илм, он фидокориҳо ва аз худ гузаштгиҳо, он тавозӯъ ва фурӯтанӣ, он адаб, он меҳрубонӣ ва утуфат, он заъифпарварӣ, он адолат, он озодагӣ ва озодихоҳӣ, он эҳтиром ба инсон, он исор, он шуҷоат, он мурувват ва мардонагӣ нисбат ба душман ва ба қавли Мавлавӣ:

*Дар шуҷоат шери раббонистӣ,*

*Дар мурувват худ кӣ донад, кистӣ.*

Он сахо ва ҷуд ва карам ва… агар Алӣ ҳама инҳоро, ки дошт медошт, аммо ранги илоҳӣ намедошт, мусалламан ин қадр, ки имрӯз отифаангез ва муҳаббатхез аст набуд. Алӣ аз он назар маҳбуб аст, ки пайванди илоҳӣ дорад.

Дилҳои мо ба таври нохудогоҳ дар аъмоқи хеш бо Ҳақ пайвастагӣ дорад ва чун Алиро ояти бузурги Ҳақ ва мазҳари сифоти Ҳақ меёбанд, ба ӯ ишқ меварзанд.

Дар ҳақиқат пуштвонаи ишқи Алӣ, пайванди ҷонҳо бо ҳазрати Ҳақ аст, ки барои ҳамеша дар фитратҳо ниҳода шуда ва чун фитратҳо ҷовидонӣ аст, меҳри Алӣ низ ҷовидон аст. Нуқтаҳои равшан дар вуҷуди Алӣ бисёр аст, аммо он чи барои ҳамеша ӯро дурахшанда ва тобон қарор додааст, имон ва ихлоси ӯст ва он аст, ки ба вай ҷазабаи илоҳӣ додааст.

Савдаи Ҳамдонӣ, бонуи фидокор ва дилбохтаи Алӣ, дар муқобили Муовия бар Алӣ дуруд фиристод ва дар васфаш гуфт:

**صلى الإله على روح تضمنها**

**قبر فأصبح فيه العدل مدفونا**

**قد حالف الحق لا يبغي به بدلا**

**فصار بالحق والإيمان مقرونا**

“*Дуруди Худованд бар равоне бод, ки ӯро хок баргирифт ва адл низ бо вай мадфун гашт, Бо Ҳақ паймон баста буд, ки ба ҷойи он бадале нагузинад, пас бо Ҳақ ва бо имон мақрун гашта буд*.“

Саъсаъа ибни Суҳони Абдӣ низ яке дигар аз дилбохтагони Алӣ буд; аз касоне буд, ки дар он дили шаб дар маросими дафни Алӣ бо иддаи маъдуде ширкат кард. Пас аз он ки ҳазратро дафн карданд ва баданашро хок пӯшонид, Саъсаъа як дасти хешро бар қалбаш ниҳод ва бо дасти дигар хок бар сар пошид ва гуфт:

“*Марг гувороят бод, ки мавлидат пок буд ва шикебоият нерӯманд ва ҷиҳодат бузург! Бар андешаат даст ёфтӣ ва тиҷоратат судманд гашт!*

*Бар офаринандаат нозил гаштӣ ва ӯ туро бо хушӣ пазируфт ва малоикааш ба гирдат даромаданд. Дар ҳамсоягии Пайғамбар ҷойгузин гаштӣ ва Худованд туро дар қурби хеш ҷой дод ва ба дараҷаи бародарат Мустафо расидӣ ва аз косаи лабрезаш ошомидӣ!*

*Аз Худо мехоҳем, ки аз ту пайравӣ кунем ва ба равишҳоят амал кунем. Дӯстонатро дӯст бидорем ва душманонатро душман бидорем ва дар ҷиргаи дӯстонат маҳшур гардем!*

*Ва дарёфтӣ он чиро дигарон дарнаёфтанд ва расидӣ ба он чи дигарон нарасиданд. Дар пешгоҳи бародарат Пайғамбар ҷиҳод кардӣ ва ба дини Худо ончунон, ки шоиста буд, қиём кардӣ, то суннатҳоро барпо доштӣ ва ошӯбҳоро ислоҳ намудӣ ва ислом ва имон муназзам гашт!*

*Бар ту бод беҳтарини дурудҳо!*

*Ба василат ту пуштт мӯъминон маҳкам шуд ва роҳҳо равшан гашт ва суннатҳо бппо истод. Аҳаде фазоил ва саҷоёи туро дар худ ҷамъ накард. Нидои Пайғамбарро ҷавоб гуфтӣ. Ба иҷобаташ бар дигарон пешӣ гирифтӣ. Ба ёрияш шитофтӣ ва бо ҷони хеш ҳифзаш кардӣ. Бо шамшери Зулфиқор дар мароҳили тарсу ваҳшат ҳамла бурдӣ ва пушти ситамгаронро шикастӣ. Бунёнҳои ширк ва пастиро дарҳам фурӯ рехтӣ ва гумроҳонро дар хоку хун кашидӣ, пас гувороят бод эй амири мӯъминон!*

*Наздиктарини мардум будӣ ба Пайғамбар. Аввал касе будӣ, ки ба ислом гаравидӣ. Аз яқин лабрез ва дар дил муҳкам ва аз ҳама фидокортар ва насибат аз хайр бештар буд. Худованд моро аз аҷри мусибат маҳрум накунад ва пас аз ту моро хор нагардонад!*

*Ба Худо савганд, ки зиндагият калиди хайр буд ва қуфли шарр ва маргат калиди ҳар шарре аст ва қуфли ҳар хайре. Агар мардум аз ту пазируфта буданд, аз осмону замин неъматҳо барояшон меборид, аммо онон дунёро бар охират баргузиданд!” (“Биҳолул-анвор”, ҷ.42, с.295-296*)

Оре, дунёро баргузиданд ва дар муқобили адл ва адами инъитофи Алӣ тоб наёварданд ва оқибат дасти ҷумудҳо ва рукудҳо аз остини мардуме бадар омад ва Алиро шаҳид кард. Алӣ (а) дар доштани дӯстон ва муҳиббон сар аз по нашинохта, ки дар роҳи вало ва муҳаббати ӯ сар доданд ва бар сари дор рафтанд, беназир аст. Таърихчаҳои шигифт ва ҷолиб ва ҳайратангези онҳо сафаҳоти таърихи исломро муфтахар сохтааст. Дасти ҷинояти нопоконе аз қабили Зиёд ибни Абиҳ ва писараш Убайдуллоҳ ва Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ва Мутаввакил ва дар раъси ҳамаи инҳо Муовия ибни Абӯсуфён ба хуни ин зубдаҳои инсоният то мирфақ олуда аст.

# Бахши дуввум

# Нерӯи дофиаи Алӣ (а)

— *Душмансозии Алӣ.*

— *Нокисин, қоситин ва морикин*

— *Пайдоиши Хаворич*

— *Ақоиди Хаворич*

— *Эътиқоди онҳо дар бораи хилофат*

— *Эътиқоди онҳо дар бораи хулафо*

— *Инқирози Хаворич*

— *Шиор ё рух?*

— *Хаворич ва демукросии Алӣ*

— *Қиём ва туғёни Хаворич*

— *Мумайизоти Хаворич*

— *Сиёсати Қуръон бар найза кардан*

— *Аҳаммият ва лузуми пайкор бо нифоқ*

— *Алӣ имом ва пешвои ростин*

## Душмансозии Алӣ

Баҳси худро ихтисос медиҳем ба даврони хилофати чаҳорсолаву андмоҳаи ӯ. Алӣ ҳама вақт шахсияти дунерӯӣ будааст. Алӣ ҳамеша ҳам ҷозиба доштааст ва ҳам дофиа. Махсусан дар давраи ислом аз аввал гурӯҳеро мебинем, ки ба гирди Алӣ бештар мечарханд ва гурӯҳе дигарро мебинем, ки бо ӯ чандон миёнаи хубе надоранд ва аҳёнан аз вуҷуди ӯ ранҷ мебаранд.

Вале даврони хилофати Алӣ ва ҳамчунин давраҳои баъд аз вафоташ, яъне даврони зуҳури таърихии Алӣ, давраи таҷаллии бештари ҷозиба ва дофиаи ӯст. Ба ҳамон нисбат, ки қабл аз хилофат тамосаш бо иҷтимоъ камтар буд, таҷаллии ҷозиба ва дофиааш камтар буд. Алӣ марде душмансоз ва норозисоз буд. Ин яке дигар аз ифтихороти бузурги ӯст. Ҳар одами маслакӣ ва ҳадафдор ва мубориз ва махсусан инқилобӣ, ки дар пайи амалӣ сохтани ҳадафҳои муқаддаси хеш аст ва мисдоқи қавли Худост, ки:

يُجَاهِدُونَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَلَا يَخَافُونَ لَوْمَةَ لَائِمٍ

(*Моида/54*) “*Дар роҳи Худо мекӯшанд ва аз сарзаниши сарзанишгаре бим намекунанд*.“ — душмансоз ва норозӣ дурусткун аст. Ба ҳамин хотир душманонаш махсусан дар замони худаш агар аз дӯстонаш бештар набудаанд, камтар ҳам набуда ва нестанд.

Агар шахсияти Алӣ, имрӯз таҳриф нашавад ва ҳамчунон ки буда ироа дода шавад, бисёре аз муддаъиёни дӯстиаш, дар радифи душманонаш қарор хоҳанд гирифт.

Пайғамбар Алиро ба фармондеҳии лашкаре ба Яман фиристод. Дар баргаштан, барои мулоқоти Пайғамбар азми Макка кард. Дар наздикиҳои Макка яке аз лашкариёнро ба ҷойи хеш гузошт ва худ барои гузориши сафар зудтар ба сӯйи Расулуллоҳ шитофт. Он шахс ҳуллаеро, ки Алӣ ҳамроҳ оварда буд, дар байни лашкариён тақсим кард, то бо либосҳои нав вориди Макка шаванд. Алӣ, ки баргашт ба ин амал эътироз кард ва онро беинзиботӣ донист, зеро намебоист қабл аз ин ки аз Пайғамбари Акрам (с) касби таклиф шавад, тасмиме дар бораи ҳуллаҳо гирифта шавад ва дар ҳақиқат аз назари Алӣ (а) ин кор навъе тасарруф дар байтулмол буд бидуни иттилоъ ва иҷозаи пешвои муслимин. Аз ин рӯ Алӣ (а) дастур дод, ҳуллаҳоро аз тани худ бикананд ва онҳоро дар ҷойгоҳи махсус қарор дод, ки таҳвили Пайғамбари Акрам (с) дода шавад ва он ҳазрат худашон дар бораи онҳо тасмим бигирад.

Лашкариёни Алӣ (а) аз ин амал норозат шуданд. Ҳамин ки ба ҳузури Пайғамбари Акрам (с) расиданд ва Расули Акрам (с) аҳволи онҳоро ҷуё шуд, аз хушунат Алӣ (а) дар мавриди ҳуллаҳо шикоят карданд. Пайғамбари Акрам (с) ононро мухотаб сохт ва гуфт:

يا أيها الناس، لا تشكوا عليا فوالله إنه لأخشن في ذات الله من أن يشكى

(*Сираи Ибни Ҳишом, ҷ.4, с. 250*) “*Мардум! Аз Алӣ шиква накунед, ки ба Худо савганд, ӯ дар роҳи Худо шадидтар аз ин аст, ки касе дар бораи вай шикоят кунад*.“

Алӣ дар роҳи Худо аз касе мулоҳиза надошт, балки агар ба касе иноят меварзид ва аз касе мулоҳиза мекард, ба хотири Худо буд. Қаҳран ин ҳолат душмансоз аст ва руҳҳои пуртамаъ ва пурозро ранҷида мекунад ва ба дард меоварад.

Дар миёни асҳоби Пайғамбар ҳеч кас монанди Алӣ дӯстоне фидокор надошт, ҳамчунон ки ҳеч кас монанди ӯ душманоне инчунин ҷасур ва хатарнок надошт. Марде буд, ки ҳатто баъд аз марг, ҷанозааш мавриди ҳуҷуми душманон воқеъ гашт. Ӯ худ аз ин ҷараён огоҳ буд ва онро пешбинӣ мекард ва аз ин рӯ васият кард, ки қабраш махфӣ бошад ва ҷуз фарзандонаш дигарон надонанд, то он ки ҳудуди як қарн гузашт ва давлати Умавиён мунқариз гашт, Хаворичҷ низ мунқариз шуданд ва ё сахт нотавон гаштанд, кинаҳо ва кинатӯзиҳо кам шуд ва ба дасти Имом Содиқ турбати муқаддасаш эълон гашт.

## Нокисин, қоситин ва мориқин

Алӣ дар даврони хилофаташ се дастаро аз худ тард кард ва бо онон ба пайкор бархост: асҳоби Ҷамал, ки худ ононро нокисин номид ва асҳоби Сиффин, ки онҳоро қоситин хонд ва асҳоби Наҳравон яъне Хавориҷ, ки худ онҳоро мориқин мехонд.[12]

**فلما نهضت بالأمر نكثت طائفة ومرقت أخرى وقسط آخرون**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи Шақшақия*) "*Пас чун ба амри хилофат қиём кардам, тоифае нақзи байъат карданд, ҷамъияте аз дин берун рафтанд, ҷамъияте аз аввал саркашӣ ва туғён карданд*."

Нокисин аз лиҳози руҳия пулпарастон буданд, соҳибони матомеъ ва тарафдори табъиз. Суханони ӯ дар бораи адл ва мусовот бештар мутаваҷҷеҳи ин ҷамъият аст.

Аммо руҳи қоситин руҳи сиёсат ва тақаллуб ва нифоқ буд. Онҳо мекӯшиданд, то зимоми ҳукуматро дар даст гиранд ва бунёни ҳукумат ва зимомдории Алиро дарҳам фурӯ резанд. Иддае пешниҳод карданд, бо онҳо канор ояд ва то ҳудуде матомеъашонро таъмин кунад. Ӯ намепазирфт, зеро ки ӯ аҳли ин ҳирфҳо набуд. Ӯ омада буд, ки бо зулм мубориза кунад, на он ки зулмро имзо кунад. Ва аз тарафе, Муовия ва типи ӯ бо асоси ҳукумати Алӣ мухолиф буданд. Онҳо мехостанд, ки худ маснади хилофати исломиро ишғол кунанд ва дар ҳақиқат ҷанг Алӣ бо онҳо ҷанг бо нифоқ ва дӯрӯӣ буд.

Дастаи севвум, ки мориқин ҳастанд, руҳашон руҳи асабиятҳои нораво ва хушкамуқаддасиҳо ва ҷаҳолатҳои хатарнок буд.

Алӣ нисбат ба ҳамаи инҳо дофиае нерӯманд ва ҳолати оштинопазир дошт. Яке аз мазоҳири ҷомеъият ва инсони комил будани Алӣ ин аст, ки дар мақоми исбот ва амал бо фирқаҳои гуногун ва инҳирофоти мухталиф рӯ ба рӯ шудааст ва бо ҳама мубориза кардааст. Гоҳе ӯро дар саҳнаи мубориза бо пулпарастҳо ва дунёпарастони мутаҷаммил мебинем, гоҳе ҳам дар саҳнаи мубориза бо сиёсатпешаҳои даҳрӯ ва садрӯ, гоҳе бо муқаддаснамоҳои ҷоҳил ва мунҳариф.

---

[12] *Ва қабл аз он ҳазрат, Пайғамбар ононро ба ин номҳо номид, ки ба вай гуфт:*

***ستقاتل بعدي الناكثين والقاسطين والمارقين***

*"Пас аз ман бо нокисин ва қоситин ва мориқин муқотила хоҳӣ кард." Ин ривоятро Ибну Абилҳадид дар шарҳи "Наҳҷул-балоға" (ҷ.1, с.201) нақл мекунад ва мегӯяд, ин ривоят яке аз далоили нубуввати ҳазрати Хатмимартибат аст, зеро ки ахборе сареҳ аст аз оянда ва ғайб, ки ҳеч гуна таъвилу иҷмоле дар он роҳ надорад.*

Баҳси худро маътуф медорем ба дастаи ахир яъне Хаворич. Инҳо, ҳарчанд ки мунқариз шудаанд, аммо таърихчае омӯзанда ва ибратангез доранд. Афкорашон дар миёни соири муслимин реша давонида ва дар натиҷа дар тамоми тӯли ин чаҳордаҳ қарн бо ин ки ашхос ва афродашон ва ҳатто номашон аз миён рафтааст, вале руҳашон дар колбади муқаддаснамоҳо ҳамвора вуҷуд дошта ва дорад ва музоҳиме сахт барои пешрафти ислом ва муслимин ба шумор меравад.

## Пайдоиши Хаворич

Хаворич яъне шӯришиён. Ин вожа аз “ хуруҷ“[13] ба маънои саркашӣ ва туғён гирифта шудааст. Пайдоиши онон дар ҷараёни ҳакамият аст.

---

[13] *Калимаи “хуруҷ“ агар ба “ъло“ мутаъаддӣ шавад, ду маънои наздик ба якдигар дорад: яке дар мақоми пайкор ва ҷанг баромадан ва дигаре тамарруд ва исён ва шӯриш.*

**خرج فلان على فلان: برز لقتاله وخرجت الرعية على الملك: تمرّدت**

*(Мунҷид) Калимаи “Хаворичҷ“, ки муъодили форсии он “шӯришиён“ аст, аз “хуруҷ“ ба маънои дуввум гирифта шудааст. Ин ҷамъиятро аз он назар Хаворичҷ гуфтанд, ки аз фармони Алӣ тамарруд карданд ва алайҳи ӯ шӯриданд. Ва чун тамарруди худро бар як ақида ва маслаки мазҳабӣ мубтанӣ карданд, ниҳлае шуданд ва ин исм ба онҳо ихтисос ёфт ва аз ин рӯ ба соири касоне, ки баъд аз онҳо қиём карданд ва бар ҳокими вақт туғён намуданд, “Хоричӣ” гуфта нашуд. Агар инҳо мактаб ва ақидаи хоссе намедоштанд, мисли соири ёғиҳои даврахои баъд буданд, вале инҳо ақоиде доштанд ва баъдҳо худи ин ақоид мавзӯият пайдо кард. Агарчӣ ҳеч вақт муваффақ нашуданд, ҳукумате ташкил диҳанд, аммо муваффақ шуданд фиққ ва адабе барои худ ба вуҷуд биёваранд. (Ба “Зуҳол-ислом”, ҷ.3, с.340-347 муроҷиа шавад)*

*Ашхосе буданд, ки ҳаргиз иттифоқ наёфтод, ки хуруҷ кунанд, вале бар ақидаи Хаворичҷ буданд. Мисли он чи дар бораи Амр ибни Убайд ва баъзе дигар аз Мӯътазила гуфта мешавад. Афроде аз Мӯътазила, ки дар ақидаи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар ва ё дар масъалаи мухаллад будани муртакиби кабира бо Хаворичҷ ҳамфикр будаанд, дар бораашон гуфта мешавад:*

**وكان يرى رأي الخوارج**

*Яъне ҳамчун Хаворичҷ меандешад.*

Дар ҷанги Сиффин дар охирин рӯзе, ки ҷанг дошт ба нафъи Алӣ хотима меёфт, Муовия бо машварати Амр ибни Ос даст ба як найранги моҳиронае зад. Ӯ дид, тамоми фаъолиятҳо ва ранҷҳояш бенатиҷа монд ва бо шикаст як қадам бештар фосила надорад. Фикр кард, ки ҷуз бо иштибоҳкорӣ роҳ ба наҷот намеёбад. Дастур дод, Қуръонҳоро бар сари найзаҳо баланд кунанд, ки мардум! Мо аҳли қибла ва Қуръонем, биёед онро дар байни хеш ҳакам қарор диҳем.

Ин сухани тозае набуд, ки онҳо ибтикор карда бошанд. Ҳамон ҳарфе аст, ки қаблан Алӣ гуфта буд ва таслим нашуданд ва акнун ҳам таслим нашудаанд. Баҳонае аст, то роҳи наҷот ёбанд ва аз шикасти қатъӣ худро бирҳонанд.

Алӣ фарёд баровард, бизанед онҳоро, инҳо сафҳа ва коғази Қуръонро баҳона карда, мехоҳанд дар паноҳи лафз ва китобати Қуръон худашонро ҳифз кунанд ва баъд ба ҳамон равиши зидди қуръонии худ идома диҳанд. Коғаз ва ҷилди Қуръон дар муқобили ҳақиқат он, арзиш ва эҳтироме надорад. Ҳақиқат ва ҷилваи ростини Қуръон манам. Инҳо коғаз ва хаттро дастовез кардаанд, то ҳақиқат ва маъниро нобуд созанд.

Иддае аз нодонҳо ва муқаддаснамоҳои беташхис, ки ҷамъияти касиреро ташкил медоданд бо якдигар ишора карданд, ки Алӣ чӣ мегӯяд? Фарёд баровардand, ки бо Қуръон бичангем?! Ҷанги мо ба хотири эҳёи Қуръон аст, онҳо ҳам, ки худ таслими Қуръонанд, пас дигар ҷанг чаро? Алӣ гуфт, ман низ мегӯям, ба хотири Қуръон бичангед, аммо инҳо бо Қуръон сару кор надоранд, лафз ва китобати Қуръонро василаи ҳифзи ҷони худ қарор додаанд.

Дар фиқҳи исломӣ, дар китоби “Ал-ҷиҳод”, масъалае аст таҳти унвони: “Татарруси куффор ба муслимин“. Масъала ин аст, ки агар душманони ислом дар ҳоле, ки бо муслимин дар ҳоли ҷанганд, иддае аз усарои мусалмонро дар муқаддами ҷабҳа сипари хеш қарор диҳанд ва худ дар пушти ин ҷабҳа машғули фаъолият ва пешравӣ бошанд, ба тавре, ки сипоҳи ислом агар бихоҳад аз худ дифоъ кунад ва ё ба онҳо ҳамла кунад ва ҷилави пешравии онҳоро бигирад, чорае нест ҷуз ин ки бародарони мусалмони худро, ки сипар воқеъ шудаанд низ ба ҳукми зарурат аз миён бардорад, яъне дастрасӣ ба душмани ситезагар ва муҳоҷим имконпазир нест ҷуз бо куштани мусалмонон. Дар ин ҷо қатли муслим ба хотири масолеҳи олии ислом ва ба хотири ҳифзи ҷони бақияи муслимин, дар қонуни ислом таҷвиз шудааст. Онҳо низ дар ҳақиқат сарбози исломанд

---

*Ҳатто баъзе аз занҳо будаанд, ки ақидаи хориҷӣ доштаанд. Дар “Комил”-и Мубаррад (ҷ.2, с.154) достони занеро нақл мекунад, ки ақидаи хориҷӣ доштааст. Бинобар ин байни мафҳуми луғавии калима ва мафҳуми истилоҳии он умум мин ваҷҳ аст*.

ва дар роҳи Худо шаҳид шудаанд, мунтаҳо бояд хунбаҳои ононро ба бозмондагонашон аз будҷаи исломӣ бипардозанд. (*Лумъа ва Шаройеъ, китоби ҷиҳод*)

Ва ин танҳо аз хасоиси фиқҳи исломӣ нест, балки дар қавонини низомӣ ва ҷангии ҷаҳон як қонуни мусаллам аст, ки агар душман хост аз нерӯҳои дохилӣ истифода кунад, он нерӯро нобуд мекунанд, то ба душман даст ёбанд ва вайро ба ақиб бironанд.

Дар сурате, ки мусалмон ва мавҷуди зиндаеро, ислом мегӯяд бизан, то пирӯзии ислом ба даст ояд, коғаз ва ҷилд, ки дигар ҷойи сухан набояд қарор гирад. Коғаз ва китобат эҳтиромаш ба хотири маънӣ ва муҳтавост. Имрӯз ҷанг ба хотири муҳтавои Қуръон аст. Инҳо коғазро васила қарор доданд, то маънӣ ва муҳтавои Қуръонро аз байн бибаранд. Аммо нодонӣ ва бехабарӣ ҳамчун пардае сиёҳ ҷилави чашми ақлашонро гирифт ва аз ҳақиқат бозашон дошт. Гуфтанд: мо илова бар ин ки бо Қуръон намеҷангем, ҷанг бо Қуръон худ мункаре аст ва бояд барои наҳй аз он бикӯшем ва бо касоне, ки бо Қуръон меҷанганд, биҷангем.

То пирӯзии ниҳоӣ, соате беш намонда буд. Молики Аштар, ки афсари рашид ва фидокор ва аз ҷонгузашта буд, ҳамчунон мерафт, то хаймаи фармондеҳии Муовияро сарнагун кунад ва роҳи исломро аз хорҳо пок намояд. Дар ҳамин вақт, ин гурӯҳ ба Алӣ фишор оварданд, ки мо аз пушт ҳамла мекунем. Ҳар чи Алӣ исрор мекард, онҳо бар инкорашон меафзуданд ва бештар лаҷоҷат мекарданд. Алӣ барои Молик пайғом фиристод, ҷангро мутаваққиф кун ва худ аз саҳна баргард. Ӯ ба паёми Алӣ ҷавоб дод, ки агар чанд лаҳзаеро иҷозатам диҳӣ, ҷанг ба поён расида ва душман низ нобуд гаштааст.

Шамшерҳоро кашиданд, ки ё қитъа-қитъаат мекунем ё бигӯ, баргардад. Боз ба дунболаш фиристод, ки агар мехоҳӣ Алиро зинда бибинӣ, ҷангро мутаваққиф кун ва худ баргард. Ӯ баргашт ва душман шодмон, ки найрангаш хуб коргар афтод. Ҷанг мутаваққиф шуд, то Қуръонро ҳоким қарор диҳанд, маҷлиси ҳакамият ташкил шавад ва ҳакамҳои ду тараф бар он чи дар Қуръон ва суннат, иттифоқии тарафайн аст ҳукумат кунанд ва хусуматҳоро поён диҳанд ва ё ихтилоферо бар ихтилофот биафзоянд ва ончунонро ончунонтар кунанд.

Алӣ гуфт: онҳо ҳаками худро таъйин кунанд, то мо низ ҳаками хешро таъйин кунем. Онҳо бидуни кучактарин ихтилофе бо иттифоқи назар Амр ибни Ос, усораи найрангҳоро интихоб карданд. Алӣ Абдуллоҳ ибни Аббос, сиёсатмадор ва ё Молики Аштар, марди фидокор ва равшанбини боимонро пешниҳод кард ва ё марде аз он қабилро, аммо он аҳмақҳо ба дунболи ҳамчинси хеш мегаштанд ва марде чун Абӯмӯсоро, ки марде бетадбир буд ва бо Алӣ (а) миёнаи хубе надошт интихоб карданд. Ҳар чи Алӣ ва дӯстони ӯ хостанд ин мардумро равшан кунанд, ки Абӯмӯсо марди ин кор нест ва шоистагии ин

мақомро надорад, гуфтанд: ғайри ӯро мо мувофиқат накунем. Гуфт: ҳоло, ки инчунин аст, ҳар чи мехоҳед бикунед. Билохира ӯро ба унвони ҳакам аз тарафи Алӣ ва асҳобаш ба маҷлиси ҳакамият фиристоданд.

Пас аз моҳҳо машварат, Амр ибни Ос ба Абӯмӯсо гуфт: беҳтар ин аст, ки ба хотири масолеҳи муслимин на Алӣ бошад ва на Муовия, севвумеро интихоб кунем ва он ҷуз Абдуллоҳ ибни Умар, домоди ту, дигаре нест. Абӯмӯсо гуфт: рост гуфтӣ, акнун таклиф чист?! Гуфт: ту Алиро аз хилофат халъ мекунӣ, ман ҳам Муовияро, баъд муслимин мераванд як фарди шоистаеро, ки ҳатман Абдуллоҳ ибни Умар аст интихоб мекунанд ва решаи фитнаҳо канда мешавад. Бар ин матлаб тавофуқ карданд ва эълом карданд, ки мардум ҷамъ шаванд барои истимоъи натоиҷи ҳакамият.

Мардум иҷтимоъ карданд. Абӯмӯсо рӯ кард ба Амр ибни Ос, ки бифармоед, минбар ва назарияи хешро эълом доред. Амр ибни Ос гуфт, ман?! Ту марди ришсафеди мӯҳтарам аз саҳобаи Пайғамбар, ҳошо, ки ман чунин ҷасоратеро бикунам ва пеш аз ту сухане бигӯям. Абӯмӯсо аз ҷо ҳаракат кард ва бар минбар қарор гирифт. Акнун дилҳо метапид, чашмҳо хира гашта ва нафасҳо дар синаҳо банд омадааст. Ҳамагон дар интизор, ки натиҷа чист? Ӯ ба сухан даромад, ки мо пас аз машварат, салоҳи умматро дар он дидем, ки на Алӣ бошад ва на Муовия, дигар муслимин худ медонанд ҳар киро хоста интихоб кунанд. Ва ангуштарашро аз ангушти дасти рост берун овард ва гуфт: ман Алиро аз хилофат халъ кардам, ҳамчунон ки ин ангуштарро аз ангушт берун овардам.

Инро гуфт ва аз минбар ба зер омад. Амр ибни Ос ҳаракат кард ва бар минбар нишаст ва гуфт: суханони Абӯмӯсоро шунидед, ки Алиро аз хилофат халъ кард ва ман низ ӯро аз хилофат халъ мекунам, ҳамчунон ки Абӯмӯсо кард ва ангуштарашро аз дасти рост берун овард. Ва сипас ангуштарашро ба дасти чап кард ва гуфт: Муовияро ба хилофат насб мекунам, ҳамчунон ки ангуштарамро дар ангушт кардам.

Инро гуфт ва аз минбар фуруд омад. Маҷлис ошӯб шуд. Мардум ба Абӯмӯсо ҳамла бурданд ва баъзе бо тозиёна бар вай шӯриданд. Ӯ ба Макка фирор кард ва Амр ибни Ос низ ба Шом рафт. Хаворичҷ, ки ба вуҷудоварандаи ин ҷараён буданд, расвоии ҳакамиятро бо чашм диданд ва ба иштибоҳи худ пай бурданд. Аммо намефаҳмиданд, иштибоҳ дар куҷо будааст? Намегуфтанд, хатои мо дар ин буд, ки таслими найранги Муовия ва Амр ибни Ос шудем ва ҷангро мутаваққиф кардем ва ҳам намегуфтанд, ки пас аз қарори ҳакамият, дар интихоби “довар“ хато кардем, ки Абӯмӯсоро ҳарифи Амр ибни Ос қарор додим, балки мегуфтанд, ин ки ду нафар инсонро дар дини Худо ҳакам ва довар қарор додем, хилофи шаръ ва куфр буд, ҳоким мунҳасиран Худост ва на инсонҳо.

Омаданд пеши Алӣ, ки нафаҳмидем ва тан ба ҳакамият додем, ҳам ту кофир гаштӣ ва ҳам мо, мо тавба кардем, ту ҳам тавба кун. Мусибат таҷдид ва музоъаф шуд. Алӣ гуфт: тавба ба ҳар ҳол хуб аст –

أستغفر الله من كل ذنب

— мо ҳамвора аз ҳар гуноҳе истиғфор мекунем. Гуфтанд: ин кофӣ нест, балки бояд эътироф кунӣ, ки "ҳакамият" гуноҳ буда ва аз ин гуноҳ тавба кунӣ. Гуфт: охир ман масъалаи таҳкимро ба вуҷуд нёвардам, худатон ба вуҷуд овардед ва натиҷаашро низ дидед. Ва аз тарафи дигар, чизе, ки дар ислом машрӯъ аст, чӣ гуна онро гуноҳ қаламдод кунам ва гуноҳе, ки муртакиб нашудаам, ба он эътироф кунам.

Аз ин ҷо ба унвони як фирқаи мазҳабӣ даст ба фаъолият заданд. Дар ибтидо як фирқаи ёғӣ ва саркаш буданд ва ба ҳамин ҷиҳат "Хаворичҷ" номида шуданд, вале кам-кам барои худ усул ва ақоиде танзим карданд ва ҳизбе, ки дар ибтидо фақат ранги сиёсат дошт, тадриҷан ба сурати як фирқаи мазҳабӣ даромад ва ранги мазҳаб ба худ гирифт. Хаворичҷ баъдҳо ба унвони тарафдорони як мазҳаб, даст ба фаъолиятҳои таблиғии ҳодде заданд. Кам-кам ба фикр афтоданд, ки ба хаёли худ решаи мафосиди дунёи исломро кашф кунанд. Ба ин натиҷа расиданд, ки Усмон ва Алӣ ва Муовия ҳама бар хато ва гуноҳкоранд ва мо бояд бо мафосиде, ки ба вуҷуд омада мубориза кунем, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар намоем. Ба ҳамин хотир мазҳаби Хаворичҷ таҳти унвони "Вазифаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар" ба вуҷуд омад.

Вазифаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар қабл аз ҳар чиз ду шарти асосӣ дорад: яке басират дар дин ва дигаре басират дар амал.

Басират дар дин — ҳамчунон ки дар ривоят омадааст — агар набошад, зиёни ин кор аз судаш бештар аст. Ва аммо басират дар амал лозимаи ду шарте аст, ки дар фиқҳ аз онҳо ба "эҳтимоли таъсир" ва "адами тараттуби мафсада" таъбир шудааст ва маоли он ба дахолат додани мантиқ аст дар ин ду таклиф.[14]

[14] *Яъне амр ба маъруф ва наҳй аз мункар барои ин аст, ки "маъруф" ривоҷ гирад ва "мункар" маҳв шавад. Пас дар ҷойе бояд амр ба маъруф кард ва наҳй аз мункар намуд, ки эҳтимоли тараттуби ин асар дар байн бошад. Агар медонем, ки қатъан беасар аст, дигар вуҷуб чаро? Ва дигар ин ки асли ташреъи ин амал барои ин аст, ки маслиҳате анҷом гирад. Қаҳран дар ҷойе бояд сурат бигирад, ки мафсадаи болотаре бар он мураттаб нашавад. Лозимаи ин ду шарти басират дар амал аст. Одаме, ки басират дар амалро фоқид аст, наметавонад пешбинӣ кунад, ки оё асаре бар ин кор*

Хавориҷ на басирати динӣ доштанд ва на басирати амалӣ. Мардуме нодон ва фоқиди басират буданд, балки асосан мункири басират дар амал буданд, зеро ин таклифро амре таъаббудӣ медонистанд ва муддаъӣ буданд, бояд бо чашми баста анҷом дод.

## Усули ақоиди Хаворичҷ

Решаи аслии хориҷигариро чанд чиз ташкил медод:

1 — такфири Алӣ ва Усмон ва Муовия ва асҳоби Ҷамал ва асҳоби таҳким; касоне, ки ба ҳакамият ризо диҳанд, магар онон, ки ба ҳакамият раъй дода ва сипас тавба кардаанд;

---

*мутараттиб ҳаст ё нест ва оё мафсадаи болотареро дарбар дорад ё надорад? Ин аст, ки амр ба маъруфҳои ҷоҳилона ҳамон тавре, ки дар ҳадис аст, ифсодаш беш аз ислоҳ аст.*

*Дар соири таколиф гуфта нашуда, ки шарташ эҳтимоли тараттуби фоида аст ва агар эҳтимоли асар дорад, бояд анҷом дод ва агар эҳтимоли асар надорад, набояд анҷом дод ва ҳол он ки дар ҳар таклифе, фоида ва маслиҳате манзур аст, аммо ташхиси он маслиҳатҳо бар ӯҳдаи мардум гузошта нашудааст. Дар бораи намоз гуфта нашуда, агар дидӣ ба ҳолат муфид аст, бихон ва агар дидӣ муфид нест, нахон. Дар рӯза ҳам гуфта нашуда, агар эҳтимол медиҳӣ фоида дорад бигир ва агар эҳтимол намедиҳӣ, нагир. Дар рӯза гуфта шуда, агар дидӣ ба ҳолат музир аст нагир. Ҳамчунин дар ҳаҷ ё закот ё ҷиҳод инчунин қайд нашудааст. Аммо дар боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ин қайд ҳаст, ки бояд дид, чӣ асар ва чӣ аксуламале дорад ва оё ин амал дар ҷиҳати салоҳи ислом ва муслимин аст ё на? Яъне ташхиси маслиҳат бар ӯҳдаи худи омилони иҷро аст. Дар ин таклиф ҳар касе ҳақ дорад, балки воҷиб аст, ки мантиқ ва ақл ва басират дар амал ва тавоҷҷӯҳ ба фоидаро дахолат диҳад ва ин амал таъаббудии сирф нест.*

*Ин шарт, ки эъмоли басират дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар воҷиб аст, мавриди иттифоқи ҷамиъи фиракҳои исломӣ аст ба истиснои Хаворичҷ. Онҳо рӯйи ҳамон ҷумуд ва хушкӣ ва таъассуби хоссе, ки доштанд, мегуфтанд амр ба маъруф ва наҳй аз мункар таъаббуди маҳз аст. Шарти эҳтимоли асар ва адами тараттуб мафсада надорад. Набояд нишаст дар атрофаш ҳисоб кард. Тибқи ҳамин ақида, бо илм ба ин ки кушта мешаванд ва хунашон ҳадар меравад ва бо илм ба ин ки ҳеч асари муфиде бар қиёмашон мутараттиб нест, қиём мекарданд ва ё терур мекарданд.*

2 — такфири касоне, ки қоил ба куфри Алӣ ва Усмон ва дигарон, ки ёдовар шудем набошанд;

3 – имон танҳо ақидаи қалбӣ нест, балки амал ба амрҳо ва тарки наҳйҳо ҷузъи имон аст. Имон амри мураккабе аст аз эътиқод ва амал;

4 — вуҷуби билошарти шӯриш бар волӣ ва имоми ситамгар. Мегуфтанд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, машрут ба чизе нест ва дар ҳама ҷо бидуни истисно бояд ин дастури илоҳӣ анҷом гирад. (*Зуҳал-ислом, ҷ.3, с.330*)

Инҳо ба воситаи ин ақоид, субҳ карданд дар ҳоле, ки тамоми мардуми рӯйи заминро кофир ва ҳамаро маҳдуруддам ва мухаллад (ҷовидон) дар оташ медонистанд.

## Ақидаи Хавориҷ дар боби хилофат

Танҳо фикри Хавориҷ, ки аз назар мутаҷаддидини имрӯз дурахшон талаққӣ мешавад, теорияи онон дар боби хилофат буд. Андешае демократмаобона доштанд. Мегуфтанд, хилофат бояд бо интихоби озод анҷом гирад ва шоистатарини афрод касе аст, ки аз лиҳози имон ва тақво салоҳият дошта бошад, хоҳ аз Қурайш бошад ё ғайри Қурайш, аз қабоили барҷаста ва номӣ бошад ё аз қабоили гумном ва ақибафтода, араб бошад ва ё ғайри араб.

Он гоҳ пас аз интихоб ва итмоми байъат, агар хилофи масолеҳи ҷомеаи исломӣ гом бардошт, аз хилофат азл мешавад ва агар ибо кард, бояд бо ӯ пайкор кард, то кушта шавад (*Зуҳал-ислом, ҷ.3, с.332*)

Инҳо дар боби хилофат, дар муқобили шиъа қарор гирифтаанд, ки мегӯяд, хилофат амрест илоҳӣ ва халифа бояд танҳо аз ҷониби Худо таъйин гардад ва ҳам дар муқобили аҳли суннат қарор доранд, ки мегӯянд, хилофат танҳо аз он Қурайш аст ва ба ҷумлаи:

**إن الأئمة من قريش**

— тамассук меҷӯянд.

Зоҳиран назарияи онон дар боби хилофат, чизе нест, ки дар аввалин марҳилаи пайдоиши хеш ба он расида бошанд, балки ончунон, ки шиори маъруфашон –

**لا حكم إلا لله**

— ҳикоят мекунад ва аз “Наҳҷул-балоға” (*хутбаи 40*) низ истифода мешавад, дар ибтидо қоил будаанд, ки мардум ва иҷтимоъ эҳтиёҷе ба имом ва ҳукумат надоранд ва мардум худ бояд ба китоби Худо амал кунанд. Аммо баъд, аз ин ақида руҷӯъ карданд ва худ бо Абдуллоҳ ибни Ваҳби Росибӣ байъат карданд. (*“Комил”-и Ибни Асир, ҷ.3, с.336*)

## Ақидаи Хаворичҷ дар бораи хулафо

Хилофати Абӯбакр ва Умарро саҳеҳ медонистанд ба ин хаёл, ки он ду нафар аз рӯйи интихоби саҳеҳе ба хилофат расидаанд ва аз масири масолеҳ низ тағйир накарда ва хилоферо муртакиб нашудаанд. Интихоби Усмон ва Алиро низ саҳеҳ медонистанд, мунтаҳо мегуфтанд: Усмон аз охирҳои соли шашуми хилофаташ тағйири масир дода ва масолеҳи муслиминро нодида гирифтааст ва аз ин рӯ аз хилофат маъзул буда ва чун идома додааст, кофир гашта ва воҷибулқатл будааст. Ва Алӣ чун масъалаи таҳкимро пазируфта ва сипас тавба накардааст, ӯ низ кофир гашта ва воҷибулқатл будааст ва аз ин рӯ аз хилофати Усмон аз соли ҳафтум ва аз хилофати Алӣ баъд аз таҳким табаррӣ (безорӣ) меҷустанд. (*Милал ва ниҳали Шаҳристонӣ*)

Аз соири хулафо низ безорӣ меҷустанд ва ҳамеша бо онон дар пайкор буданд.

## Инқирози Хаворичҷ

Ин ҷамъият дар охирҳои даҳаи чаҳорум қарни аввали ҳичрӣ дар асари як иштибоҳкории хатарнок ба вуҷуд омаданд ва беш аз як қарну ним напоиданд. Дар асари таҳаввурҳо ва бебокиҳои ҷунуномез мавриди таъқиби хулафо қарор гирифтанд ва худ ва мазҳабашонро ба нобудӣ ва измиҳлол кашонданд. Ва дар аввалҳои таъсиси давлати аббосӣ яксара мунқариз гаштанд.

Мантиқи хушк ва беруҳи онҳо ва хушкӣ ва хушунати рафтори онҳо, мубойинати равиши онҳо бо зиндагӣ ва билохира таҳаввури онҳо, ки “тақия“-ро ҳатто ба мафҳуми саҳеҳ ва мантиқии он канор гузошта буданд, онҳоро нобуд сохт. Мактаби Хаворичҷ мактабе набуд, ки битавонад воқеан боқӣ бимонад, вале ин мактаб асари худро боқӣ гузошт. Афкор ва ақоиди хоричҷигарӣ дар соири фиракӣ исломӣ нуфуз кард ва ҳамакнун “наҳравонӣ“-ҳои фаровон вуҷуд доранд ва монанди аср ва аҳди Алӣ хатарноктрин душмани дохилии ислом ҳаминҳо ҳастанд, ҳамчунон ки Муовияҳо ва Амр ибни Осҳо низ ҳамвора вуҷуд дошта ва вуҷуд доранд ва аз вуҷуди “наҳравонӣ“-ҳо, ки душмани онҳо шумурда мешаванд, ба мавқеъ истифода мекунанд.

## Шиор ё рух?

Баҳс аз хоричҷигарӣ ва Хаворичҷ ба унвони як баҳси мазҳабӣ, баҳсе бидуни маврид ва фоқиди асар аст, зеро имрӯз чунин мазҳабе дар ҷаҳон вуҷуд надорад. Аммо дар айни ҳол, баҳс дар бораи Хаворичҷ ва моҳияти корашон барои мо ва иҷтимоъи мо омӯзанда

аст, зеро мазҳаби Хаворичҳарчанд мунқариз шудааст, аммо руҳан намурдааст. Руҳи “хоричигарӣ“ дар пайкари бисёре аз мо ҳулул кардааст.

Лозим аст муқаддимае зикр кунам: баъзе аз мазоҳиб мумкин аст аз назари шиор бимиранд, вале аз назари руҳ зинда бошанд, ҳамон тавр ки баръакс низ мумкин аст, маслаке аз назари шиор зинда, вале аз назари руҳ ба куллӣ мурда бошад. Ва ба ҳамин хотир мумкин аст фард ё афроде аз лиҳози шиор тобеъ ва пайрави як мазҳаб шумурда шаванд ва аз назари руҳ пайрави он мазҳаб набошанд. Ва баръакс мумкин аст, баъзе руҳан пайрави мазҳабе бошанд ва ҳол он ки шиорҳои он мазҳабро напазируфтаанд.

Масалан, чунонки ҳама медонем, аз оғози амр баъд аз реҳлати Набии Акрам муслимин ба ду фирқа тақсим шуданд: суннӣ ва шиъа. Сунниҳо дар як шиор ва чаҳорчӯби ақида ҳастанд ва шиъа дар шиор ва чаҳорчӯби ақидае дигар.

Шиъа мегӯяд, халифаи билофасли Пайғамбар Алӣ аст ва он ҳазрат Алиро барои хилофат ва ҷонишинии хеш ба амри илоҳӣ таъйин кардааст ва ин мақом ҳаққи хосси ӯст пас аз Пайғамбар. Ва аҳли суннат мегӯянд, ислом дар қонунгузории худ, дар мавзӯъи хилофат ва имомат пешбинии хоссе накардааст, балки амри интихоби заъимро ба худи мардум вогузор кардааст. Ҳадди аксар ин аст, ки аз миёни Қурайш интихоб шавад. Шиъа бисёре аз саҳобаи Пайғамбарро, ки аз шахсиятҳо ва акобир ва мъориф ба шумор мераванд, мавриди интиқод қарор медиҳад ва аҳли суннат дуруст дар нуқтаи муқобили шиъа аз ин ҷиҳат қарор гирифтаанд, ба ҳар кас, ки номи “саҳобӣ“ дорад, бо хушбинии ифротии аҷибе менигаранд. Мегӯянд, саҳобаи Пайғамбар ҳама одил ва дурусткор будаанд. Бинои ташайюъ бар интиқод ва баррасӣ ва эътироз ва мӯро аз мост кашидан аст ва бинои тасаннун бар ҳамл ба сиҳҳат ва тавҷеҳ.

Дар ин асру замон, ки мо ҳастем, кофӣ аст, ки ҳар кас бигӯяд: Алӣ халифаи билофасли Пайғамбар аст, мо ӯро шиъа бидонем ва чизи дигаре аз ӯ таваққӯъ надошта бошем. Ӯ дорои ҳар руҳ ва ҳар навъ тарзи тафаккуре, ки ҳаст бошад. Вале агар ба садри ислом баргардем, ба як руҳияи хоссе бармехӯрем, ки он руҳия, руҳияи ташайюъ аст ва танҳо он руҳияҳо буданд, ки метавонистанд васияти Пайғамбарро дар мавриди Алӣ, сад дар сад бипазиранд ва дучори тардиду тазалзул нашаванд. Нуқтаи муқобили он руҳия ва он тарзи тафаккур, як руҳия ва тарзи тафаккури дигаре будааст, ки васиятҳои Пайғамбари Акрамро бо ҳамаи имони комил ба он ҳазрат, бо навъе тавҷеҳ ва тафсир ва таъвил нодида мегирифтанд.

Ва дар ҳақиқат ин иншиъоби исломӣ аз ин ҷо ба вуҷуд омад, ки як даста, ки албатта аксарият буданд, фақат зоҳирро менигаристанд ва дидашон он қадр тезбин набуд ва умқ надошт, ки ботин ва ҳақиқати ҳар воқеаеро низ бибинанд. Зоҳирро медиданд ва дар ҳама

ҷо ҳамл ба сиҳҳат мекарданд. Мегуфтанд, иддае аз бузургони саҳоба ва пирамардҳо ва собиқадорҳои ислом роҳеро рафтаанд ва наметавон гуфт, иштибоҳ кардаанд.

Аммо дастаи дигар, ки ақаллият буданд, дар ҳамон ҳангом мегуфтанд, шахсиятҳо то он вақт пеши мо эҳтиром доранд, ки ба ҳақиқат эҳтиром бигузоранд. Аммо он ҷо, ки мебинем, усули исломӣ ба дасти ҳамин собиқадорҳо поймол мешавад, дигар эҳтироме надоранд. Мо тарафдори усулем, на тарафдори шахсиятҳо.

Ташайюъ бо ин руҳ ба вуҷуд омадааст. Мо вақте дар таърихи ислом ба сурогӣ Салмони Форсӣ ва Абӯзари Ғифорӣ ва Миқдоди Кендӣ ва Аммори Ёсир ва амсоли онон меравем ва мехоҳем бибинем чӣ чиз онҳоро водор кард, ки даври Алиро бигиранд ва аксариятро раҳо кунанд, мебинем онҳо мардуме буданд усулӣ ва усулшинос, ҳам диндор ва ҳам диншинос. Мегуфтанд, мо набояд дарку фикри хешро ба дасти дигарон бисупорем ва вақте онҳо иштибоҳ карданд, мо низ иштибоҳ кунем. Ва дар ҳақиқат руҳи онон руҳе буд, ки усул ва ҳақоиқ бар он ҳукумат мекард, на ашхос ва шахсиятҳо.

Марде аз саҳобаи Амирулмӯъминин дар ҷараёни ҷанги Ҷамал сахт дар тардид қарор гирифта буд. Ӯ ду тарафро менигарист. Аз як тараф Алиро медид ва шахсиятҳои бузурги исломиро, ки дар рикоби Алӣ шамшер мезаданд ва аз тарафе низ ҳамсари Набии Акрам, Оишаро медид, ки Қуръон дар бораи завҷоти он ҳазрат мефармояд:

وَأَزْوَاجُهُ أُمَّهَاتُهُمْ

“*Ҳамсарони ӯ (Паёмбар) модарони умматанд.” (Аҳзоб/6*) Ва дар рикоби Оиша, Талҳаро медид, аз пештозон дар ислом, марди хушсобиқа ва тирандози моҳири майдон ҷангҳои исломӣ ва марде, ки ба ислом хидматҳои арзандае кардааст ва боз Зубайрро медид, хушсобиқатар аз Талҳа, он ки ҳатто дар рӯзи Сақифа аз ҷумлаи мутаҳассинин дар хонаи Алӣ буд.

Ин мард дар ҳайрате аҷиб афтода буд, ки яъне чӣ?! Охир Алӣ ва Талҳа ва Зубайр аз пештозони ислом ва фидокорони сахттарини дежҳои исломанд, акнун рӯ дар рӯ қарор гирифтаанд? Кадом як ба ҳақ наздиктаранд? Дар ин гирудор чӣ бояд кард?!

Таваҷҷӯҳ дошта бошед! Набояд он мардро дар ин ҳайрат зиёд маломат кард. Шояд агар мо ҳам дар шароитие, ки ӯ қарор дошт, қарор мегирифтем, шахсият ва собиқаи Зубайр ва Талҳа чашми моро хира мекард.

Мо алъон, ки Алӣ ва Аммор ва Увайси Қаранӣ ва дигаронро бо Оиша ва Зубайр ва Талҳа рӯ ба рӯ мебинем, мураддад намешавем, чун хаёл мекунем, дастаи дуввум мардуме ҷиноятсимо буданд, яъне осори ҷиноят ва хиёнат аз чеҳраашон ҳувайдо буд ва бо нигоҳ ба қиёфаҳо ва чеҳраҳои онон ҳадс зада мешуд, ки аҳли оташанд. Аммо агар дар он замон

мезистем ва савобиқи ононро аз наздик медидем, шояд аз тардид масун наемондем. Имрӯз, ки дастаи аввалро бар ҳақ ва дастаи дуввумро бар ботил медонем, аз он назар аст, ки дар асари гузашти таърих ва равшан шудани ҳақоиқ, моҳияти Алӣ ва Амморро аз як тараф ва Зубайр ва Талҳа ва Оишаро аз тарафи дигар шинохтаем ва дар он миён тавонистаем хуб қазоват кунем. Ва ё лоақал агар аҳли таҳқиқ ва мутолеа дар таърих нестем, аз аввали кӯдакӣ ба мо инчунин талқин шудааст.

Аммо дар он рӯз ҳеч кадом аз ин ду омил вуҷуд надошт. Ба ҳар ҳол ин мард маҳзари Амирулмӯъминин шарафёб шуд ва гуфт:

**أيمكن أن يجتمع زبير وطلحة وعائشة على باطل؟**

Оё мумкин аст Талҳа ва Зубайр ва Оиша бар ботил иҷтимоъ кунанд? Шахсиятҳое монанди онон аз бузургони саҳобаи Расулуллоҳ чӣ гуна иштибоҳ мекунанд ва роҳи ботилро мепаймоянд? Оё ин мумкин аст?

Алӣ дар ҷавоб сухане дорад, ки доктор Тоҳо Ҳусайн, донишманд ва нависандаи Миср мегӯяд, сухане муҳкамтар ва болотар аз ин намешавад. Баъд аз он ки ваҳй хомӯш гашт ва нидои осмонӣ мунқаткеъ шуд, сухане ба ин бузургӣ шунида нашудааст. (*Алӣ ва бануҳу, с.40*)

Фармуд:

**إن الحق لملبوس عليک، إن الحق والباطل لا يعرفان بأقدار الرجال، اعرف الحق تعرف أهله، واعرف الباطل تعرف أهله**

(*Равзатул-воъизин, с.31*) “*Сарат кулоҳ рафта ва ҳақиқат бар ту иштибоҳ шуда. Ҳаққу ботилро бо мизони қадру шахсияти афрод намешавад шинохт. Ин саҳеҳ нест, ки ту аввал шахсиятҳоеро миқёс қарор диҳӣ ва баъд ҳаққу ботилро бо он миқёсҳо бисанҷӣ: фалон чиз ҳақ аст, чун фалону фалон бо он мувофиқанд ва фалон чиз ботил аст, чун фалону фалон бо он мухолиф. На, ашхос набояд миқёси ҳаққу ботил қарор гиранд. Ин ҳаққу ботил аст, ки бояд миқёси ашхос ва шахсияти онон бошанд*.“

Яъне бояд ҳақшинос ва ботилшинос бошӣ, на ашхос ва шахсиятшинос, афродро — хоҳ шахсиятҳои бузург ва хоҳ шахсиятҳои кучак — бо ҳақ муқоиса кунӣ. Агар бо он мунтабиқ шуданд, шахсияташонро бипазирӣ, вагарна на. Ин ҳарф нест, ки оё Талҳа ва Зубайр ва Оиша мумкин аст бар ботил бошанд?

Дар ин ҷо Алӣ меъёри ҳақиқатро худи ҳақиқат қарор додааст ва руҳи ташайюъ низ ҷуз ин чизе нест. Ва дар ҳақиқат фирқаи шиъа мавлуди як биниши махсус ва аҳаммият додан ба усули исломӣ аст, на ба афрод ва ашхос.

Қаҳран шиъаёни аввалӣ мардуме мунтақид ва бутшикан бор омаданд. Алӣ баъд аз Пайғамбар ҷавоне 33-сола аст бо як ақаллияти камтар аз адади ангуштон. Дар муқобилаш пирамардҳои 60-сола бо аксарияти анбӯҳ ва бисёр. Мантиқи аксарият ин буд, ки роҳи бузургон ва машойих ин аст ва бузургон иштибоҳ намекунанд ва мо роҳи ононро меравем. Мантиқи он ақаллият ин буд, ки он чи иштибоҳ намекунад, ҳақиқат аст бузургон бояд худро бар ҳақиқат татбиқ диҳанд.

Аз ин ҷо маълум мешавад, чӣ қадр фаровонанд афроде, ки шиорашон шиори ташайюъ аст ва аммо руҳашон руҳи ташайюъ нест. Масири ташайюъ ҳамонанди руҳи он, ташхиси ҳақиқат ва таъқиби он аст ва аз бузургтарини асароти он ҷазбу дафъ аст, аммо на ҳар ҷазбе ва ҳар дафъе – гуфтем, гоҳе ҷазб, ҷазби ботил ва ҷиноят ва ҷонӣ аст ва дафъ, дафъи ҳақиқат ва фазоили инсонӣ — балки дафъ ва ҷазбе аз синхи ҷозиба ва дофиаи Алӣ, зеро шиъа яъне нусхае аз сиратҳои Алӣ, шиъа низ бояд монанди Алӣ дунерӯӣ бошад.

Ин муқаддима барои ин буд, ки бидонем, мумкин аст мазҳабе мурда бошад, вале руҳи он мазҳаб дар миёни мардуми дигаре, ки ба ҳасби зоҳир пайрави он мазҳаб нестанд, балки худро мухолифи он мазҳаб медонанд зинда бошад. Мазҳаби Хаворич имрӯз мурда аст. Яъне дигар имрӯз дар рӯйи замин гурӯҳи қобили таваҷҷӯҳе ба номи Хаворич, ки иддае таҳти ҳамин ном аз он пайравӣ кунанд вуҷуд надорад, вале оё руҳи мазҳаби хоричӣ ҳам мурда аст? Оё ин руҳ дар пайравони мазоҳиби дигар ҳулул накардааст? Оё масалан Худой накарда дар миёни мо, махсусан дар миёни табақаи ба истилоҳ муқаддасмаоби мо ин руҳ ҳулул накардааст? Инҳо матлабе аст, ки ҷудогона бояд барраси шавад.

Мо агар руҳи мазҳаби хоричиро дуруст бишносем, шояд битавонем ба ин пурсиш посух диҳем. Арзиши баҳс дар бораи Хаворич аз ҳамин назар аст. Мо бояд бидонем, Алӣ чаро онҳоро “дафъ“ кард, яъне чаро ҷозибаи Алӣ онҳоро накашид ва баръакс, дофиаи ӯ онҳоро дафъ кард? Мусалламан чунонки баъдан хоҳем дид, тамоми аносири руҳӣ, ки дар шахсияти Хаворич ва ташкили руҳияи онҳо муассир буд, аз аносире набуд, ки таҳти нуфуз ва ҳукумати дофиаи Алӣ қарор гирад. Бисёре аз барҷастагиҳо ва имтиёзоти равшан ҳам дар руҳияи онҳо вуҷуд дошт, ки агар ҳамроҳи як силсила нуқоти торик намебуд, онҳоро таҳти нуфуз ва таъсири ҷозибаи Алӣ қарор медод, вале ҷанбаҳои торики руҳашон он қадр зиёд набуд, ки онҳоро дар саффи душманони Алӣ қарор дод.

# Демукросии Алӣ

Амирулмӯъминин бо Хаворичҳ дар мунтаҳои дараҷаи озодӣ ва демукросӣ рафтор кард. Ӯ халифа аст ва онҳо раъияташ, ҳар гуна эъмоли сиёсате барояш мақдур буд, аммо ӯ зиндонашон накард ва шаллоқашон назад ва ҳатто саҳмияи ононро аз байтулмол қатъ накард, ба онҳо низ ҳамчун соири афрод менигарист.

Ин матлаб дар таърихи зиндагии Алӣ аҷиб нест, аммо чизе аст, ки дар дунё камтар намуна дорад. Онҳо дар ҳама ҷо дар изҳори ақида озод буданд ва ҳазрат худаш ва асҳобаш бо ақидаи озод бо онон рӯбарӯ мешуданд ва сӯҳбат мекарданд, тарафайн истидлол мекарданд, истидлоли якдигарро ҷавоб мегуфтанд. Шояд ин миқдор озодӣ дар дунё бесобиқа бошад, ки ҳукумате бо мухолифини худ то ин дараҷа бо демукросӣ рафтор карда бошад. Меомаданд дар масҷид ва дар суханронӣ ва хитобаи Алӣ порозит эҷод мекарданд.

Рӯзе Алӣ, амирулмӯъминин бар минбар буд. Марде омад ва суоле кард. Алӣ билбадоҳа ҷавоб гуфт. Яке аз хориҷиҳо аз байни мардум фарёд зад:

قاتله الله ما أفقهه

(“*Худо бикушад инро, чӣ қадр донишманд аст!*”) Дигарон хостанд, мутаъарризаш шаванд, аммо Алӣ фармуд, раҳояш кунед, ӯ танҳо ба ман фуҳш дод.

Хаворичҳ дар намози ҷамоат ба Алӣ иқтидо намекарданд, зеро ӯро кофир мепиндоштанд. Ба масҷид меомаданд ва бо Алӣ намоз намегузорданд ва аҳёнан ӯро меозурданд. Алӣ рӯзе ба намоз истода ва мардум низ ба ӯ иқтидо кардаанд. Яке аз Хаворичҳ ба номи Ибни ал-Кавво фарёдаш баланд шуд ва оятеро ба унвони киноя ба Алӣ баланд хонд:

وَلَقَدْ أُوحِيَ إِلَيْكَ وَإِلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكَ لَئِنْ أَشْرَكْتَ لَيَحْبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ الْخَاسِرِينَ

(*Зумар/65*) Ин оят хитоб ба Пайғамбар аст, ки ба ту ва ҳамчунин пайғамбарони қабл аз ту ваҳй шуд, ки агар мушрик шавӣ, аъмолат аз байн меравад ва аз зиёнкорон хоҳӣ буд. Ибни ал-Кавво бо хондани ин оят, хост ба Алӣ гӯша бизанад, ки савобиқи туро дар ислом медонем, аввал мусалмон ҳастӣ, Пайғамбар туро ба баробарӣ интихоб кард, дар Лайлатулмабит фидокории дурахшоне кардӣ ва дар бистари Пайғамбар хуфтӣ, худатро тӯъмаи шамшерҳо қарор додӣ ва билохира хадамоти ту ба ислом қобили инкор нест, аммо Худо ба пайғамбараш ҳам гуфта, агар мушрик бишавӣ, аъмолат ба ҳадар меравад. Ва чун ту акнун кофир шудӣ, аъмоли гузаштаро ба ҳадар додӣ.

Алӣ дар муқобил чӣ кард?! То садои ӯ ба Қуръон баланд шуд, сукут кард, то оятро ба охир расонд. Ҳамин, ки ба охир расонд, Алӣ намозро идома дод. Боз Ибни ал-Кавво оятро такрор кард ва билофосила Алӣ сукут намуд.

Алӣ сукут мекард, чун дастури Қуръон аст, ки:

**وَإِذَا قُرِئَ الْقُرْآنُ فَاسْتَمِعُوا لَهُ وَأَنْصِتُوا**

(*Аъроф/204*) "*Ҳангоме, ки Қуръон хонда мешавад, гӯш фаро диҳед ва хомӯш шавед…*"

Ва ба ҳамин далел аст, ки вақте имоми ҷамоат машғули қироат аст, маъмумин бояд сокит бошанд ва гӯш кунанд.

Баъд аз чанд мартибае, ки оятро такрор кард ва мехост, вазъи намозро баҳам занад, Алӣ ин оятро хонд:

**فَاصْبِرْ إِنَّ وَعْدَ اللَّهِ حَقٌّ ۖ وَلَا يَسْتَخِفَّنَّكَ الَّذِينَ لَا يُوقِنُونَ**

(*Рум/60) "Сабр кун, ваъдаи Худо ҳақ аст ва хоҳад фаро расид. Ин мардуми беимон ва яқин, туро такон надиҳанд ва сабуксарат накунанд.*" Дигар эътино накард ва ба намози худ идома дод. (*Ибни Абилҳадид, ҷ.2, с. 311*)

## Қиём ва туғёни Хаворичҳ

Хоричиҳо дар ибтидо ором буданд ва фақат ба интиқод ва баҳсҳои озод иктифо мекарданд. Рафтори Алӣ низ дар бораи онон ҳамон тавр буд, ки гуфтем, яъне ба ҳеч ваҷҳ музоҳими онҳо намешуд ва ҳатто ҳуқуқи онҳоро аз байтулмол қатъ накард. Аммо кам-кам, ки аз тавбаи Алӣ маъюс гаштанд, равишашонро иваз карданд ва тасмим гирифтанд даст ба инқилоб бизананд.

Дар манзили яке аз ҳаммаслакони худ гирд омаданд ва ӯ хитобаи кӯбанда ва муҳаййиче эрод кард ва дӯстони хешро таҳти унвони амр ба маъруф ва наҳй аз мункар даъват ба қиём ва шӯриш кард. Хитоб ба онон гуфт:

**أما بعد، فإنه ما ينبغي لقوم يؤمنون بالرحمن وينيبون إلى حكم القرآن أن تكون هذه الدنيا آثر عندهم من الأمر بالمعروف والنهي عن المنكر والقول الحق، وإن من وضر؛ فإنه من يمن ويضر في هذه الدنيا، فإن ثوابه يوم القيامة رضوان الله عز وجل والخلود في جناته، فاخرجوا بنا إخواننا من هذه القرية الظالم أهلها إلى بعض كور الجبال، أو إلى بعض هذه المدائن منكرين هذه البدع المضلة**

(*"Ал-имомату вас-сиёса", с.141-143 ва "Комил"-и Мубаррад, ҷ.2*) "*Пас аз ҳамду сано, Худоро савганд, ки сазовор нест гурӯҳе, ки ба Худои бахшоишгар имон доранд ва ба ҳукми Қуръон мегараванд, дунё дар назарашон аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва*

*гуфтаи баҳақ маҳбубтар бошад, агарчӣ инҳо зиёновар ва хатарзо бошанд, ки ҳар ки дар ин дунё дар хатар ва зиён афтад, подошаш дар қиёмат хушнудии Ҳақ ва ҷовидонии биҳишти ӯст. Бародарон! Берун баред моро аз ин шаҳри ситамгарнишин ба нуқоти кӯҳистонӣ ё баъзе аз ин шаҳристонҳо, то дар муқобили ин бидъатҳои гумроҳкунанда қиём кунем ва аз онҳо ҷилавгирӣ намоем*."

Бо ин суханон, руҳияи оташини онҳо оташинтар шуд. Аз он ҷо ҳаракат карданд ва даст ба туғён ва инқилоб заданд. Амнияти роҳҳоро салб карданд, ғоратгарӣ ва ошӯбро пеша карданд. (*Ҳамон манбаъ*) Мехостанд бо ин вазъ давлатро тазъиф кунанд ва ҳукумати вақтро аз пой даровaранд.

Ин ҷо дигар ҷойи гузашт ва озод гузоштан набуд, зеро масъала изҳори ақида нест, балки ихлол ба амнияти иҷтимоӣ ва қиёми мусаллаҳона алайҳи ҳукумати шаръӣ аст. Аз ин рӯ Алӣ ононро таъқиб кард ва дар канори Наҳравон бо онон рӯ дар рӯ қарор гирифт. Хитоба хонд ва насиҳат кард ва итмоми ҳуҷҷат намуд. Он гоҳ парчами амонро ба дасти Абӯаюби Ансорӣ дод, ки ҳар кас дар сояи он қарор гирифт, дар амон аст. Аз дувоздаҳ ҳазор нафар, ҳашт ҳазорашон баргаштанд ва бақия сарсахтӣ нишон доданд. Ба сахтӣ шикаст хӯрданд ва ҷуз маъдуде аз онон боқӣ намонд.

## Мумайизоти Хавориҷ

Руҳияи Хавориҷ, руҳияи хоссе аст. Онҳо таркибе аз зиштӣ ва зебоӣ буданд ва дар маҷмӯъ ба наҳве буданд, ки дар ниҳояти амр дар саффи душманони Алӣ қарор гирифтанд ва шахсияти Алӣ онҳоро "дафъ" кард на "ҷазб". Мо, ҳам ҷанбаҳои мусбат ва зебо ва ҳам ҷанбаҳои манфӣ ва нозебои руҳияи онҳоро, ки дар маҷмӯъ руҳияи онҳоро хатарнок, балки ваҳшатнок кард зикр мекунем:

1) Руҳияе муборизагар ва фидокор доштанд ва дар роҳи ақида ва идеяи хеш сарсахтона мекӯшиданд. Дар таърихи Хавориҷ, фидокориҳоеро мебинем, ки дар таърихи зиндагии башар камназир аст ва ин фидокорӣ ва аз худ гузаштагӣ ононро шуҷоъ ва нерӯманд парварда буд. Ибни Абдураббуҳ дар бора онон мегӯяд:

**وليس في الأفراق كلها أشد بصائر من الخوارج ولا أشد اجتهادا ولا أوطن أنفسا على الموت منهم الذي طعن فأنفذ الرمح فجعل يسعى الى قاتله ويقول: وعجلت اليک رب لترضى**

(*"Фаҷрул-ислом, с.263 ба нақл аз "Алъиқдул-фарид"*) "Дар тамоми фирқаҳо мӯътақидтар ва кӯшотар аз Хавориҷ набуд ва низ омодатар барои марг аз онҳо ёфт намешуд. Яке аз онон найза хӯрда буд ва найза сахт дар ӯ коргар афтода буд, ба сӯйи қотилаш пеш мерафт ва мегуфт: Худоё! Ба сӯйи ту мештобам, то хушнуд шавӣ!

Муовия шахсеро ба дунболи писараш, ки хориҷӣ буд фиристод, то ӯро баргардонад. Падар натавонист фарзандро аз тасмимаш мунсариф кунад. Оқибат гуфт: фарзандам! Хоҳам рафт ва кӯдаки хурдсолатро хоҳам овард, то ӯро бибинӣ ва меҳри падарии ту биҷунбад ва даст бардорӣ. Гуфт: ба Худо қасам, ман ба зарбате сахт муштоқтарам, то ба фарзандам. (*“Фаҷрул-ислом”, с.243*)

2) Мардуме ибодатпеша ва мутанассик буданд. Шабҳоро ба ибодат мегузаронданд. Бемайл ба дунё ва захорифи он буданд. Вақте Алӣ, Ибни Аббосро фиристод, то асҳоби Наҳравонро панд диҳад, Ибни Аббос пас аз бозгаштан, онҳоро чунин васф кард:

**لهم جباه قرحة لطول السجود وأيد كثفنات الإبل، عليهم قمص مرخصة وهم مشمرون**

(*“Ал-ъиқдул-фарид”, ҷ.2, с.389*) “*Дувоздаҳ ҳазор нафар, ки аз касрати ибодат пешониҳояшон пина бастааст. Дастҳоро аз бас рӯйи заминҳои хушку сӯзони замин гузоштаанд ва дар муқобили Ҳақ ба хок афтодаанд ҳамчун поҳои шутур сифт шудааст. Пероҳанҳои кӯҳна ва мундарасе ба тан кардаанд, аммо мардуме мусаммам ва қотеъ*.”

Хавориҷ ба аҳкоми исломӣ ва завоҳири ислом сахт пойбанд буданд. Даст ба он чи худ онро гуноҳ медонистанд, намезаданд. Онҳо аз худ меъёрҳо доштанд ва бо он меъёрҳо хилоферо муртакиб намегаштанд ва аз касе, ки даст ба гуноҳе зад, безор буданд. Зиёд ибни Абиҳӣ яке аз ононро кушт, сипас ғуломашро хост ва аз ҳолоти ӯ ҷуё шуд. Гуфт: на рӯз барояш ғизое бурдам ва на шаб барояш фироше густардам. Рӯзро рӯза буд ва шабро ба ибодат мегузаронид. (*“Комил”-и Мубаррад, ҷ.2, с.116*)

Ҳар гоме, ки бармедоштанд, аз ақида маншаъ мегирифт ва дар тамоми афъол маслакӣ буданд. Дар роҳи пешбурди ақоиди худ мекӯшиданд. Алӣ (а) дар бораи онон мефармояд:

**لا تقتلوا الخوارج بعدي فليس من طلب الحق فأخطأه كمن طلب الباطل فأدركه**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 60*) “*Хавориҷро аз пас ман дигар накушед, зеро он кас ки ҳақро меҷӯяд ва хато равад, ҳамонанди он кас нест, ки ботилро меҷӯяд ва онро меёбад*.“

Яъне инҳо бо асҳоби Муовия тафовут доранд. Инҳо ҳақро мехоҳанд, вале дар иштибоҳ афтодаанд, аммо онҳо аз аввал ҳуққабоз будаанд ва масирашон масири ботил будааст. Баъд аз ин агар инҳоро бикушед, ба нафъи Муовия аст, ки аз инҳо бадтар ва хатарноктар аст.

Қабл аз он ки соири хасисаҳои Хавориҷро баён кунем, лозим аст як нуктаро дар ин ҷо, ки сухан аз қудс ва тақво ва зоҳидмаобии Хавориҷ аст ёдоварӣ кунем. Ва он ин ки яке аз шигифтиҳо ва барҷастагиҳо ва фавқулъодагиҳои таърихи зиндагии Алӣ, ки монанд

барои он наметавон пайдо кард, ҳамин иқдоми шуҷоъона ва таҳаввуромези ӯ дар мубориза бо ин муқаддасхушкаҳои мутаҳаҷҷир ва мағрур аст.

Алӣ бар рӯйи мардуме инчунин зоҳируссалоҳ ва ороста, қиёфаҳои ҳақ бачониб, жандапӯш ва ибодатпеша, шамшер кашид ва ҳамаро аз дами шамшер гузарондааст.

Мо агар ба ҷойи асҳоби ӯ будем ва қиёфаҳои ончуноиро медидем, мусалламан эҳсосотамон барангехта мешуд ва Алиро ба эътироз мегирифтем, ки охир шамшер ба рӯйи инчунин мардуме кашидан?!

Аз дарсҳои бисёр омӯзандаи таърихи ташайюъ хусусан ва ҷаҳони ислом умуман, ҳамин достони Хаворичҷ аст.

Алӣ худ ба аҳаммият ва фавқулъодагии кори худ аз ин ҷиҳат воқиф аст ва онро бозгӯ мекунад. Мегӯяд:

**فأنا فقأت عين الفتنة ولم يكن ليجتري عليها أحد غيري بعد أن ماج غيهبها واشتدّ كلبها**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 92*) “*Чашми ин фитнаро ман даровардам. Ғайр аз ман аҳаде ҷуръати чунин кореро надошт пас аз он ки мавҷи дарёи торикӣ ва шубҳаноки он боло гирифта буд ва ҳории он фузунӣ ёфта буд*.”

Амирулмӯъминин (а) ду таъбири ҷолиб дорад дар ин ҷо: яке шубҳанокӣ ва тардидоварии ин ҷараён. Вазъи қудс ва тақвои зоҳирии Хаворичҷ тавре буд, ки ҳар мӯъмини нофизулимонеро ба тардид вомедошт. Аз ин ҷиҳат як ҷавви торик ва мубҳам ва як фазои пур аз шакку дудилӣ ба вуҷуд омада буд.

Таъбири дигар ин аст, ки ҳолати ин хушкамуқаддасонро ба “калб“ ташбеҳ мекунад. Калб яъне ҳорӣ. Ҳорӣ ҳамон девонагӣ аст, ки дар саг пайдо мешавад. Ба ҳар кас мерасад гоз мезанад ва ҳар иттифоқан ҳомили як беморӣ (микроб) мусрӣ аст. Неши саг ба бадани ҳар инсон ё ҳайвоне фурӯ равад ва аз луъоби даҳони он чизе вориди хуни инсон ё ҳайвон бишавад, он инсон ё ҳайвон пас аз чанде ба ҳамон беморӣ мубтало мегардад. Ӯ ҳам ҳор мешавад ва гоз мегирад ва дигаронро ҳор мекунад. Агар ин вазъ идома пайдо кунад, фавқулъода хатарнок мегардад. Ин аст, ки хирадмандон билофосила саги ҳорро эъдом мекунанд, ки лоақал дигарон аз хатари ҳорӣ наҷот ёбанд.

Алӣ мефармояд, инҳо ҳукми саги ҳорро пайдо карда буданд, чорапазир набуданд, мегазиданд ва мубтало мекарданд ва мураттаб бар адади ҳорҳо меафзуданд.

Вой ба ҳоли ҷомеаи муслимин аз он вақт, ки гурӯҳе хушкамуқаддаси як данда ҷоҳили бехабар, поро ба як кафш кунанд ва ба ҷони ину он биафтанд! Чӣ қудрате метавонад дар муқобили ин морҳои афсуннопазир истодагӣ кунад? Кадом руҳи қавӣ ва нерӯманд аст, ки дар муқобили ин қиёфаҳои зуҳду тақво такон нахӯрад? Кадом даст аст, ки бихоҳад

барои фуруд овардани шамшер бар фарқи инҳо боло равад ва наларзад? Ин аст, ки Алӣ мефармояд:

ولم يكن ليجتري عليها أحد غيري

Яъне ғайр аз ман аҳаде ҷуръат бар чунин иқдоме надошт. Ғайр аз Алӣ ва басирати Алӣ ва имони нофизи Алӣ аҳаде аз мусалмонони мӯътақид ба Худо ва Расул ва қиёмат, ба худ ҷуръат намедод, ки бар рӯйи инҳо шамшер бикашад. Ингуна касонро танҳо афроди ғайри мӯътақид ба Худо ва ислом ҷуръат мекунанд бикушанд, на афроди мӯътақид ва мӯъмини маъмулӣ.

Ин аст, ки Алӣ ба унвони як ифтихори бузург барои худ мегӯяд: ин ман будам ва танҳо ман будам, ки хатари бузурге, ки аз ноҳияи ин хушкамуқаддасон ба ислом мутаваҷҷеҳ мешуд, дарк кардам. Пешониҳои пинабастаи инҳо ва ҷомаҳои зоҳидмаобонаашон ва забонҳои доимуззикрашон ва ҳатто эътиқоди муҳкам ва побарҷояшон натавонист монеъи басирати ман гардад. Ман будам, ки фаҳмидам, агар инҳо по бигиранд, ҳамаро ба дарди худ мубтало хоҳанд кард ва ҷаҳони исломро ба ҷумуд ва зоҳиргароӣ ва тақашшур ва таҳаҷҷуре хоҳанд кашонид, ки камари ислом хам шавад.

Магар на ин аст, ки Пайғамбар фармуд: ду даста пушт маро шикастанд: олими лоуболӣ ва ҷоҳили муқаддасмаоб. Алӣ мехоҳад бигӯяд, агар ман бо наҳзати хориҷигарӣ дар дунёи ислом мубориза намекардам, дигар касе пайдо намешуд, ки ҷуръат кунад инчунин мубориза кунад. Ғайр аз ман касе набуд, ки бибинад ҷамъияте пешониашон аз касрати ибодат пина баста, мардуме маслакӣ ва динӣ, аммо дар айни ҳол садди роҳи ислом, мардуме, ки худашон хаёл мекунанд, ба нафъи ислом кор мекунанд, аммо дар ҳақиқат душмани воқеии исломанд ва битавонад ба ҷанги онҳо биёяд ва хунашонро бирезад. Ман ин корро кардам.

Амали Алӣ роҳи хулафо ва ҳуккоми баъдиро ҳамвор кард, ки бо Хаворичҷ биҷанганд ва хунашонро бирезанд. Сарбозони исломӣ низ бидуни чуну чаро пайравӣ мекарданд, ки Алӣ бо онон ҷангидааст ва дар ҳақиқат сираи Алӣ роҳро барои дигарон низ боз кард, ки бепарво битавонанад бо як ҷамъияти зоҳируссалоҳи муқаддасмаоби диндор, вале аҳмақ пайкор кунанд.

3) Хаворичҷ мардуме ҷоҳил ва нодон буданд. Дар асари ҷаҳолат ва нодонӣ ҳақоиқро намефҳмиданд ва бад тафсир мекарданд ва ин каҷфаҳмиҳо кам-кам барои онон ба сурати як мазҳаб ва ойине даромад, ки бузургтарин фидокориҳоро дар роҳи тасбити он аз хеш буруз медоданд. Дар ибтидо фаризаи исломии наҳй аз мункар ононро ба сурати ҳизбе

шакл дод, ки танҳо ҳадафашон эҳёи як суннати исломӣ буд. Дар ин ҷо лозим аст биистем ва дар як нукта аз таърихи ислом дақиқан тааммул кунем:

Мо вақте, ки ба сираи набавӣ мурочеа мекунем, мебинем он ҳазрат дар тамоми давраи 13-солаи Макка, ба аҳаде иҷозаи ҷиҳод ва ҳатто дифоъ надод, то он ҷо, ки воқеан мусалмонон ба танг омаданд ва бо иҷозаи он ҳазрат гурӯҳе ба Ҳабаша муҳоҷират карданд, аммо соирин монданд ва зачр кашиданд. Танҳо дар соли дуввуми Мадина буд, ки рухсати ҷиҳод дода шуд.

Дар давраи Макка мусалмонон таълимот диданд, бо руҳи ислом ошно шуданд, сақофати исломӣ дар аъмоқи руҳашон нуфуз ёфт. Натиҷа ин шуд, ки пас аз вуруд дар Мадина, ҳар кадом як мубаллиғи воқеии ислом буданд ва Расули Акрам, ки онҳоро ба атрофу акноф мефиристод, хуб аз ӯҳда бармеомаданд. Ҳангоме ҳам, ки ба ҷиҳод мерафтанд, медонистанд барои чӣ ҳадаф ва идеяе мечанганд. Ба таъбири Амирулмӯъминин (а):

**وحملوا بصائرهم على أسيافهم**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 148*) "*Ҳамоно басиратҳо ва андешаҳои равшан ва ҳисобшудаи худро бар шамшерҳои худ ҳамл мекарданд*."

Чунин шамшерҳои обдида ва инсонҳои таълимотёфта буданд, ки тавонистанд рисолати худро дар заминаи ислом анҷом диҳанд. Вақте, ки таърихро мехонем ва гуфтугӯҳои ин мардумро, ки то чанд сол пеш ҷуз шамшеру шутур чизеро намешинохтанд мебинем, аз андешаи баланд ва сақофати исломии инҳо ғарқ дар ҳайрат мешавем.

Дар давра хулафо бо камоли таъассуф бештари таваҷҷӯҳот ба сӯйи футуҳот маътуф шуд, ғофил аз ин ки ба мувозоти боз кардани дари вожаҳои ислом ба рӯйи афроди дигар ва рӯ овардани онҳо ба ислом, ки ба ҳар ҳол ҷозибаи тавҳиди ислом ва адл ва мусовоти ислом, арабу аҷамро ҷазб мекард, мебоист фарҳанг ва сақофати исломӣ ҳам таълим дода шавад ва афрод дақиқан бо руҳи ислом ошно шаванд.

Хаворичҳ бештар араб буданд ва ғайри араб ҳам каму беш дар миёни онҳо буд, вале ҳамаи онҳо аъамм аз араб ва ғайри араб ҷоҳилмаслак ва ноошно ба фарҳанги исломӣ буданд. Ҳамаи касриҳои худро мехостанд бо фишор овардан бар рӯйи рукӯъ ва суҷудҳои тӯлонӣ ҷуброн кунанд. Алӣ (а) руҳияи инҳоро ҳамин тавр тавсиф мекунад, мефармояд:

**جُفَاةٌ طَغَامٌ وَعَبِيدٌ أَقْزَامٌ، جُمِعُوا مِنْ كُلِّ أَوْبٍ وَتُلُقِّطُوا مِنْ كُلِّ شَوْبٍ، مِمَّنْ يَنْبَغِي أَنْ يُفَقَّهَ وَيُؤَدَّبَ وَيُعَلَّمَ وَيُدَرَّبَ وَيُوَلَّى عَلَيْهِ وَيُؤْخَذَ عَلَى يَدَيْهِ؛ لَيْسُوا مِنَ الْمُهَاجِرِينَ وَالْأَنْصَارِ وَلَا مِنَ الَّذِينَ تَبَوَّؤُا الدَّارَ وَالْإِيمانَ**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 236*) "*Мардуми хашин, фоқиди андешаи олӣ ва эҳсосоти латиф, мардуме паст, бардасифат, авбош, ки аз ҳар гӯшае ҷамъ шудаанд ва аз ҳар ноҳияе фароҳам омадаанд. Инҳо касоне ҳастанд, ки бояд аввал таълимот бибинанд,*

*одоби исломӣ ба онҳо таълим дода шавад, дар фарҳанг ва сақофати исломӣ хубравият пайдо кунанд. Бояд бар инҳо қайим ҳукумат кунад ва мучи дастшон гирифта шавад, на ин ки озод бигарданд ва шамшерҳоро дар даст нигаҳ доранд ва роҷеъ ба моҳияти ислом изҳори назар кунанд. Инҳо на аз муҳоҷиринанд, ки аз хонаҳои худ ба хотири ислом муҳоҷират карданд ва на аз ансор, ки муҳоҷиринро дар ҷивори худ пазируфтанд*."

Пайдоиши табақаи ҷоҳилмаслаки муқаддасмаоб, ки Хаворич ҷузъе аз онҳо буданд, барои ислом гарон тамом шуд. Гузашта аз Хаворич, ки бо ҳамаи айбҳо аз фазилати шуҷоат ва фидокорӣ баҳраманд буданд, иддае дигар аз ин типи мутанассик ба вуҷуд омад, ки ин ҳунарро ҳам надошт. Инҳо исломро ба сӯйи раҳбоният ва инзиво кашонданд, бозори тазоҳур ва риёро роиҷ карданд. Инҳо чун он ҳунарро надоштанд, ки шамшери пӯлодин бар рӯйи соҳибони қудрат бикашанд, шамшери забонро бар рӯйи соҳибони фазилат кашиданд. Бозори такфир ва тафсиқ ва нисбати бединӣ ба ҳар соҳиби фазилатро роиҷ сохтанд.

Ба ҳар ҳол яке аз боризтарин мумайизоти Хаворич, ҷаҳолат ва нодониашон буд. Аз мазоҳири ҷаҳолатшон, адами тафкик миёни зоҳир яъне хатту ҷилди Қуръон ва маънии Қуръон буд. Аз ин рӯ фиреби найранги соддаи Муовия ва Амр ибни Осро хӯрданд. Дар ин мардум ҷаҳолат ва ибодат тавъам буд. Алӣ мехост, бо ҷаҳолати онҳо биҷангад, аммо чӣ гуна мумкин буд ҷанбаи зуҳд ва тақво ва ибодати инҳоро аз ҷанбаи ҷаҳолаташон тафкик кард, балки ибодаташон айни ҷаҳолат буд. Ибодат тавъам бо ҷаҳолат аз назари Алӣ, ки исломшиноси дараҷаи аввал аст, арзише надошт. Ба ҳамин хотир онҳоро кӯбид ва виҷҳаи зуҳд ва тақво ва ибодаташон натавонист сипаре дар муқобили Алӣ қарор гирад: хатари ҷаҳолати ин гуна афрод ва ҷамъиятҳо бештар аз ин ноҳия аст, ки абзор ва олати дасти зиракҳо қарор мегиранд ва садди роҳи масолеҳи олияи исломӣ воқеъ мешаванд. Ҳамеша мунофиқони бедин муқаддасони аҳмақро алайҳи масолеҳи исломӣ бармеангезанд. Инҳо шамшере мегарданд дар дасти онҳо ва тире дар камони онҳо.

Чӣ қадр олӣ ва латиф Алӣ (а) ин вазъи инҳоро баён мекунад, мефармояд:

**ثم أنتم شرار الناس ومن رمى به الشيطان مراميه وضرب به تيهه**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 125*) "*Ҳамоно бадтарини мардум ҳастед. Шумо тирҳое ҳастед дар дасти шайтон, ки аз вуҷуди палиди шумо барои задани нишонаи худ истифода мекунад ва ба василаи шумо мардумро дар ҳайрату тардиду гумроҳӣ меафканад*."

Гуфтем: дар ибтидо ҳизби Хаворич барои эҳёи як суннати исломӣ ба вуҷуд омад, аммо адами басират ва нодонӣ, онҳоро бад-ин ҷо кашонид, ки оёти Қуръонро ғалат тафсир

кунанд ва аз он ҷо решаи мазҳаби пайдо карданд ва ба унвони як мазҳаб ва як тариқа маводдеро тарсим намуданд. Ояте аст дар Қуръон, ки мефармояд:

إِنِ الْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِ ۖ يَقُصُّ الْحَقَّ ۖ وَهُوَ خَيْرُ الْفَاصِلِينَ

(*Анъом/57*) Дар ин оят "ҳукм" аз мухтассоти зоти Ҳақ баён шудааст, мунтаҳо бояд дид, мурод аз ҳукм чист? Бидуни тардид мурод аз ҳукм дар ин ҷо қонун ва низомоти ҳаёти башар аст. Дар ин ояӣ, ҳаққи қонунгузорӣ аз ғайри Худо салб шуда ва онро аз шуъуни зоти Ҳақ (ё касе, ки зоти Ҳақ ба ӯ ихтиёрот бидиҳад) медонад. Аммо Хаворичҳукмро ба маънои ҳукумат, ки шомили ҳакамият низ мешуд, гирифтанд ва барои худ шиоре сохтанд ва мегуфтанд:

لا حكم إلا لله

Муродашон ин буд, ки ҳукумат ва ҳакамият ва раҳбарӣ низ ҳамчун қонунгузорӣ ҳаққи ихтисосии Худост ва ғайр аз Худо аҳаде ҳақ надорад, ки ба ҳеч наҳв ҳукм ё ҳоким миёни мардум бошад, ҳамчунон ки ҳаққи ҷаъли қонун надорад.

Гоҳе Амирулмӯъминин машғули намоз буд ва ё сари минбар барои мардум сухан мегуфт, нидо дармедоданд ва ба ӯ хитоб мекарданд, ки –

لا حكم إلا لله لا لك ولأصحابك يا علي

"*Ҳаққи ҳокимият ҷуз барои Худо нест, туро ва асҳобатро нашояд, ки ҳукумат ё ҳакамият кунед*." Ӯ дар ҷавоб мегуфт:

كلمة حق يراد بها الباطل، نعم إنه لا حكم إلا لله ولكن هؤلاء يقولون لا إمرة إلا لله، لا بد للناس من أمير بر أو فاجر يعمل في امرته المؤمن ويستمتع فيها الكافر ويبلغ الله فيها الأجل ويجمع به الفيء ويقاتل به العدو وتأمن به السبل ويؤخذ به الضعيف من القوي حتى يستريح بر ويستراح من فاجر

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 40*) "*Сухане баҳақ аст, аммо онон аз он иродаи ботил доранд. Дуруст аст қонунгузорӣ аз они Худост, аммо инҳо мехоҳанд бигӯянд, ғайр аз Худо касе набояд ҳукумат кунад ва амир бошад. Мардум эҳтиёҷ ба ҳоким доранд, хоҳ некӯкор бошад ва хоҳ бадкор (яъне ҳадди ақал ва дар фарзи набудани некӯкор). Дар партави ҳукумати ӯ, мӯъмин кори хешро (барои Худо) анҷом медиҳад ва кофир аз зиндагии дунёи хеш баҳраманд мегардад ва Худованд муддатро ба поён мерасонад. Ба василаи ҳукумат ва дар партави ҳукумат аст, ки молиётҳо ҷамъоварӣ мегардад, бо душман пайкор мешавад, роҳҳо амн мегардад, ҳаққи заъиф ва нотавон аз қавӣ ва ситамкор гирифта мешавад, то некӯкор осоиш ёбад ва аз шарри бадкор осоиш ба даст ояд*."

Хулоса он ки қонун худ ба худ иҷро намегардад, фард ё ҷамъияте мебоист, то барои иҷроъ он бикӯшанд.

4) Мардуме тангназар ва кӯтаҳдид буданд. Дар уфуқе бисёр паст фикр мекарданд. Ислом ва мусалмониро дар чаҳордевории андешаҳои маҳдуди худ маҳсур карда буданд. Монанди ҳамаи кӯтаҳназарони дигар муддаъӣ буданд, ки ҳама бад мефаҳманд ва ё аслан намефаҳманд ва ҳамагон роҳи хато мераванд ва ҳама ҷаҳаннамӣ ҳастанд. Ингуна кӯтаҳназарон аввал коре, ки мекунанд ва ин аст, ки тангназарии худро ба сурати як ақидаи динӣ дармеоваранд, раҳмати Худоро маҳдуд мекунанд, Худовандро ҳамвора бар курсии ғазаб менишонанд ва мунтазири ин ки аз бандааш лағзише пайдо шавад ва ба азоби абад кашида шавад.

Яке аз усули ақоиди Хавориҷ ин буд, ки муртакиби гуноҳи кабира масалан дурӯғ ё ғайбат ё шурби хамр, кофир аст ва аз ислом берун аст ва мустаҳиққи хулуд дар оташ аст. Бар ин асос ҷуз иддаи бисёр маъдуде аз башар ҳама мухаллад дар оташи ҷаҳаннаманд.

Тангназарии мазҳабӣ аз хасисаҳои Хавориҷ аст, аммо имрӯз онро боз дар ҷомеаи исломӣ мебинем. Ин ҳамон аст, ки гуфтем, Хавориҷ шиорашон аз байн рафта ва мурда аст, аммо руҳи мазҳабашон каму беш дар миёни баъзе афрод ва табақот ҳамчунон зинда ва боқӣ аст. Баъзе аз хушкмағзонро мебинем, ки ҷуз худ ва иддае бисёр маъдуди монанди худ, ҳамаи мардуми ҷаҳонро бо диди куфру илҳод менигаранд ва доираи ислом ва мусалмониро бисёр маҳдуд хаёл мекунанд.

Дар фасли пеш гуфтем, ки Хавориҷ бо руҳи фарҳанги исломӣ ошно набуданд, вале шуҷоъ буданд. Чун ҷоҳил буданд, тангназар буданд ва чун тангназар буданд, зуд такфиру тафсиқ мекарданд, то он ҷо, ки ислом ва мусалмониро мунҳасир ба худ медонистанд ва соири мусалмононро, ки усули ақоиди онҳоро намепазируфтанд, кофир мехонданд. Ва чун шуҷоъ буданд, ғолибан ба суроғи соҳибони қудрат мерафтанд ва ба хаёли худ онҳоро амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекарданд ва худ кушта мешуданд. Ва гуфтем, дар даврaҳои баъд ҷумуд ва ҷаҳолат ва танассук ва муқаддасмаобӣ ва тангназарии онҳо барои дигарон боқӣ монд, аммо шуҷоат ва шаҳомат ва фидокорӣ аз миён рафт. Хаворичи бешаҳомат, яъне муқаддасмаобони тарсу, шамшери пӯлодинро ба каноре гузоштанд ва аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункари соҳибони қудрат, ки барояшон хатар эҷод мекард, сарфи назар карданд ва бо шамшери забон ба ҷони соҳибони фазилат афтоданд. Ҳар соҳиби фазилатеро ба навъе муттаҳам карданд ба тавре, ки дар таърихи ислом камтар соҳиби фазилатеро метавон ёфт, ки ҳадафи тири тӯҳмати ин табақа воқеъ нашуда бошад.

Якеро гуфтанд мункири Худо, дигареро гуфтанд мункири маъод, севвумиро гуфтанд мункири меъроҷи ҷисмонӣ ва чаҳорумеро гуфтанд сӯфӣ, панҷумиро чизи дигар ва ҳамин тавр, ба тавре, ки агар назари ин аҳмақонро милок қарор диҳем, ҳеч вақт ҳеч донишманди воқеии мусалмон набудааст.

Вақте, ки Алӣ такфир бишавад, таклифи дигарон равшан аст. Бӯалӣ Сино, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Садрулмуталлиҳини Шерозӣ, Файзи Кошонӣ, Сайидҷамолуддини Асадободӣ ва ахиран Муҳаммадиқболи Покистонӣ аз касоне ҳастанд, ки аз ин ҷом ҷуръае ба комашон рехта шудааст.

Бӯалӣ дар ҳамин маънӣ мегӯяд:

*Куфри чу мане газофу осон набувад,*

*Муҳкамтар аз имони ман имон набувад.*

*Дар даҳр яке чу ману он ҳам кофир,*

*Пас дар ҳама даҳр як мусалмон набувад.*

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, ки аз тарафи шахсе мусаммо ба “Низомулуламо“ мавриди такфир воқеъ шуд, мегӯяд:

*Низоми бенизом ар кофарам хонд,*

*Чароғи кизбро набвад фурӯғе.*

*Мусалмон хонамаш, зеро ки набвад,*

*Мукофоти дурӯғе ҷуз дурӯғе.*

Ба ҳар ҳол, яке аз мушаххасот ва мумайизоти Хаворичҷ тангназарӣ ва кӯтаҳбинии онҳо буд, ки ҳамаро бедин ва ломазҳаб мехонданд. Алӣ, алайҳи ин кӯтаҳназарии онон истидлол кард, ки ин чӣ фикри ғалате аст, ки дунбол мекунед? Фармуд: Пайғамбар ҷониро сиёсат мекард ва сипас бар ҷанозаи ӯ намоз мехонд ва ҳол он ки агар иртикоби кабира мӯҷиби куфр буд, Пайғамбар бар ҷанозаи онҳо намоз намехонд, зеро бар ҷанозаи кофир намоз хондан ҷоиз нест ва Қуръон аз он наҳӣ кардааст. (*Сураи Тавба, ояти 84*) Шаробхорро ҳадд зад ва дасти дуздро буррид ва зинокори ғайри муҳсинро тозиёна зад ва баъд ҳамаро дар ҷиргаи мусалмонҳо роҳ дод ва саҳмашонро аз байтулмол қатъ накард ва онҳо бо мусалмонони дигар издивоҷ карданд. Пайғамбар муҷозоти исломиро дар ҳаққашон ҷорӣ кард, аммо исмашонро аз асомии мусалмонҳо берун набурд. (*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 127*)

Фармуд, фарз кунед, ман хато кардам ва дар асари он, кофир гаштам, дигар чаро тамоми ҷомеаи исломиро такфир мекунед? Магар гумроҳӣ ва залоли касе мӯҷиб мегардад, ки дигарон низ дар гумроҳӣ ва хато бошанд ва мавриди муохаза қарор гиранд?! Чаро

шамшерҳоятонро бар дӯш гузорда ва бегуноҳу гуноҳкор — ба назар худтон — ҳар дуро аз дами шамшер мегузаронед?! (*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 127*)

Дар ин ҷо Амирулмӯъминин аз ду назар бар онон айб мегирад ва дофиаи ӯ аз ду сӯ ононро дафъ мекунад: яке аз ин назар, ки гуноҳро ба ғайри муқассир низ таъмим додаанд ва ӯро ба муохаза гирифтаанд. Ва дигаре аз ин назар, ки иртикоби гуноҳро мӯҷиби куфр ва хуруҷ аз ислом дониста, яъне доираи исломро маҳдуд гирифтаанд, ки ҳар ки по аз ҳудуди бархе муқаррарот берун гузошт, аз ислом берун рафтааст.

Алӣ дар ин ҷо тангназарӣ ва кӯтаҳбиниро маҳкум карда ва дар ҳақиқат пайкори Алӣ бо Хавориҷ, пайкор бо ин тарзи андеша ва фикр аст, на пайкор бо афрод, зеро агар афрод инчунин фикр намекарданд, Алӣ низ инчунин бо онҳо рафтор намекард. Хунашонро рехт, то бо маргашон он андешаҳо низ бимирад, Қуръон дуруст фаҳмида шавад ва мусалмонон, ислом ва Қуръонро ончунон бибинанд, ки ҳаст ва қонунгузораш хостааст.

Дар асари кӯтаҳбинӣ ва каҷфаҳмӣ буд, ки аз сиёсати Қуръон ба найза кардан гӯл хӯрданд ва бузургтарин хатаротро барои ислом ба вуҷуд оварданд ва Алиро, ки мерафт то решаи нифоқҳоро барканад ва Муовия ва афкори ӯро барои ҳамеша нобуд созад, аз ҷанг бозгаштанд ва ба дунболи он, чӣ ҳаводиси шуме, ки бар ҷомеаи исломи рӯ овард?[15]

---

[15] *Ҳаводисе, ки бар олами ислом рӯ оварда, он чи дар арзёбӣ бештар ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад, зарбаҳои руҳӣ ва маънавие аст, ки бар муслимин ворид омад. Қуръони Карим зербинои даъвати исломиро бар басират ва тафаккур қарор дода буд ва Қуръон худ роҳи иҷтиҳод ва дарки ақлро барои мардум боз гузошта буд.*

**فَلَوْلَا نَفَرَ مِنْ كُلِّ فِرْقَةٍ مِنْهُمْ طَائِفَةٌ لِيَتَفَقَّهُوا فِي الدِّينِ**

*(Тавба/122) “Пас чаро аз ҳар гурӯҳе аз эшон дастае кӯч намекунанд, то дар дин тафаққуҳ кунанд?“*

*Дарки соддаи чизеро “тафаққуҳ дар он“ намегӯянд, балки тафаққуҳ дарк бо эъмоли назар ва басират аст.*

**إِنْ تَتَّقُوا اللَّهَ يَجْعَلْ لَكُمْ فُرْقَانًا**

*(Анфол/29) “Агар тақвои илоҳӣ дошта бошед, Худо дар ҷони шумо нуре қарор медиҳад, ки мояи ташхис ва тамйизи шумо бошад.“*

**وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا**

*(Анкабут/69) “Онон, ки дар роҳи мо кӯшиш кунанд, мо роҳҳои худро ба онҳо менамоёнем.“*

*Хавориҷ дуруст дар муқобили ин тарзи таълими қуръонӣ, ки мехост фиқҳи исломӣ барои ҳамеша мутаҳаррик ва зинда бимонад, ҷумуд ва рукудро оғоз карданд, маорифи*

*исломиро мурда ва сокин дарк карданд ва шаклу суратҳоро низ ба дохили ислом кашонданд.*

*Ислом ҳаргиз ба шаклу сурат ва зоҳири зиндагӣ напардохтааст. Таълимоти исломӣ ҳама мутаваҷҷеҳи руҳ ва маънӣ ва роҳе аст, ки башарро ба он ҳадафҳо ва маъонӣ мерасонад. Ислом ҳадафҳо ва маъонӣ ва ироаи тариқаи расидан ба он ҳадафҳоро дар қаламрави худ гирифта ва башарро дар ғайри ин амр озод гузоштааст ва ба ин васила аз ҳар гуна тасодуме бо тавсиъаи тамаддун ва фарҳанг парҳез кардааст.*

*Дар ислом як василаи моддӣ ва як шакли зоҳирӣ наметавон ёфт, ки ҷанбаи "тақаддус" дошта бошад ва мусалмон вазифаи худ бидонад, ки он шаклу зоҳирро ҳифз намояд. Аз ин рӯ, парҳез аз тасодум бо мазоҳири тавсиъаи илм ва тамаддун яке аз ҷиҳоте аст, ки кори интибоқи ин динро бо муқтазаёти замон осон карда ва монеъи бузурги ҷовид монданро аз миён бармедорад. Ин ҳамон дарҳам омехтани таъаққул ва тадайюн аст. Аз тарафе усулро собит ва пойдор гирифта ва аз тарафе онро аз шаклҳо ҷудо кардааст. Куллиётро ба даст додааст. Ин куллиёт мазоҳири гуногуне доранд ва тағйири мазоҳир, ҳақиқатро тағйир намедиҳад.*

*Аммо татбиқи ҳақиқат бар мазоҳир ва масодиқи худ ҳам он қадр содда нест, ки кори ҳама кас бошад, балки ниёзманди дарки амиқ ва фаҳми саҳеҳ аст ва Хавориҷ мардуме ҷомидфикр буданд ва моварои он чи мешуниданд, ёрои дарк надоштанд ва аз ин рӯ вақте Амирулмӯъминин Ибни Аббосро фиристод, то бо онҳо эҳтиҷоҷ кунад ба вай гуфт:*

**لا تخاصمهم بالقرآن فإن القرآن حمال ذو وجوه تقول ويقولون ولكن حاججهم بالسنة فإنهم لن يجدوا عنها محيصا**

*("Наҳҷул-балоға", номаи 77 ) "Бо Қуръон бо онон истидлол макун, зеро ки Қуръон эҳтимолот ва тавҷеҳоти бисёр мепазирад, ту мегӯӣ ва онон мегӯянд. Ва лекин бо суннат ва суханони Пайғамбар бо онон сухан бигӯ ва истидлол кун, ки сареҳ аст ва аз он роҳи фироре надоранд."*

*Яъне Қуръон куллиёт аст. Дар мақоми эҳтиҷоҷ, онҳо чизеро мисдоқ мегиранд ва истидлол мекунанд ва ту низ чизи дигареро ва ин дар мақоми муҳоҷҷа ва муҷодала қаҳран натиҷабахш нест. Онон, он миқдор дарк надоранд, ки битавонанд аз ҳақоиқи Қуръон чизе бифаҳманд ва онҳоро бо масодиқи ростинаш татбиқ диҳанд, балки бо онҳо бо суннат сухан бигӯ, ки ҷузъӣ аст ва даст рӯйи мисдоқ гузоштааст.*

*Дар ин ҷо ҳазрат ба ҷумуд ва хушкмағзии онон дар айни тадайюнашон ишора кардааст, ки намоишгари инфикоки таъаққул аз тадайюн аст. Хавориҷ танҳо зоидаи ҷаҳолат ва рукуди фикрӣ буданд. Онҳо қудрати таҷзияву таҳлил надоштанд ва наметавонистанд*

*куллиро аз мисдоқ ҷудо кунанд. Хаёл мекарданд, вақте ҳакамият дар мавриде иштибоҳ будааст, дигар асоси он ботил ва нодуруст аст ва ҳол он ки мумкин аст асоси он муҳкам ва саҳеҳ бошад, аммо иҷрои он дар мавриде нораво бошад. Ва аз ин рӯ дар достони таҳким се марҳиларо мебинем:*

*1 — Алӣ ба шаҳодати таърих розӣ ба ҳакамият набуд, пешниҳоди асҳоби Муовияро "макяда" ва "ғадр" медонист ва бар ин матлаб сахт исрор дошт ва пофишорӣ мекард.*

*2 – Мегуфт, агар биност шӯрои таҳким ташкил шавад, Абӯмӯсо марди бетадбире аст ва салоҳияти ин корро надорад, боист шахси солеҳеро интихоб кард ва худаш Ибни Аббос ва ё Молики Аштарро пешниҳод мекард.*

*3 — Асли ҳакамият саҳеҳ аст ва хато нест. Дар ин ҷо низ Алӣ исрор дошт. Абулаббоси Мубаррад дар "Ал-комилу фил-луғати вал-адаб" (ҷ.2, с.134 )мегӯяд: "Алӣ шахсан бо Хаворичҷ муҳоҷҷа кард ва ба онон гуфт: шуморо ба Худо савганд! Оё ҳеч кас аз шумо ҳамчун ман бо таҳким мухолиф буд? Гуфтанд: Худоё! Ту шоҳидӣ, ки на. Гуфт: оё шумо маро водор накардед, ки бипазирам? Гуфтанд: Худоё! Ту шоҳидӣ, ки чаро. Гуфт: пас чаро бо ман мухолифат мекунед ва маро тард кардаед? Гуфтанд: гуноҳе бузург муртакиб шудаем ва бояд тавба кунем. Мо тавба кардем, ту низ тавба кун. Гуфт:*

**أستغفر الله من كل ذنب**

*Онҳо ҳам, ки дар ҳудуди шаш ҳазор нафар буданд баргаштанд ва гуфтанд, ки Алӣ тавба кард ва мо мунтазирем, ки фармон диҳад ва ба тарафи Шом ҳаракат кунем. Ашъас ибни Қайс дар маҳзари ӯ омад ва гуфт: мардум мегӯянд, шумо таҳкимро гумроҳӣ медонед ва пойдорӣ бар онро куфр. Ҳазрат минбар рафт ва хутба хонд ва гуфт: ҳар кас ки хаёл мекунад, ман аз таҳким баргаштаам, дурӯғ мегӯяд ва ҳар кас ки онро гумроҳӣ шумурд, худ гумроҳтар аст. Хаворичҷ низ аз масҷид берун омаданд ва дубора бар Али шӯриданд.*

*Ҳазрат мефармояд, ин маврид иштибоҳ будааст аз ин назар, ки Муовия ва асҳобаш мехостанд ҳила кунанд ва аз ин назар, ки Абӯмӯсо нолоиқ мебуда ва ман ҳам аз аввал мегуфтам, шумо напазируфтед. Ва аммо ин далел нест, ки асоси таҳким ботил бошад. Аз тарафе, мобайни ҳукумати Қуръон ва ҳукумати афроди мардум фарқ намегузаштанд ва мегуфтанд: ҳакамияти афроди инсон ба таври куллӣ чӣ бар асоси Қуръон ва чӣ бар асоси назари шахсӣ ботил аст, дар ҳоле, ки қабули ҳукумати Қуръон ин аст, ки дар ҳодисае, ба ҳар чи Қуръон пешбинӣ кардааст амал шавад. Ва аммо қабули ҳукумати афрод пайравӣ кардан аз оро ва назариёти шахси онон аст. Ва Қуръон, ки худ*

*сухан намегӯяд, бояд ҳақоиқи онро бо эъмоли назар ба даст овард ва он ҳам бидуни афроди мардум имконпазир нест. Ҳазрат худ дар ин бора мефармояд:*

***إنا لم نحكم الرجال وإنما حكمنا القرآن، وهذا القرآن إنما هو خط مسطور بين الدفتين، لا ينطق بلسان ولا بد له من ترجمان، وإنما ينطق عنه الرجال، ولما دعانا القوم الى أن نحكم بيننا القرآن، لم نكن الفريق المتولي عن كتاب الله، وقد قال سبحانه: «فان تنازعتم في شيء فردّوه الى الله والرسول»، فردّه الى الله أن نحكم بكتابه، وردّه الى الرسول أن نأخذ بسنته، فإذا حكم بالصدق في كتاب الله فنحن أحق الناس به، وإن حكم بسنة رسول الله فنحن أولاهم به***

*(“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 125) “Мо ҳоким қарор нахоҳодем мардумонро, балки Қуръонро ҳоким қарор додем ва ин Қуръон хутуте аст, ки дар миёни ҷилд қарор гирифтааст, бо забон сухан намегӯяд ва баёнкунанда лозим дорад ва мардонанд, ки аз он сухан мегӯянд. Ва чун аҳли Шом аз мо хостанд, ки Қуръонро ҳоким қарор диҳем, мо касоне набудем, ки аз Қуръон рӯгардон бошем ва ҳол он ки Худованди Субҳон худ дар Қуръон мефармояд: “Агар дар чизе низоъ доштед, онро ба Худо ва пайғамбараш баргардонед“. Руҷӯъ ба Худо ин аст, ки китобашро ҳоким қарор диҳем ва ба китобаш ҳукм кунем ва руҷӯъ ба Пайғамбар ин аст, ки аз суннаташ пайравӣ кунем. Ва агар ба ростӣ дар китоби Худо ҳукм шавад, мо сазоворторини мардумем ба он ва агар ба суннати пайғамбараш ҳукм шавад, мо бад-он авло ҳастем.“*

*Дар ин ҷо ишколе аст, ки мутобиқи эътиқод шиъа ва шахси Амирулмӯъминин, (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 2, қисмати охир), зимомдорӣ ва имомат дар ислом интисобӣ ва бар тибқи насс аст, пас чаро ҳазрат дар муқобили ҳакамият таслим шуд ва сипас сахт аз он дифоъ мекард? Ҷавоби ин ишколро мо ба хубӣ аз зайли каломи Имом мефаҳмем, зеро ҳамчунон ки мефармоянд, агар дар Қуръон дуруст тадаббур ва қазоват шавад, ҷуз хилофат ва имомати ӯро натиҷа намедиҳад ва суннати Пайғамбар низ ба ҳамин минвол аст.*

### *Таъсири фиракӣ исломӣ дар якдигар*

*Мутолеа дар аҳволи Хаворичҷ аз ин назар барои мо арзанда аст, ки бифаҳмем, чӣ қадр дар таърихи исломӣ аз лиҳози сиёсӣ ва аз лиҳози ақида ва салиқа ва аз лиҳози фиқҳ ва аҳком асар гузоштаанд. Фиракӣ мухталиф ва дастаҳо ҳарчанд дар чаҳорчӯби шиорҳо аз якдигар дуранд, аммо гоҳе руҳи як мазҳаб дар як фирқаи дигар ҳулул мекунад ва он фирқа дар айни ин ки бо он мазҳаб мухолиф аст, руҳ ва маънои онро пазируфтааст. Табиати одамӣ дузд аст. Гоҳе ашхосе пайдо мешаванд, ки масалан суннӣ ҳастанд, аммо руҳан ва маънан шиъа ҳастанд ва гоҳе баръакс. Гоҳе шахсе табиатан муташарреъ ва зоҳирӣ аст ва руҳан мутасаввиф ва гоҳе баръакс. Ҳамчунин баъзе интиҳолан ва шиоран мумкин аст шиъа бошанд, аммо руҳан ва амалан хориҷӣ.*

*Ин, ҳам дар мавриди афрод содиқ аст ва ҳам дар бораи умматҳо ва миллатҳо. Ва ҳангоме, ки ниҳлаҳо бо ҳам муошир бошанд, ҳарчанд шиорҳо маҳфуз аст, аммо ақоид ва салиқаҳо ба якдигар сироят мекунад, ҳамон тавре, ки масалан қамазинӣ ва баланд кардани таблу шайпур аз ортодоксҳои Қафқоз ба Эрон сироят кард ва чун руҳияи мардум барои пазируфтани онҳо омодагӣ дошт, ҳамчун барқ дар ҳама ҷо давид.*

*Бинобар ин бояд ба руҳи фирқаҳои мухталиф пай бурд. Гоҳе фирқае мавлуди ҳусни занн ва –*

**ضع فعل أحيک على أحسنه**

*— ҳастанд мисли сунниҳо, ки мавлуди ҳусни занн ба шахсиятҳо ҳастанд ва фирқае мавлуди як навъ биниши махсус ва аҳаммият додан ба усули исломӣ, на ба афрод ва ашхос ва қаҳран мардуме мунтақид хоҳанд буд, мисли шиъаи садри аввал. Фирқае мавлуди аҳаммият додан ба ботини рӯҳ ва таъвили ботин мисли мутасаввифа ва фирқае мавлуди таъассуб ва ҷумуд ҳастанд мисли Хаворич. Вақте, ки руҳи фирқаҳо ва ҳаводиси таърихии аввали онҳоро шинохтем, беҳтар метавонем қазоват кунем, ки дар қуруни баъд чӣ ақоиде аз фирқае ба фирқаи дигар расида ва дар айни ҳифзи шиорҳо ва чаҳорчӯби номҳо, руҳи онҳоро пазируфтаанд.*

*Аз ин ҷиҳат ақоид ва афкор назири луғатҳо ҳастанд, ки бидуни он ки таъаммуде дар кор бошад, луғатҳои қавме дар қавми дигар сироят мекунад. Мисли ин ки баъд аз фатҳи Эрон ба василаи муслимин, калимоти арабӣ вориди луғати форсӣ шуд ва баръакс калимоти форсӣ ҳам дар луғати арабӣ ворид шуд. Ҳамчунин таъсири туркӣ дар забони арабӣ ва форсӣ, мисли туркии замони Мутаввакил ва туркии Салоҷиқа ва муғулӣ ва ҳамчунин аст соири забонҳои дунё ва ҳамчунин аст завққҳо ва салиқаҳо.*

*Тарзи тафаккури Хаворич ва руҳи андешаи онон — ҷумуди фикрӣ ва инфикоки таъаққул аз тадайюн — дар тӯли таърихи ислом ба суратҳои гуногуне дар дохили ҷомеаи исломӣ рахна кардааст. Ҳарчанд соири фирақ худро мухолиф бо онон мепиндоранд, аммо боз руҳи хориҷигариро дар тарзи андешаи онон меёбем. Ва ин нест ҷуз дар асари он чи ки гуфтем: табиати одамӣ дузд аст ва муоширатҳо ин дуздиро осон кардааст. Ҳамвора иддае хориҷимаслак буда ва ҳастанд, ки шиорашон мубориза бо ҳар шайъи ҷадид аст. Ҳатто васоили зиндагиро, ки гуфтем, ҳеч василаи моддӣ ва шакли зоҳирӣ дар ислом ранги тақаддус надорад, ранги тақаддус медиҳанд ва истифода аз ҳар василаи навро куфр ва зандақа мепиндоранд.*

*Дар байни мактабҳои эътиқодӣ ва илмии исломӣ ва ҳамчунин фиққӣ низ мактабҳоеро мебинем, ки мавлуди руҳи тафкики таъаққул аз тадайюн аст ва дуруст мактабашон*

*ҷилвагоҳи андешаи хориҷигарӣ аст; ақл дар роҳи кашфи ҳақиқат ва ё истихроҷи қонуни фаръӣ ба таври куллӣ тард шудааст, пайравӣ аз онро бидъат ва бединӣ хондаанд ва ҳол ин ки Қуръон дар оёти бисёр, башарро ба сӯйи ақл хонда ва басирати инсониро пуштвонаи даъвати илоҳӣ қарор додааст.*

*Мӯътазила, ки дар авоили қарни дуввуми ҳиҷрӣ ба вуҷуд омадаанд — ва пайдоишашон дар асари баҳсу ковиш дар тафсири маънои куфр ва имон буд, ки оё иртикоби кабира мӯҷиби куфр аст ё нест ва қаҳран пайдоиши онон бо Хавориҷ пайванд мехӯрад — мардуме буданд, ки то андозае мехостанд озод фикр кунанд ва як ҳаёти ақлӣ ба вуҷуд оваранд. Ҳарчанд аз мабодӣ ва мабонии илмӣ бебаҳра буданд, аммо масоили исломиро то ҳадде озодона мавриди баррасӣ ва тадаббур қарор медоданд, аҳодисро то ҳудуде наққодӣ мекарданд, танҳо оро ва назариётеро, ки ба ақидаи худ таҳқиқ ва иҷтиҳод карда буданд муттабаъ мешинохтанд. Ин мардум аз аввал бо мухолифатҳо ва муқоваматҳои аҳли ҳадис ва зоҳиргароён рӯ ба рӯ буданд; онҳое, ки танҳо завоҳири ҳадисро ҳуҷҷат медонистанд ва ба руҳ ва маънии Қуръон ва ҳадис коре надоштанд, барои ҳукми сареҳи ақл арзише қоил набуданд. Ҳар чи Мӯътазила барои андеша қимат қоил буданд, онон қиматро танҳо барои завоҳир мепиндоштанд. Дар тӯли як қарну ниме, ки аз ҳаёти мактаби ақли эътизол гузашт, бо навасонҳои аҷибе даст ба гиребон буданд, то оқибат мазҳаби ашъарӣ ба вуҷуд омад ва якбора арзиши тафаккур ва андешаҳои ақлии маҳз ва муҳосиботи фалсафии холисро мункир шуданд. Муддаъӣ буданд, ки бар мусалмонон фарз аст, ки ба он чи дар зоҳири таъбироти нақлӣ расидааст мутаъаббид бошанд ва дар умқи маъонӣ тадаббур ва тафаккур накунанд, ҳар гуна суолу ҷавоби чуну чаронӣ бидъат аст.*

*Имом Аҳмади Ҳанбал, ки аз имомони чаҳоргонаи аҳли суннат аст, сахт бо тарзи тафаккури эътизолӣ мухолифат мекард, ончунон ки ба зиндон афтод ва дар зери заработи шаллоқ воқеъ гашт ва боз ба мухолифати хеш идома медод. Билохира ашъариён пирӯз шуданд ва басоти тафаккури ақлиро барчиданд. Ва ин пирӯзӣ зарбаи бузурге бар ҳаёти ақлии олами ислом ворид оварда. Ашоира Мӯътазиларо асҳоби бидъат мешумурданд. Яке аз шуъарои ашъарӣ пас аз пирӯзии мазҳабашон мегӯяд:*

**ذهبت دولة أصحاب البدع**

**ووهى حبلهم ثم انقطع**

**وتداعى بانصراف جمعهم**

**حزب إبليس الذي كان جمع**

**هل لهم يا قوم في بدعتهم**

Хаворичӣ дар асари ин кӯтаҳназарӣ соири мусалмононро амалан мусалмон намедонистанд, забиҳаи онҳоро ҳалол намешумурданд, хунашонро мубоҳ медонистанд, бо онҳо издивоҷ намекарданд.

## Сиёсати Қуръон бар найза кардан

Сиёсати “ Қуръон бар найза кардан“ 13 қарн аст, ки каму беш миёни муслимин роиҷ аст. Махсусан ҳар вақт муқаддасмаобон ва мутазоҳирон зиёд мешаванд ва тазоҳур ба тақво ва зуҳд бозор пайдо мекунад, сиёсати Қуръон бар найза кардан аз тарафи истифодачиҳо роиҷ мегардад. Дарсҳое, ки аз ин ҷо бояд омӯхт:

---

**من فقيه أو إمام يتبع**

*(Ал-мӯътазила, таълифи Зуҳдӣ Ҷоаллоҳ, с.185) “Даврони қудрати соҳибони бидъат аз миён рафт ва ресмонашон суст шуд ва сипас мунқатеъ гашт. Ва ҳизбе, ки шайтон ҷамъашон карда буд, ҳамдигарро хонданд, то ҷамъашонро мутафарриқ кунанд ҳаммаслакон! Оё онон дар бидъатҳояшон фақеҳ ё имоми қобили иттбоъе доштанд?”*

*Мактаби ахборигарӣ низ — ки як мактаби фиққии шиъӣ аст ва дар қарнҳои ёздаҳум ва дувоздаҳуми ҳичрӣ ба авҷи қудрати худ расид ва бо мактаби зоҳириюн ва аҳли ҳадис дар аҳли суннат бисёр наздик аст ва аз назари сулуки фиққӣ ҳар ду мактаб сулуки воҳиде доранд ва танҳо ихтилофашон дар аҳодисе аст, ки бояд пайравӣ кард — як навъ инфикоки таъаққул аз тадайюн аст. Ахбориҳо кори ақлро ба куллӣ таътил карданд ва дар мақоми истихроҷи аҳкоми исломӣ аз мутуни он, дарки ақлро аз арзиш ва ҳуҷҷият андохтанд ва пайравӣ аз онро ҳаром донистанд ва дар таълифоти хеш бар усулийин — тарафдорони мактаби дигари фиққи шиъӣ — сахт тохтанд ва мегуфтанд: фақат китобу суннат ҳуҷҷатанд. Албатта ҳуҷҷияти китобро низ аз роҳи тафсири суннат ва ҳадис мегуфтанд ва дар ҳақиқат Қуръонро низ аз ҳуҷҷият андохтанд ва фақат зоҳири ҳадисро қобили пайравӣ медонистанд.*

*Мо акнун дар садад нестем, ки тарзҳои мухталифи тафаккури исломиро дунбол кунем ва мактабҳои пайрави инфикоки таъаққул аз тадайюнро, ки ҳамон руҳи хориҷигарӣ аст баҳс кунем — ин баҳсе аст, ки доманае бисёр васеъ дорад — балки танҳо ғараз, ишорае ба таъсири фирақ дар якдигар буд ва ин ки мазҳаби хориҷигарӣ бо ин ки дере напоид, аммо руҳаш дар тамоми қурун ва аъсори исломӣ ҷилвагар будааст то акнун, ки иддае аз нависандагони муосир ва равшанфикри дунёи ислом низ тарзи тафаккури ононро ба сурати мудерн ва имрӯзӣ даровардаанд ва бо фалсафаи ҳиссӣ пайванд додаанд.*

а) Дарси аввал ин аст, ки ҳар вақт ҷоҳилҳо ва нодонҳо ва бехабарҳо мазҳари қудсу тақво шинохта шаванд ва мардум онҳоро сумбули мусалмони амалӣ бидонанд, василаи хубе ба дасти зиракҳои манфиатпараст меафтад. Ин зиракҳо ҳамвора онҳоро олати мақосиди хеш қарор медиҳанд ва аз вуҷуди онҳо садде муҳкам ҷилави афкори муслеҳони воқеӣ месозанд. Бисёр дида шудааст, ки аносири зидди исломӣ расман аз ин васила истифода кардаанд, яъне нерӯи худи исломро алайҳи ислом ба кор андохтаанд. Истеъмори ғарб тачрибаи фаровоне дар истифода аз ин васила дорад ва дар мавқеъи худ аз таҳрики козиби эҳсосоти муслимин хусусан дар заминаи эҷоди тафриқа миёни муслимин баҳрагирӣ менамояд. Чӣ қадр шармовар аст, ки масалан мусалмони дилсӯхтае дар садади берун рондани нуфузи хоричӣ барояд ва ҳамон мардуме, ки ӯ мехоҳад онҳоро начот диҳад, бо ном ва унвони дин ва мазҳаб садде дар муқобили ӯ гарданд. Оре, агар тӯдаи мардум ҷоҳил ва бехабар бошанд, мунофиқон аз сангари худи ислом истифода менамоянд. Дар Эрони худамон, ки мардум ифтихори дӯстӣ ва вилояти аҳли байти атҳорро доранд, мунофиқон аз номи муқаддаси аҳли байт ва аз сангари муқаддаси “валои аҳли байт“ сангаре алайҳи Қуръон ва ислом ва аҳли байт ба нафъи яҳуди ғосиб месозанд. Ва ин, шанеътарин ақсоми зулм ба ислом ва Қуръон ва Пайғамбари Акрам ва аҳли байти он бузургавор аст. Расули Акрам фармуд:

إني ما أخاف على أمتي الفقر ولكن أخاف عليهم سوء التدبير

“*Ман аз ҳуҷуми фақр ва тангдастӣ бар уммати худам бимнок нестам, он чи аз он бар умматам бимнокам, качандешӣ аст. Он чи фақри фикрӣ бар умматам ворид мекунад, фақри иқтисодӣ ворид намекунад*.“

б) Дарси дуввум ин аст, ки бояд кӯшиш кунем, тарзи истинботамон аз Қуръон саҳеҳ бошад. Қуръон он гоҳ роҳнамо ва ҳодӣ аст, ки мавриди тадбири саҳеҳ воқеъ шавад, олимона тафсир шавад, аз роҳнамоиҳои аҳли Қуръон, ки росихин дар илми Қуръонанд баҳра гирифта шавад. То тарзи истинботи мо аз Қуръон саҳеҳ набошад ва то роҳу расми истифода аз Қуръонро наёмӯзем, аз он баҳраманд нахоҳем гашт. Судҷӯён ва ё нодонон гурӯҳӣ Қуръонро мехонанд ва эҳтимоли ботилро дунбол мекунанд, ҳамчунон ки аз забони “Наҳҷул-балоға” шунидед, онҳо калимаи ҳақро мегӯянд ва аз он ботилро ирода мекунанд. Ин, амал ба Қуръон ва эҳёи он нест, балки имотаи Қуръон аст. Амал ба Қуръон он гоҳ аст, ки дарк аз он дарки саҳеҳ бошад.

Қуръон ҳамвора масоилро ба сурати куллӣ ва усулӣ тарҳ мекунад, вале истинбот ва татбиқи куллӣ бар ҷузъӣ баста ба фаҳму дарки саҳеҳи мост. Масалан дар Қуръон

нанавишта, дар ҷанге, ки дар фалон рӯз байни Алӣ ва Муовия дармегирад, ҳақ бо Алӣ аст. Дар Қуръон ҳамин қадр омадааст, ки:

وَإِنْ طَائِفَتَانِ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ اقْتَتَلُوا فَأَصْلِحُوا بَيْنَهُمَا ۖ فَإِنْ بَغَتْ إِحْدَاهُمَا عَلَى الْأُخْرَىٰ فَقَاتِلُوا الَّتِي تَبْغِي حَتَّىٰ تَفِيءَ إِلَىٰ أَمْرِ اللَّهِ

(*Ҳуҷурот/9*) “*Агар ду гурӯҳ аз мӯъминон корзор карданд, оштӣ диҳед ононро. Ва агар яке бар дигаре саркашӣ ва ситамгарӣ кунад, бо он ки ситамгар аст набард кунед, то ба сӯйи фармони Худо баргардад*.“

Ин Қуръон ва тарзи баёни Қуръон. Аммо Қуръон намегӯяд, дар фалон ҷанг фалон кас ҳақ аст ва дигаре ботил.

Қуръон яке яке исм намебарад, намегӯяд, баъд аз чиҳил сол ё камтар ва ё бештар марде ба номи Муовия пайдо мешавад ва бо Алӣ ҷанг мекунад, шумо ба нафъи Алӣ вориди ҷанг шавед. Ва набояд ҳам вориди ҷузъиёт бишавад. Қуръон набояд мавзӯътро шумора кунад ва ангушти рӯйи ҳаққу ботил бигузорад. Чунин чизе мумкин нест. Қуръон омадааст, то ҷовидона бимонад, пас бояд усул ва куллиётро равшан кунад, то дар ҳар асре ботиле рӯ дар рӯи ҳақ қарор мегирад, мардум бо меъёри он куллиёт амал кунанд. Ин дигар вазифаи худи мардум аст, ки бо ироаи асли:

وَإِنْ طَائِفَتَانِ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ اقْتَتَلُوا

— чашмашонро боз кунанд ва фирқаи тоғиро аз фирқаи ғайри тоғӣ ташхис диҳанд. Ва агар воқеан фирқаи саркаш даст аз саркашӣ кашид, бипазиранд ва аммо агар даст накашид ва ҳила кард ва барои ин ки худро аз шикаст наҷот диҳад, то фурсати ҷадиде барои ҳамла ба даст оварад ва дубора саркашӣ кунад ва ба зайли оят, ки мефармояд:

فَإِنْ بَغَتْ إِحْدَاهُمَا عَلَى الْأُخْرَىٰ فَقَاتِلُوا

— мутамиссик шавад, ҳила ӯро напазиранд. Ташхиси ҳамаи инҳо бо худи мардум аст. Қуръон мехоҳад мусалмонон рушди ақлӣ ва иҷтимоӣ дошта бошанд ва ба мӯҷиби ҳамон рушди ақлӣ марди ҳақро аз ғайри марди ҳақ тамйиз диҳанд. Қуръон наомадааст, ки барои ҳамеша бо мардум монанди валии сағир бо сағир амал кунад, ҷузъиёти зиндагии онҳоро бо қаймумият анҷом диҳад ва ҳар мавриди хоссро бо аломат ва нишонаи ҳиссӣ таъйин намояд. Асосан шинохти ашхос ва мизони салоҳияти онҳо ва ҳудуди шоистагӣ ва вобастагии онҳо ба ислом ва ҳақоиқи исломӣ худ як вазифа аст ва ғолибан мо аз ин вазифаи хатир ғофилем.

Алӣ (а) мефармуд:

إنكم لن تعرفوا الرشد حتى تعرفوا الذي تركه

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 147*) “*Ҳаргиз ҳақро нахоҳед шинохт ва ба роҳи рост пай нахоҳед бурд магар он кас, ки роҳи ростро раҳо карда бишносед*.“

Яъне шинохти усул ва куллиёт ба танҳоӣ фоида надорад, то татбиқ ба мисдоқ ва ҷузъӣ нашавад, зеро мумкин аст бо иштибоҳ дар бораи афрод ва ашхос ва бо нашинохтани маврид, бо номи ҳақ ва номи ислом ва таҳти шиорҳои исломӣ, бар зидди ислом ва ҳақиқат ва ба нафъи ботил амал кунед.

Дар Қуръон зулму золим ва адлу ҳақ омадааст, аммо бояд дид, мисдоқи онҳо кадом аст? Зулмеро ҳақ ва ҳаққеро зулм ташхис надиҳем ва баъд ба мӯҷиби ҳамин куллиёт ва ба ҳукми Қуръон — ба хаёли худамон — сари адолат ва ҳақро набуррем.

## Лузуми пайкор бо нифоқ

Мушкилтарини муборизаҳо мубориза бо нифоқ аст, ки мубориза бо зиракҳое аст, ки аҳмақҳоро васила қарор медиҳанд. Ин пайкор аз пайкор бо куфр ба маротиб мушкилтар аст, зеро дар ҷанг бо куфр, мубориза бо як ҷараёни макшуф ва зоҳир ва бепарда аст ва аммо мубориза бо нифоқ, дар ҳақиқат мубориза бо куфри мастур аст. Нифоқ ду рӯ дорад, як рӯ зоҳир, ки ислом аст ва мусалмонӣ ва як рӯ ботин, ки куфр аст ва шайтанат ва дарки он барои тӯдаҳо ва мардуми оддӣ бисёр душвор ва гоҳе ғайримумкин аст ва аз ин рӯ мубориза бо нифоқҳо ғолибан ба шикаст бархӯрдааст, зеро тӯдаҳо шуоъи даркашон аз сарҳадди зоҳир намегузарад ва нуҳуфтаро равшан намесозад ва он қадр бурд надорад, ки то аъмоқи ботинҳо нуфуз кунад. Амирулмӯъминин (а) дар номае, ки барои Муҳаммад ибни Абӯбакр навишт, мегӯяд:

ولقد قال لي رسول الله: إني لا أخاف على أمتي مؤمنا ولا مشركا، أما المؤمن فيمنعه الله بإيمانه وأما المشرك فيقمعه الله بشركه، ولكني أخاف عليكم كل منافق الجنان عالم اللسان، يقول ما تعرفون ويفعل ما تنكرون

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 27*) “*Пайғамбар ба ман гуфт: ман бар умматам аз мӯъмин ва мушрик наметарсам. Зеро мӯъминро Худованд ба сабаби имонаш бозмедорад ва мушрикро ба хотири саркашиаш хор мекунад. Ва лекин бар шумо аз ҳар мунофиқи дилдонозабон метарсам, ки он чиро меписандед мегӯяд ва он чиро ношоиста медонед мекунад*.“

Дар ин ҷо Расулуллоҳ аз ноҳияи нифоқ ва мунофиқ эъломи хатар мекунад, зеро оммаи уммат бехабар ва ноогоҳанд ва аз зоҳирҳо фиреб мехӯранд.[16]

---

[16] *Ва аз ин рӯ дар тӯли таърихи ислом мебинем, ҳар вақт муслиҳе ба хотири мардум ва ислоҳи вазъи иҷтимоӣ ва динии онон қиём кардааст ва манофеъи судҷӯён ва бедодгарон ба мухотира афтодааст, онҳо билофосила либоси қудс пӯшидаанд ва ба тақво ва дин тазоҳур кардаанд. Маъмун, халифаи аббосӣ, ки айёшиҳо ва исрофҳои ӯ дар таърихи зимомдорон маъруф ва машҳур аст, чун алавиёнро мебинад, ки даст ба наҳзат задаанд, ҷубаашро васла мезанад ва бо либоси васладор дар иҷтимоъот зоҳир мегардад, ки Абулфазли Байҳақӣ, ки аз дирҳаму динори ӯ низ истифода накарда ва баҳрае набурдааст, Маъмунро бар ин кор меситояд ва мадҳ мегӯяд:*

*Маъмун он, к-аз мулуки давлати ислом*
*Ҳаргиз чун ӯ надид тозиву деҳқон.*
*Ҷуббае аз хаз бидошт бар тан чандон-к*
*Судаву фарсуда гашт бар вайу халқон.*
*Мар нудаморо аз он фузуд таъаҷҷуб,*
*Карданд аз вай суол аз сабаби он.*
*Гуфт зи шоҳон ҳадис монад боқӣ,*
*Дар арабу дар аҷам на тӯзиву каттон.*

*Ва дигарон ҳар кадом ба наҳве сиёсати мухарриб ва кӯбандаи "Қуръон бар найза"-ро пеш гирифтанд ва тамоми заҳматҳо ва фидокориҳоро дарҳам кӯбиданд ва наҳзатҳоро дар нутфа хафа карданд ва ин нест ҷуз аз ҷаҳолат ва нодонии мардум, ки мобайни шиорҳо ва воқеиёт, тамйиз намедиҳанд ва аз ин рӯ роҳи наҳзат ва ислоҳро ба рӯйи хеш бастанд ва он гоҳ бедор гаштанд, ки муқаддамоти ҳама хунсо гашта ва бояд роҳро боз аз сар гирифт. Аз ҷумлаи нуктаҳои бузурге, ки аз сирати Алӣ меомӯзем ин аст, ки инчунин муборизае ихтисос ба ҷамъияте хосс надорад, балки дар ҳар ҷо, ки иддае аз мусалмонон ва онон, ки дар зийи дин қарор гирифтаанд олати пешрафти бегонагон ва пешбурди аҳдофи истеъморӣ шуданд ва истеъморгарон барои тазмини манофеъи худ ба онон татаррус карданд ва ононро барои хеш сипар гирифтанд, ки муборизаи онон бидуни аз байн бурдани он сипарҳо имконпазир нест, бояд ибтидо бо сипарҳо мубориза кард ва онҳоро аз байн бурд, то садди роҳ бартараф гардад ва битавон бар қалби душман ҳамла бурд. Шояд таҳрикоти Муовия дар харобкории Хавориҷ муассир буда ва бинобар ин он рӯз ҳам Муовия ва ё дастикам амсоли Ашъас ибни Қайс, аносири харобкор ва нороҳат ба Хавориҷ татаррус карда буданд. Достони Хавориҷ ин ҳақиқатро ба мо*

Ва бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки ҳар андоза аҳмақ зиёд бошад, бозори нифоқ доғтар аст. Мубориза бо аҳмақ ва ҳамоқат, мубориза бо нифоқ низ ҳаст, зеро аҳмақ абзори дасти мунофиқ аст. Қаҳран мубориза бо аҳмақ ва ҳамоқат, халъи силоҳ кардани мунофиқ ва шамшер аз дасти мунофиқ гирифтан аст.

## Алӣ, имом ва пешвои ростин

Саросари вуҷуди Алӣ, таърих ва сирати Алӣ, хулқу хӯйи Алӣ, рангу бӯйи Али, сухан ва гуфтугӯи Алӣ дарс аст ва сармашқ аст ва таълим аст ва раҳбарӣ аст. Ҳамчунон, ки ҷазбҳои Алӣ барои мо омӯзанда ва дарс аст, дафъҳои ӯ низ чунин аст. Мо маъмулан дар зиёратҳои Алӣ муддаъӣ мешавем, ки мо дӯсти дӯсти ту ва душмани душмани ту ҳастем. Таъбири дигари ин ҷумла ин аст, ки мо ба сӯйи он нуқта меравем, ки дар ҷавви ҷозибии ту қарор дорад ва ту ҷазб мекунӣ ва аз он нуқот дурӣ мегзинем, ки ту онҳоро дафъ мекунӣ.

Он чи дар баҳсҳои гузашта гуфтем, гӯшае аз ҷозиба ва дофиаи Алӣ буд. Махсусан дар мавриди дофиаи Алӣ ба ихтисор баргузор кардем, аммо аз он чи гуфтем, маълум шуд, ки Алӣ ду табақаро сахт дафъ кардааст:

1 — мунофиқони зирак;

2 — зоҳидони аҳмақ.

Ҳамин ду дарс, барои муддаъиёни ташайюъи ӯ кофӣ аст, ки чашм боз кунанд ва фиреби мунофиқонро нахӯранд, тезбин бошанд ва зоҳирбиниро раҳо намоянд, ки ҷомеаи ташайюъ дар ҳоли ҳозир сахт ба ин ду дард мубталост.

والسلام على من اتبع الهدى

*Поёни китоб*

---

*меомӯзад, ки дар ҳар наҳзате аввал бояд сипарҳоро нобуд кард ва бо ҳамоқатҳо ҷангид, ҳамчунон ки Алӣ пас аз ҷараёни таҳким, аввал ба Хавориҷ пардохт ва сипас хост, то боз ба суроғи Муовия равад*.